**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШКАДАИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

# ҲИСОБОТ
# ДАР ХУСУСИ ПУРСИШИ ШАҲРВАНДОН ОИД БА БАҲОДИҲИИ МУОМИЛОТИ АСЪОРИ НАҚДИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 22 август то 1 сентябри соли 2014**
**(баҳо, динамика ва дурнамо)**

**Душанбе**
**"ЭР-граф"**
**2015**

Нашри “Ҳисобот дар хусуси пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таҳия шудааст. Ин нашрия баҳодиҳӣ, таҳлил ва дурнамои нишондиҳандаҳои муомилоти асъори нақди хориҷиро дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Дар ҳисоботи мазкур натиҷаҳои назарпурсии шаҳрвандон оид ба истифодаи асъори нақди хориҷӣ ба чоп расонда шудааст (ё баён карда шудааст). Пурсиши мазкур мутобиқи шартномаи байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки аз 30 июли соли 2014 №172-308 баста шудааст, омода гардид. Ҳисобот бо забони тоҷикӣ ба нашр мешавад.

«Отчёт об опросе граждан относительно оценки обращения иностранной наличной валюты в Республике Таджикистан» разработан Национальным банком Таджикистана. Данный отчет включает оценку, анализ и прогноз показателей обращения иностранной наличной валюты в Республике Таджикистан. В данном отчете опубликованы результаты опроса граждан по вопросам использования иностранной наличной валюты. Данный опрос был подготовлен в соответствии с договором заключенным между Национальным банком Таджикистана и Институтом финансов и экономики Таджикистана от 30 июля 2014, №172-308. Отчет опубликован на таджикском языке.

The National Bank of Tajikistan has developed the “Population Survey on circulation of cash foreign currency in the Republic of Tajikistan”. Publication includes assessment, analysis and forecast indicators in the Republic of Tajikistan. In this report are published results of a survey of citizens about usage of foreign currency in the Republic of Tajikistan. This survey has been prepared according to the contract №172-308 from July 30 between National Bank of Tajikistan and Finance and Economy Institute of Tajikistan. The report is published in Tajik language.

## МУНДАРИЧА:


Сах.

Муқаддима 8

**Қисми 1. Методологияи пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** **13**

1.1. Мақсад ва вазифаҳои пурсиш (тадқиқот) **13**

1.2. Тартиби гузаронидани пурсиш **14**

1.3. Қоидаҳои пур кардани пурсишнома (анкета) **15**

1.4. Шарҳу эзоҳи иловагӣ **15**

**Қисми 2. Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар соли 2014** **16**

2.1. Маълумоти умумӣ оид ба шахси пурсидашаванда **16**

2.2. Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чанд сомонӣ аст? **33**

2.3. Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст? **37**

2.4. Манбаи даромади маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар мегиранд, кадомҳоянд? **40**

2.5. Интиқоли маблағҳои пулие, ки Шумо аз хориҷа мегиред, асосан аз кадом кишварҳо мебошанд? **42**

2.6. Маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро Шумо бо кадом роҳ мегиред? **44**

2.7. Шумо асъори нақди хориҷиро ба кадом мақсадҳо сарф менамоед? **46**

2.8. Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморед? **50**

2.9. Бо кадом сабаб Шумо бо худ нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморед? **52**

2.10. Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи пасандозро афзалиятноктар мешуморед? **54**

2.11. Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед? **56**

2.12. Оё Шумо медонед, ки дар бонкҳои амалкунандаи Тоҷикистон амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад? 58
2.13. Шумо бо кадом шакл (нақдӣ ё ғайринкдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред? 59
2.14. Аз нигоҳи Шумо, садди раҳи нигоҳдории маблағҳои пулии Шумо дар чист? 62
2.15. Дар оилаи Шумо ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст? 64
2.16. Бо кадом намуди асъор гирифтани қарзро афзалиятноктар мешуморед? 65
2.17. Бо кадом намуди асъор пардохти қарзро афзалиятноктар мешуморед? 67
2.18. Вазни қиёсии асъори хориҷии нақдина, ки Шумо чанд соли охир доштед 68
2.19. Дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагии Шумо, нигоҳдории кадом намуди асъор афзалиятноктар аст? 70

**Қисми 3. Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2014** **72**
3.1. Динамикаи нишондиҳандаҳои демографӣ – иҷтимоӣ оид ба респондентҳо (шахси пурсидашаванда) 72
3.2. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чанд сомонӣ аст? » 91
3.3. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?» 92
3.4. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар даромад мегиранд, кадомҳоянд?» 95
3.5. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Интиқоли маблағҳои пулие, ки Шумо аз хориҷа мегиред, асосан аз кадом кишварҳо мебошанд?» 98
3.6. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи 100

«Маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро бо кадом роҳ мегиред?»
3.7. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Шумо асъори нақди хориҷиро бо кадом мақсадҳо сарф менамоед?» **102**
3.8. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағҳои нақдиро афзалиятноктар мешуморед?» **105**
3.9. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Бо кадом сабаб, Шумо нигоҳ доштани маблаға нақдиро афзалиятноктар мешуморед?» **107**
3.10. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани пасандозро афзалиятноктар мешуморед?» **109**
3.11. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед?» **111**
3.12. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Оё Шумо медонед, ки дар бонкҳои амалкунандаи Тоҷикистон амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад?» **113**
3.13. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Шумо бо кадом шакл (нақдӣ ё ғайринақдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред?» **114**
3.14. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Аз нигоҳи Шумо, садди раҳи нигоҳдории пули Шумо дар чист?» **117**
3.15. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Дар оилаи Шумо, ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст?» **119**
3.16. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Бо кадом намуди асъор гирифтани қарзро афзалиятноктар мешуморед?» **120**
3.17. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Бо кадом намуди асъор пардохти қарзро афзалиятноктар мешуморед?» **122**
3.18. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Вазни қиёсии асъори хориҷии нақдина, ки Шумо чанд соли **125**

охир доштед?»
3.19. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагии Шумо, нигоҳдории кадом намуди асъор афзалиятноктар аст?» 126

**Қисми 4. Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 дар асоси бузургиҳои миёнаи динамикӣ** **129**
4.1. Дурнамои даромади умумии моҳонаи оила барои соли 2015 129
4.2. Дурнамои ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оила аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда барои соли 2015 129
4.3. Дурнамои манбаи маблағҳои пулӣ, ки аз кишварҳои дигар даромад мегиранд, барои соли 2015 130
4.4. Дурнамои интиқоли маблағҳои пулии аз кишварҳои хориҷӣ воридшаванда барои соли 2015 131
4.5. Дурнамои роҳҳои гирифтани интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшаванда барои соли 2015 131
4.6. Дурнамои мақсаднок сарф намудани асъори нақди хориҷӣ барои соли 2015 132
4.7. Дурнамои афзалиятноктар шуморидани нигоҳдории маблағҳои нақдӣ бо намудҳои мухталифи асъор барои соли 2015 133
4.8. Дурнамои афзалиятноктар шуморидани сабабҳои нигоҳ доштани маблағҳои нақдӣ барои соли 2015 134
4.9. Дурнамои афзалиятноктар шуморидани нигоҳ доштани маблағи пасандоз бо намудҳои мухталифи асъор барои соли 2015 135
4.10. Дурнамои сабабҳои нигоҳдории амонат аз рӯи асъор дар бонк барои соли 2015 136
4.11. Дурнамои кафолати амонати шаҳрвандон дар бонкҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 136
4.12. Дурнамои нигоҳдории маблағҳои пулӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ барои соли 2015 137
4.13. Дурнамои садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулӣ барои соли 2015 138

4.14. Дурнамои қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 **139**
4.15. Дурнамои гирифтани қарз бо ягон намуди асъор барои соли 2015 **139**
4.16. Дурнамои пардохти қарз бо ягон намуди асъор барои соли 2015 **140**
4.17. Дурнамои вазни қиёсии асъори хориҷии нақдина барои соли 2015 **140**
4.18. Дурнамои нигоҳдории намуди асъор барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ барои соли 2015 **141**

**Қисми 5. Тафсири методологӣ** **142**
5.1. Нишондодҳои методӣ доир ба истифодаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ **142**
5.2. Дурнамо дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи динамикӣ **142**
5.3. Нишондоди методӣ доир ба истифодаи нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ, сатҳи қатори динамикӣ **143**

**Қисми 6. Замима, ҷадвалҳои ҷамъбастии маълумот дар солҳои 2013-2014, варақаҳои коркарди маълумоти пурсиш доир ба ноҳияҳо, вилоятҳо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон** **146**
6.1. Замимаи 1: Рӯйхати пурсишгарон **146**
6.2. Пурсишномаи шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **147**
6.3. Роҳнамо дар хусуси тартиби гузаронидани пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **149**

*Имрӯз фурсате расидааст, ки ба қадри яке аз рамзҳои давлатдорӣ – пули миллӣ бирасем, ифтихор намоем ва ба он эҳтиром гузорем*

***Э. Раҳмон***

## МУҚАДДИМА

Тайи солҳои охир, дар муомилоти пулии Тоҷикистон дар баробари пули миллӣ – сомонӣ, инчунин, истифодаи васеи доллари амрикоӣ, евро, рубли русӣ ва қисман асъори кишварҳои ҳамсоя ба чашм мерасад. Истифодаи асъори нақди хориҷӣ маъмул буда, вале ҳиссаи он дар динамикаи маҷмӯи муомилоти пулии кишвар тамоили гуногунро дорад.

Тағйирёбии таркиб ва сохтори муомилоти пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати баҳодиҳӣ, таҳия ва дурнамои муомилоти асъори нақди хориҷиро дар солҳои наздик ба миён овард. Воридшавии чунин маблағҳои нақди хориҷӣ ва мавқеи онҳо дар ташаккули даромадҳои пулии аҳолӣ, тарзи муқаррар ва баҳо додани асъори нақди хориҷӣ (чунин равандро метавон «асъорикунонии даромади оила, хонадорӣ» номид) ба ҳисоб меравад.

Аз ин хотир, ҳаҷми асъори нақди хориҷии дар муомилотбуда, на танҳо бо ёрии нишондиҳандаҳои маъмулӣ, ба монанди «сатҳи долларизатсия», «долларизатсияи ғайрирасмӣ», «самаранокии ҳаҷми пул», «таносуби байни ҳаҷми асъори нақди хориҷӣ ва ҳаҷми пули нақди миллӣ», балки ба воситаи бузургии нисбӣ, - ҳиссаи маблағҳои воридшуда аз кишварҳои хориҷӣ дар ҷамъи умумии даромади оила (хонавода) баҳо дода мешавад. Албатта, дар ин ҷо нишондиҳандаи вазни қиёсии маблағҳои нақди аз хориҷа воридшуда дар маҷмӯи даромадҳои умумии моҳонаи (солонаи) оила (хонавода) дар назар дошта шудааст.

Маблағҳои нақде, ки ба Тоҷикистон аз кишварҳои гуногуни хориҷӣ ворид мешаванд, манбаъҳои гуногун дошта, аҳолӣ -«респондентҳо» онҳоро бо роҳҳои гуногун дастрас менамояд. Масъалаи муҳиме, ки ба мафҳуми «воридшавӣ» вобаста аст, ин сарфи маблағҳои нақди хориҷӣ барои мақсадҳои муайян, ба монанди истеъмоли озуқа ва хизматҳо, табдилдиҳии асъори нақд ба дигар дороиҳо (хариди хона, автомобил ва ғайра), андӯхти (тезавратсияи) пул, соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ (инвеститсия) ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Афзалиятноктар донистани нигоҳдорӣ (амонатгузорӣ), гирифтан ва пардохти қарз, пасандоз бо ягон намуди асъор омили психологӣ – иқтисодиест, ки аҳолӣ (респондентҳо) вобаста аз вазъи иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар муайян менамояд.

Бинобар ин, барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ дар оянда, ба кадом намуди асъор афзалият доданро худи аҳолӣ (респондентҳо) ихтиёрӣ муқаррар менамояд. Масъалаҳое, ки дар боло қайд шуданд, зарурати гузаронидани пурсиш – тадқиқотро доир ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён овард. Ҳадафи пурсиш – тадқиқоти муштараки Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд - БМТ) ва Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (минбаъд - ДМИТ) - ин муайян кардани ақидаи аҳолӣ нисбати истифодаи асъори нақди хориҷӣ, ҳолати имрӯзаи хизматрасониҳои бонкӣ ва ошкор намудани камбудию норасоиҳо, қобилияти гардиши асъори хориҷӣ дар муомилоти кишвар нисбати пули миллӣ – сомонӣ мебошад. Пурсиши мазкур имконият медиҳад, ки мушкилоту норасоиҳои мавҷуда оид ба пурра истифода намудани пулӣ миллӣ - сомонӣ дар амалиётҳои гуногуни иқтисодӣ ошкор ва ҳаҷми асъори хориҷии нақдинаи дар гардишбуда муайян карда шавад.

Бояд қайд кард, ки пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ аз 22 август то 1 сентябри соли 2014 дар 24 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Суғд (як шаҳр ва панҷ ноҳия), вилояти Хатлон (7 ноҳия), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (1 шаҳр ва 3 ноҳия), ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (6 ноҳия) ва шаҳри Душанбе гузаронида шуд.

Дар пурсиш – тадқиқоти мазкур 24 нафар устодони ДМИТ ҷалб гардиданд. Макони гузаронидани пурсиш – шаҳр, шаҳрак ва деҳот, бозорҳо, корхонаҳо ва дигар мавзеъҳо интихоб карда шудааст. Ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар пурсишнома (анкета) бе талаби ягон ҳуҷҷат қайд карда шудаанд. Барои расонидани ёрии методӣ ба пурсишгарон (интервюерҳо) «Роҳнамо дар хусуси тартиби гузаронидани пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст. Дохил намудани маълумот ба мошини электронии ҳисоббарор (МЭҲ), маълумот доир ба респондент ба рамз даровварда шудааст, яъне махфӣ будани маълумот пурра риоя гардидааст.

Ҳисобот доир ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муқаддима ва шаш қисм иборат аст.

Қисми якум доир ба мақсаду вазифаҳои пурсиш (тадқиқот), тартиби гузаронидани пурсиш, Қоидаҳои пур кардани пурсишнома (анкета) ва Шарҳу эзоҳи иловагӣ маълумот медиҳад.

Қисми дуюми ҳисоботи мазкур ба баҳодиҳии нишондиҳандаҳои муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 бахшида шудааст.

Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар солҳои 2013-2014 дар қисми сеюми ҳисобот оварда шудааст. Дар таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳо на танҳо бузургиҳои мутлақ ва нисбӣ, инчунин барои баҳодиҳии ҷамъбастии суръати тағйироти сохторӣ коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ: $\delta_{d1-do} = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n}(d_{i1} - d_{io})^2}{n}}$ - ҳисоб карда шуда, дар шакли ҷадвал ва диаграммаҳо пешниҳод шудаанд.

Қисми чоруми ҳисобот ба дурнамои нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи динамикӣ ( $У_P = Ув + \overline{\Delta}L$) дурнамои онҳо ҳисоб карда шуда, дар шакли диаграмма тасвир гаштаанд.

Қисми панҷуми ҳисобот тавсифи методологиро дар бар мегирад, услуби ҳисоб кардани коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ($\delta_{d1-d0}$), усули дурнамо дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи динамикӣ шарҳ дода шудааст ва методологияи мазкур дар таҳлили нишондиҳандаҳои баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидааст.

Қисми шашуми ҳисобот замима, ҷадвалҳои ҷамъбастии маълумот дар соли 2014, диаграмма ва варақаҳои коркарди маълумоти пурсиш доир ба ноҳияҳо, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

# ҚИСМИ 1
# МЕТОДОЛОГИЯИ ПУРСИШИ ШАҲРВАНДОН ОИД БА БАҲОДИҲИИ МУОМИЛОТИ АСЪОРИ НАҚДИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Мақсад ва вазифаҳои пурсиш (тадқиқот)

Гузаронидани пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои мақсадҳои зерин нигаронида шудааст:

1.1 Муқаррар намудани ҳудудҳои даромади умумии моҳонаи пурсидашавандагон (минбаъд - респондентон) бо сомонӣ;

1.2 Тафриқабандии респондентҳо ба гурӯҳҳо аз рӯи ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳона дар оила (хоҷагии хонагӣ) аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда;

1.3 Муайян кардани ҳиссаи интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар, аз ҳисоби резидентҳо ва ғайрирезидентҳо барои таҳияи тавозуни пардохти Тоҷикистон;

1.4 Муқаррар намудани сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ дар манотиқи кишвар;

1.5 Муайян намудани мақсадҳои истифодаи асъори нақди хориҷӣ дар сатҳи оила (хоҷагии хонагӣ);

1.6 Муайян намудани дараҷаи боварии респондентҳо ба пули миллӣ (сомонӣ) ва асъори нақди хориҷӣ дар солҳои оянда;

1.7 Андешидани чораҳои зарурӣ аз тарафи БМТ баҳри паст кардани асъорикунонии иқтисодиёт ва таварруми пул, таъмин кардани устуворин қобилияти харидории дохилӣ ва берунии сомонӣ.

Барои иҷрои амалии мақсадҳои дар боло зикргардида иҷрои вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

– ҷамъоварии маълумоти умумӣ оид ба респондент;

– ҷамъоварии маълумот доир ба масъалаҳои сатҳи асъорикунонии даромади оила (хоҷагии хонагӣ);

– ҷамъоварии маълумот оиди масъалаҳои фонди кафолати амонатҳои (депозитҳои) респондентҳо;

– гирд овардани маълумот доир ба қарздории оила (хоҷагии хонагӣ), афзалиятноктар шумоpидани қарз бо асъори хориҷӣ, ё пули миллӣ (сомонӣ) ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии респондентҳо аз рӯи нигоҳдорӣ (ғункунии) пули нақди миллӣ (сомонӣ) ва ё асъори нақди хориҷӣ.

## 1.2 Тартиби гузаронидани пурсиш

1. БМТ бо ДМИТ дар пурсиш (тадқиқот) иштирок менамояд. Пурсиши муштариён (минбаъд - "респондентҳо") дар муддати 10 рӯз гузаронида шуда, пурсишномаҳо ба БМТ пешниҳод карда мешавад;

2. ДМИТ барои гузаронидани пурсиш гурӯҳи корӣ ташкил менамояд. Гурӯҳи корӣ респондентҳо мақсади гузаронидани пурсиш (таҳлил), инчунин Қоидаҳои пур кардани пурсишномаро мефаҳмонад;

3. ДМИТ баъди ҷамъбаст пурсишномаҳои пуркардашударо коркард намуда, аз рӯи онҳо ҳисоботи ҷамъбастиро ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

4. Барои ҳалли мушкилот, дархост ё дигар масъалаҳо оид ба гузаронидани пурсиш аз ҷониби БМТ Идораи омор ва тавозуни пардохт масъул мебошад.

## 1.3. Қоидаҳои пур кардани пурсишнома (анкета)

1. Барои гузаронидани пурсиш гурӯҳи корӣ дар ноҳияҳо, аз ҷумла маҳалҳо, бозорҳо, корхонаҳо ва дигар мавзеъҳо ба респондент пурсишномаро пешниҳод менамояд;

2. Респондент бояд бо диққат пурсишномаро омӯхта, ба ҳар савол як ё ин ки ду ва зиёд ҷавобро интихоб намояд;

3. Респондент баъд аз пур кардани пурсишнома онро ба гурӯҳи корӣ бармегардонад;

4. Дар пурсишнома номи шахс қайд карда намешавад ва пур кардани пурсишнома ихтиёрӣ мебошад.

## 1.4 Шарҳу эзоҳи иловагӣ

БМТ якҷоя бо ДМИТ ҷиҳати баҳодиҳии дараҷаи истифодаи асъори нақди хориҷии дар муомилотбуда аз тарафи аҳолӣ пурсиш (таҳқиқ) мегузаронад.

Ҳадаф аз гузаронидани ин пурсиш муайян кардани ақидаи аҳолӣ нисбати истифодаи асъори нақди хориҷӣ, ҳолати имрӯзаи хизматрасониҳои бонкӣ ва ошкор намудани камбудию норасоиҳо, қобилияти гардиши асъори хориҷӣ дар муомилоти кишвар нисбати пули миллии сомонӣ мебошад.

Пурсиши мазкур имкон медиҳад, ки мушкилоту норасоиҳои мавҷуда оид ба пурра истифода нашудани пули миллии сомонӣ дар амалиётҳои гуногуни иқтисодӣ ошкор гардад ва ҳаҷми асъори хориҷии нақдинаи дар гардишбуда муайян карда шавад.

# ҚИСМИ 2
# БАҲОДИҲИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МУОМИЛОТИ АСЪОРИ НАҚДИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1 Маълумоти умумӣ оид ба шахси пурсидашаванда

Теъдоди респондентон (шахсони пурсидашаванда), ки дар пурсиш доир ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд, 5999 нафар, аз ҷумла мардон – 3750 нафар ва занон – 2249 нафар аст. Ҳиссаи мардон дар ҷамъи умумии респондентон – 62,51% ва занон – 37,49%-ро ташкил медиҳад. Ҷинсияти респондентон дар диаграммаи 1 нишон дода шудааст.




*Диаграммаи 1. Тақсими респондентҳо аз рӯи ҷинс (бо фоиз)*

Сатҳи номутаносибии ҷинсияти респондентҳо дар маҷмӯъ ба 0,25 банди фоиз баробар аст.

Ҷинсияти респондентон дар вилоятҳои Суғд, Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо тарзи зайл баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: теъдоди респондентон 1496 нафар, аз ҷумла мардон – 914 нафар (61,09%) ва занон – 582 нафар (38,91%) аст. Сатҳи номутаносибии ҷинсияти респондентҳо ба 0,22 банди фоиз баробар аст;

2. Вилояти Хатлон: шумораи респондентҳо 1754 нафарро ташкил дода, дар таркиби он теъдоди мардон – 1104 нафар (62,94%) ва занон – 650 нафар (37,06%) аст. Сатҳи номутаносибии ҷинсияти респондентҳо ба 0,25 банди фоиз баробар аст;

3. ВМКБ: теъдоди респондентон – 1003 нафар, аз он ҷумла мардон – 551 нафар (54,93%) ва занон – 452 нафар (45,07%) аст. Сатҳи номутаносибии ҷинсияти респондентҳо 0,09 банди фоизро ташкил медиҳад;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: шумораи респондентҳое, ки дар пурсиш иштирок кардаанд, 1495 нафар, аз ҷумла мардон – 983 нафар (65,75%) ва занон 512 нафар (32,25%) мебошад. Сатҳи номутаносибии ҷинсияти респондентҳо ба 0,31 банди фоиз баробар аст;

5. Шаҳри Душанбе: теъдоди респондентҳо 251 нафар, аз ҷумла мардон – 198 нафар (78,88%) ва занон – 53 нафар (21,12%) аст. Сатҳи номутаносибии ҷинсияти респондентон 0,57 банди фоизро ташкил медиҳад.

Дар пурсиши шаҳрвандон доир ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон респондентҳои гурӯҳҳои синну соли гуногун иштирок намуданд. Таркиби синну соли респондентҳо – ин тақсимоти пурсидашавандагон аз рӯи аломати синну солӣ аст. Чунин гурӯҳҳои фосилаи синну солии респондентҳо муайян карда шудааст: аз 16 то 25 сола; аз 26 то 35 сола; аз 46 то 55 сола; аз 56 то 65 сола; аз 66 то 75 сола ва аз 76 сола ва калонтар. Инчунин дар рафти тадқиқот нишондиҳандаи синну соли миёнаи респондентҳо ҳисоб карда шудааст.

Теъдоди респондентҳо дар фосилаи аз 16 то 25 сола - 606 нафар, аз 26 то 35 сола – 1220 нафар, аз 36 то 45 сола – 1650 нафар, аз 46 то 55 сола – 1302 нафар, аз 56 то 65 сола – 789 нафар, аз 66 то 75 сола – 332 нафар ва аз 76 сола калонтар 100 нафарро ташкил медиҳад (ниг. ба диаграммаи 2). Ҳиссаи қиёсии ҳар як гурӯҳи синну солии респондентҳо дар муқоиса ба маҷмӯи онҳо бо таври зайл баҳо дода мешавад: аз 16 то 25 сола – 10,10%; аз 26 то 35 сола – 20,34%; аз 36 то 45 сола – 27,50%; аз 46 то 55 сола – 21,70%; аз 56 то 65 сола – 13,15%; аз 66 то 75 сола – 5,53% ва аз 76 сола калонтар – 1,67%. Синну соли миёнаи респондентҳое, ки дар пурсиш иштирок намудаанд, 43,6 солро ташкил медиҳад $(\bar{x} = 43{,}6\,сол)$. Нигаред ба Диаграммаи 2:




***Диаграммаи 2. Тақсими респондентҳо аз рӯи гурӯҳҳои синну сол (бо фоиз)***

Тақсимоти респондентҳо аз рӯи аломати гурӯҳҳои синну солӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ), ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо тарзи зайл баҳодиҳӣ карда мешавад.

1. Вилояти Суғд: аз 16 то 25 сола – 160 нафар (10,70%), аз 26 то 35 сола – 28 нафар (18,78%), аз 36 то 45 сола – 351 нафар (23,46%), аз 46 то 55 сола – 328 нафар (21,93%), аз 56 то 65 сола – 251 нафар (16,79%), аз 66 то 75 сола – 97 нафар (6,48%) ва аз 76 сола ва калон – 28 нафар (1,87%). Синну соли миёнаи респондентҳо ба 44,7 сол баробар аст $(\bar{x} = 44{,}7\,сол)$;

2. Вилояти Хатлон: аз 16 то 25 сола – 161 нафар (9,18%), аз 26 то 35 сола – 398 нафар (22,69%), аз 36 то 45 сола – 493 нафар (28,11%), аз 46 то 55 сола – 358 нафар (20,41%), аз 56 то 65 сола – 228 нафар (13,0%), аз 66 то 75 сола – 97 нафар (5,53%) ва аз 76 сола ва калон – 19 нафар (1,08%). Синну соли миёнаи респондентҳое, ки дар пурсиш иштирок кардаанд, 43,1 солро ташкил медиҳад $(\bar{x} = 43{,}1\,сол)$;

3. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ): аз 16 то 25 сола – 82 нафар (8,17%), аз 26 то 35 сола – 150 нафар (14,96%), аз 36 то 45 сола – 259 нафар (25,82%), аз 46 то 55 сола – 284 нафар (28,32%), аз 56 то 65 сола – 135 нафар (13,46%), аз 66 то 75 сола – 60 нафар (5,98%) ва аз 76 ва калон – 33 нафар (3,29%). Синну соли миёнаи респондентҳо ба 46,0 сол баробар аст $(\bar{x} = 46{,}0\,сол)$;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: аз 16 то 25 сола – 196 нафар (13,11%), аз 26 то 35 сола – 364 нафар (24,35%), аз 36 то 45 сола – 410 нафар (27,42%), аз 46 то 55 сола – 261 нафар (17,46%), аз 56 то 65 сола – 170 нафар (11,37%), аз 66 то 75 сола – 74 нафар (4,95%) ва аз 76 сола ва калон – 20 нафар (1,34%). Синну соли миёнаи респондентҳо ба 41,5 сол баробар аст $(\bar{x} = 41{,}5 \text{сол})$;

5. Шаҳри Душанбе: аз 16 то 25 сола – 7 нафар (2,79%), аз 26 то 35 сола – 27 нафар (10,76%), аз 36 то 45 сола – 137 нафар (54,58%), аз 46 то 55 сола – 71 нафар (28,29%), аз 56 то 65 сола – 5 нафар (1,99%), аз 66 то 75 сола – 4 нафар (1,59%). Синну соли миёнаи респондентҳо ба 42,6 сол баробар аст $(\bar{x} = 42{,}6 \text{сол})$.

Макони зисти респондентон шаҳр, шаҳрак ва деҳот аст. Аз маҷмӯи пурсидашудагон, ҳиссаи респондентони шаҳрӣ - 1078 нафар (17,97%), шаҳрак – 1521 нафар (25,35%) ва деҳот – 3400 нафар (56,68%) мебошад (ниг.ба диаграммаи 3).




***Диаграммаи 3. Тақсими респондентҳо аз рӯи макони зист (бо фоиз)***

Дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ), ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе интихоби респондентҳо бо таври зерин тавсиф карда мешавад:

1. Вилояти Суғд: шаҳр – 340 нафар (22,73%), шаҳрак – 258 нафар (17,25%) ва деҳот – 898 нафар (60,03%);

2. Вилояти Хатлон: шаҳр – 327 нафар (18,64%), шаҳрак – 580 нафар (33,07%) ва деҳот – 847 нафар (48,29%):

3. ВМКБ: шаҳр – 139 нафар (13,86%), шаҳрак – 211 нафар (21,04%) ва деҳот – 653 нафар (65,10%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: шаҳр – 123 нафар (8,23%), шаҳрак – 376 нафар (25,15%) ва деҳот – 996 нафар (66,62%);

5. Шаҳри Душанбе: шаҳр – 149 нафар (59,36%), шаҳрак – 96 нафар (38,25%) ва маҳалҳо – 6 нафар (2,39%).

Вазъи оилавии респондентҳо аз рӯи таркиб ба гурӯҳҳои оиладор, муҷаррад ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда тақсим карда шудааст. Аз ҷамъи умумии респондентон 4744 нафар (79,08%) оиладор, 859 нафар (14,32%) муҷаррад ва 396 нафар (6,60%) аз зан (шавҳар) ҷудошуда мебошанд (ниг.ба диаграммаи 4).




*Диаграммаи 4. Тақсими респондентҳо аз рӯи вазъи оилавӣ (бо фоиз)*

Дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе таркиби респондентҳо аз рӯи аломати демографии вазъи оилавӣ ба тарзи зерин баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: теъдоди оиладор – 1170 нафар (78,21%), муҷаррад – 229 нафар (15,31%) ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда – 97 нафар (6,48%);

2. Вилояти Хатлон: оиладор – 1447 нафар (82,49%), муҷаррад – 196 нафар (11,17%) ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда – 111 нафар (6,33%);

3. ВМКБ: оиладор – 768 нафар (76,57%), муҷаррад – 147 нафар (14,66%) ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда – 88 нафар (8,77%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: оиладор – 1121 нафар (74,98%), муҷаррад – 279 нафар (18,66%) ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда – 95 нафар (6,35%);

5. Шаҳри Душанбе: оиладор – 238 нафар (94,82%), муҷаррад – 8 нафар (3,19%) ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда – 5 нафар (1,99%).

Баҳодиҳии таркиби вазъи оилавии респондентон исбот месозад, ки дар пурсиш бештар оиладорон нисбат ба муҷаррад ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда иштирок намуданд.

Ҳайати оила тақсимоти пурсидашавандагонро дар навбати аввал аз рӯи шумораи (андозаи) аъзои оилаи онҳо муайян месозад. Тибқи ин аломат, оила гурӯҳи одамонеро меноманд, ки аз рӯи хешу таборӣ, истиқомати якҷоя ва пеш бурдани хоҷагӣ ва буҷети умумӣ муттаҳид шудаанд. Аз ин хотир, дар давраи гузаронидани пурсиш яке аз аъзои оила, хешу табори наздик ба оила ба саволҳои пурсишнома ҷавобҳои худро пешниҳод намуданд.

Дар маҷмӯи таркиби респондентҳо, узвияти аъзои оила, ки ба саволҳои пурсишнома ҷавоб доданд, бо тариқи зайл ҷамъбаст гардид: шавҳар – 848 нафар (14,14%), бародар – 339 нафар (5,65%), падар – 1864 нафар (31,07%), писар – 641 нафар (10,69%), домод – 75 нафар (1,25%), хешу табор – 61 нафар (1,02%), завҷа – 506 нафар (8,43%), хоҳар – 214 нафар (3,57%), модар – 1049 нафар (17,49%), духтар – 175 нафар (2,92%), келин – 146 нафар (2,43%) ва бегона – 81 нафар (1,35%).

Тақсимоти респондентҳо, ки ҳамчун узви оила ба саволҳои пурсишнома ҷавоб доданд, дар диаграммаи 5 оварда шудааст.




***Диаграммаи 5. Тақсими респондентҳо аз рӯи аъзои оила (шахсе, ки аввал пурсида шудааст) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо фоиз)***

Тибқи маълумоти ҷамъовардашуда, теъдоди умумии аъзои оила 31633 нафарро ташкил дода, ба ҳар як нафар респондент ба ҳисоби миёна 5,3 нафар рост меояд.

Маълумот доир ба шахсони пурсидашуда аз рӯи минтақаҳо (вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе) бо тариқи зайл ҷамъбаст гардид:

1. Вилояти Суғд: теъдоди аъзои оила аз рӯи узвият, ки ба саволҳои пурсишнома ҷавоб додаанд – шавҳар – 130 нафар (8,69%), бародар – 94 нафар (6,29%), падар – 512 нафар (34,22%), писар – 176 нафар (11,76%), домод – 20 нафар (1,34%), хешу табор – 22 нафар (1,47%), завҷа – 166 нафар (11,10%), хоҳар – 49 нафар (3,26%), модар – 241 нафар (16,11%), духтар – 42 нафар (2,81%), келин – 37 нафар (2,47%) ва бегона – 7 нафар (0,47%);

2. Вилояти Хатлон: сохтори респондентҳое, ки ба саволҳои пурсишнома аввалин шуда ҷавоб доданд – шавҳар – 246 нафар (14,03%), бародар – 105 нафар (5,99%), падар – 532 нафар (30,33%), писар – 162 нафар (9,24%), домод – 20 нафар (1,14%), хешу табор – 15 нафар (0,86%), завҷа – 134 нафар (7,64%), хоҳар – 87 нафар (4,96%), модар – 334 нафар (19,04%), духтар – 39 нафар (2,22%), келин – 22 нафар (1,25%) ва бегона – 58 нафар (3,25%);

3. ВМКБ: тақсимоти респондентҳо аз рӯи посух ба саволҳои пурсишнома – шавҳар – 164 нафар (16,35%), бародар – 15 нафар (1,50%), падар – 270 нафар (26,92%), писар – 102 нафар (10,17%), домод – 13 нафар (1,30%), хешу табор – 4 нафар (0,40%), завҷа – 108 нафар (10,77%), хоҳар – 24 нафар (2,39%), модар – 188 нафар (18,84%), духтар – 48 нафар (4,79%), келин – 61 нафар (6,08%) ва бегона – 6 нафар (0,6%) мебошад;

4. Ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ: тақсимоти респондентҳо аз рӯи додани ҷавобҳо ба саволи пурсишнома – шавҳар – 201 нафар (13,44%), бародар – 115 нафар (7,69%), падар – 499 нафар (33,38%), писар – 174 нафар (11,64%), домод – 20 нафар (1,34%), хешу табор – 18 нафар (1,20%), завҷа – 64 нафар (4,28%), хоҳар – 53 нафар (3,55%), модар – 272 нафар (18,19%), духтар – 44 нафар (2,94%), келин – 25 нафар (1,67%) ва бегона – 10 нафар (0,67%)-ро ташкил медиҳад;

5. Шаҳри Душанбе: таъдоди аъзои оила, ки аввалин шуда ба саволҳои анкета ҷавоб доданд – шавҳар – 107 нафар (42,63%), бародар – 10 нафар (3,98%), падар – 51 нафар (20,32%), писар – 27 нафар (10,76%), домод – 2 нафар (0,80%), хешу табор – 2 нафар (0,80%), завҷа – 34 нафар (13,55%), хоҳар – 1 нафар (0,39%), модар – 14 нафар (5,58%), духтар – 2 нафар (0,80%) ва келин (0,80%).

Ҳайати маълумотдории респондентҳо – ин тақсимоти пурсидашавандаҳо мебошад, ки аз рӯи дараҷаи маълумот муайян карда мешавад. Маълумот – ин маҷмӯи донишҳои махсус ва малакаи таҷрибавист, ки дар раванди таълим ҳар як шахс ба даст овардааст. Барои баҳодиҳии маълумотдории респондентҳо дар анкета чунин сатҳи маълумот: олӣ, олии нопурра, миёнаи махсус, ибтидоии касбӣ - техникӣ, миёнаи умумӣ дохил карда шудааст. Ҳамзамон, ба таври иловагӣ саволҳои «Дигар» ва «Ҷавоб мушкил аст» дар пурсишнома ҷой дода шудааст.




***Диаграммаи 6. Тақсими респондентҳо аз рӯи дараҷаи маълумотнокӣ (бо фоиз)***

Дар сатҳи ҷумҳурӣ аз маҷмӯи пурсидашудагон – 2068 нафар (34,47%) дорои маълумоти олӣ, 875 нафар (14,59%) – олии нопурра, 745 нафар (12,42%) – миёнаи махсус, 573 нафар (9,55%) – ибтидоии касбӣ – техникӣ, 1390 нафар (23,17%) – миёнаи умумӣ мебошанд. Теъдоди 219 нафар (3,65%) респондентон ҷавоб доданд, ки дорои дигар маълумот мебошанд. Аз шумораи умумии респондентҳо 129 нафар (2,15%) барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Сохтори респондентҳо аз рӯи дараҷаи маълумотдорӣ дар диаграммаи 6 нишон дода шудааст.

Таркиби респондентҳо аз рӯи дараҷаи маълумот дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо тарзи зерин баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: теъдоди респондентон, ки дорои маълумоти олӣ мебошанд – 497 нафар (33,22%), олии нопурра – 210 нафар (14,04%), миёнаи махсус – 198 нафар (13,24%), ибтидоии касбӣ – техникӣ – 162 нафар (10,83), миёнаи умумӣ – 383 нафар (25,60%), дигар – 2,41%. Танҳо 10 нафар ё ин ки 0,67 фоизи респондент барои додани ҷавоб ба саволи дараҷаи маълумот мушкилӣ кашиданд;

2. Вилояти Хатлон: респондентҳои дорои маълумоти олӣ – 642 нафар (36,60%), олии нопурра – 292 нафар (16,65%), миёнаи махсус – 187

нафар (10,66%), ибтидоии касбӣ – техникӣ – 136 нафар (7,75%), миёнаи умумӣ – 416 нафар (23,72%) ва дигар – 44 нафар (2,51%). Аз теъдоди умумии пурсидашудагон 37 нафар (2,11%) барои ҷавобдиҳӣ мушкилӣ кашиданд;

3. ВМКБ: теъдоди респондентҳо, ки дорои маълумоти олӣ мебошанд – 448 нафар (44,67%), олии нопурра – 120 нафар (11,96%), миёнаи махсус – 120 нафар (11,96%), ибтидоии касбӣ – техникӣ 114 нафар (11,37%), миёнаи умумӣ – 149 нафар (14,86%) ва дигар – 20 нафар (1,99%). Теъдоди респондентҳо, ки барои додани ҷавоб ба саволи мазкур худдорӣ намудаанд, 32 нафар (3,19%) аст;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: теъдоди дорандагони маълумоти олӣ 376 нафар (25,15%), олии нопурра – 215 нафар (14,38%), миёнаи махсус – 178 нафар (11,91%), ибтидоии касбӣ – техникӣ – 148 нафар (9,90%), миёнаи умумӣ – 410 нафар (27,42%) ва дигар – 118 нафар (7,89%). Теъдоди респондентҳое, ки дар додани ҷавоб мушкилӣ кашидаанд, 50 нафар (3,34%) аст;

5. Шаҳри Душанбе: теъдоди дорандагони маълумоти олӣ – 105 нафар (41,83%), олии нопурра – 38 нафар (15,14%), миёнаи махсус – 62 нафар (24,70%), ибтидоии касбӣ – техникӣ – 13 нафар (5,18%), миёнаи умумӣ – 32 нафар (12,75%) ва дигар – 1 нафар (0,39%)-ро ташкил медиҳад.




*Диаграммаи 7. Тақсими респондентҳо аз рӯи соҳаи шуғл (бо фоиз)*

Респондентҳо дорои шуғлӣ мухталиф мебошанд. Барои иҷрои ин мақсад, дар пурсишнома соҳаҳои зайл – хизмати давлатӣ, иқтисодӣ ва молия, кишоварзӣ, тиҷорат, нақлиёт, хизматрасонии маишӣ, хонашин ва дигар соҳа ҷой дода шудааст.

Соҳаи шуғли респондентҳо ва тақсимоти онҳо дар маҷмӯъ дар диаграммаи 7 нишон дода шудааст.

Дар сохтори соҳаи шуғл тақсимоти респондентҳо дар миқёси соҳаи гузориши меҳнат бо таври зерин баҳо дода мешавад: хизмати давлатӣ – 1418 нафар (22,90%), иқтисод ва молия – 459 нафар (7,41%), кишоварзӣ – 652 нафар (10,53%), тиҷорат – 744 нафар (12,02%), нақлиёт – 515 нафар (8,32%), хизматрасонии маишӣ – 322 нафар (5,20%), хизматрасонии хӯроки умумӣ – 213 нафар (3,44%), хонашин – 867 нафар (14,00%) ва дигар – 1001 нафар (16,17%).

Тақсимоти респондентҳо аз рӯи соҳаҳои шуғл дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо таври зайл баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: хизмати давлатӣ – 228 нафар (14,52%), иқтисод ва молия – 124 нафар (7,90%), кишоварзӣ – 146 нафар (9,30%), тиҷорат – 208 нафар (13,25%), нақлиёт – 138 нафар (8,79%), хизматрасонии маишӣ – 151 нафар (9,62%), хизматрасонии хуроки умумӣ – 91 нафар (5,79%), хонашин – 234 нафар (14,90%) ва дигар – 250 нафар (15,92%);

2. Вилояти Хатлон: хизмати давлатӣ – 541 нафар (30,01%), иқтисод ва молия – 119 нафар (6,62%), кишоварзӣ – 221 нафар (12,29%), тиҷорат – 209 нафар (11,62%), нақлиёт – 135 нафар (7,51%), хизматрасонии маишӣ – 74 нафар (4,11%), хизматрасонии хӯроки умумӣ – 64 нафар (3,56%), хонашин – 235 нафар (13,01%) ва дигар – 200 нафар (11,12%);

3. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшо (ВМКБ): хизмати давлатӣ – 367 нафар (35,84%), иқтисод ва молия – 58 нафар (5,66%), кишоварзӣ – 35 нафар (3,42%), тиҷорат – 140 нафар (13,67%), нақлиёт – 101 нафар (9,86%), хизматрасонии маишӣ – 46 нафар (4,49%), хизматрасонии хӯроки умумӣ – 26 нафар (2,54%), хонашин – 173 нафар (16,89%) ва дигар – 78 нафар (7,62%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: хизмати давлатӣ – 255 нафар (16,55%), иқтисод ва молия – 62 нафар (4,02%), кишоварзӣ – 220 нафар (14,28%), тиҷорат – 149 нафар (9,67%), нақлиёт – 101 нафар (6,55%), хизматрасонии

маишӣ – 45 нафар (2,92%), хизматрасонии хӯроки умумӣ – 30 нафар (1,95%), хонашин – 213 нафар (13,82%) ва дигар – 466 нафар (30,24%);

5. Шаҳри Душанбе: хизмати давлатӣ – 27 нафар (10,47%), иқтисод ва молия – 96 нафар (37,21%), кишоварзӣ – 30 нафар (11,63%), тиҷорат – 38 нафар (15,14%), нақлиёт – 40 нафар (15,50%), хизматрасонии маишӣ – 6 нафар (2,33%), хизматрасонии хӯроки умумӣ – 2 нафар (0,77%), хонашин – 12 нафар (4,65%) ва дигар – 7 нафар (2,71%).




***Диаграммаи 8. Тақсими респондентҳо аз рӯи вазифа (бо фоиз)***

Аз рӯи вазифаҳои ишғолшуда, респондентҳо ба категорияҳои зерин тақсим карда мешаванд (ниг.ба диаграммаи 8). Теъдоди хизматчӣ – 1711 нафар (28,45%), соҳибкор – 1001 нафар (16,64%), коргари кироя – 636 нафар (10,57%), худкордеҳ – 636 нафар (10,57%), нафақахӯр – 671 нафар (11,16%), дигар – 985 нафар (16,38%).

Шумораи респондентҳое, ки дар ҷавоб ба саволи мазкур мушкилӣ кашидаанд, 374 нафар (6,22%) аст.

Тақсимоти респондентҳо аз рӯи вазифаи ишғолшуда, дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе ба таври зерин баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: хизматчӣ – 327 нафар (21,80%), соҳибкор – 282 нафар (8,80%), коргари кироя – 195 нафар (13,00%), худкордеҳ – 117 нафар (7,80%), нафақахӯр – 144 нафар (9,60%), дигар – 389 нафар (25,93%). Теъдоди 46 нафар (3,07%) барои додани ҷавоб мушкилӣ кашиданд;

2. Вилояти Хатлон: хизматчӣ – 530 нафа (30,58%), соҳибкор 0 308 нафар (17,77%), коргаи кироя – 180 нафар (10,39%), худкордеҳ – 190 нафар (10,96%), нафақахӯр – 193 нафар (11,14%) ва дигар – 236 нафар (13,62%). Теъдоди 96 нафар (5,54%) барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд;

3. ВМКБ: хизматчӣ – 479 нафар (47,57%), соҳибкор – 127 нафар (12,66%), коргари кироя – 66 нафар (6,55%), худкордеҳ – 147 нафар (14,60%), нафақахӯр – 129 нафар (12,81%) ва дигар – 15 нафар (1,49%). Теъдоди респондентоне, ки дар ҷавоб додани саволи мазкур мушкилӣ кашиданд, 44 нафар (4,32%) аст;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: хизматчӣ – 272 нафар (17,89%), соҳибкор – 224 нафар (14,74%), коргари кироя – 138 нафар (9,08%), худкордеҳ – 164 нафар (10,79%), нафақахӯр – 194 нафар (12,76%) ва дигар – 340 нафар (22,37%). Респондентоне, ки дар ҷавоб додани саволи мазкур мушкилӣ доштанд, 188 нафар (12,37%) мебошад;

5. Шаҳри Душанбе: хизматчӣ - 103 нафар (40,55%), соҳибкор – 60 нафар (23,62%), коргари кироя – 57 нафар (22,44%), худкордеҳ – 18 нафар (7,09%), нафақахӯр – 11 нафар (4,33%) ва дигар – 5 нафар (1,97%).

Таркиби касбии респондетҳо-тақсимоти пурсидашавандаҳо аз рӯи аломати ихтисосдорӣ аст. Касб (ихтисос) - намуди таҳкимии нисбии фаъолияти мехнатӣ аст ва донишҳои назариявӣ ва малакаҳои махсуси меҳнатро ифода менамояд. Тақсимоти респондентҳо, тибқи рамзи ихтисосҳо дар диаграммаи 9 пешниход шудааст.

Ҳамин тавр таҳлили респондентҳо аз рӯи аломати демографӣ - иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки ба алоқаи байни аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар баҳои миқдорӣ дода шавад, ҳамзамон параметрҳои сифатии пурсидашавандагон метавонанд дар натиҷаи ниҳоии фаъолияти иқтисодии онҳо, хусусан ташаккули даромад, нақши муҳимро адо намоянд.

## 2.2 Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чанд сомонӣ аст?

Даромад мафҳуми сермаъно аст. Дар тадқиқоти мазкур, мафҳуми даромад ҳамчун ҳамарзишии захира дониста шуда, бо ифодаи пулӣ ва натуралӣ барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ, пардохтҳои андозӣ ва пардохтҳои дигари ихтиёрӣ, инчунин андӯхт истифода бурда мешавад. Афзоиши даромади аҳолӣ - асоси болоравии сатҳи зиндагии мардум буда, дар ниҳояти кор сарвати миллии мамлакатро афзун мегардонад.

Нишондиҳандаи асосии таъминнокии моддии аҳолӣ - ин даромади умумӣ буда, таркиби он аз намудҳои гуногуни даромадҳои бадастовардаи аъзои оила (хоҷагии хонагӣ) иборат аст. Асосан, маҷмӯи даромадҳои аҳолӣ бо нишондиҳандаи арзишӣ - пулӣ ҳисоб карда мешавад.

Даромади асосии аҳолӣ - ин даромадҳои пулиест, ки аз ҳаққи меҳнати ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ, нафақа, ёрдампулӣ, стипендия ва трансфертҳои дигари иҷтимоӣ, даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, даромад аз моликият дар намуди фоиз ва пасандозҳо, қоғазҳои қимматнок, ҳаққи саҳмия (дивиденд) ва ғайра иборат мебошад.

Бо мақсади муайян кардани нишондиҳандаи даромади умумии оила дар як моҳ дар саволномаи анкета сутуни аз 100 то 1000 сомонӣ, аз 1000 то 2000 сомонӣ, аз 2000 то 3000 сомонӣ, аз 3000 то 4000 сомонӣ ва аз 4000 сомонӣ ва зиёд дохил карда шуда, тибқи он маълумот ҷамъоварӣ карда шудааст. (ниг.ба диаграммаи 10).




***Диаграммаи 10. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чад сомонӣ аст" (бо фоиз)***

Теъдоди 1943 нафар (33,40%) респондентон нишон доданд, ки даромади умумии моҳонаи оилаи онҳо аз 100 то 1000 сомонӣ, 2259 нафар (38,83%) аз 1000 то 2000 сомонӣ, 1166 нафар (20,04%) аз 2000 то 3000 сомонӣ, 328 нафар (5,64%) аз 3000 то 4000 сомонӣ ва 122 нафар (2,09%) зиёда аз 4000-ро ташкил медиҳад. Даромади миёнаи моҳонаи респондентҳо 1558,80 сомонӣ аст, ки чунин ҳаҷми даромад ба 72,22 фоизи респондентҳо рост меояд. Ҳиссаи респондентҳое, ки даромади умумии моҳонаи оилаи онҳо аз 2000 то 4000 сомонӣ ва зиёд аст, 1616 нафар ё ин ки 27,78 фоизро ташкил медиҳад.

Дар вилояти Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе даромади умумии моҳонаи респондентон гуногун буда, ба таври зайл баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: теъдоди 355 нафар (24,13%) ҷавоб доданд, ки даромади умумии моҳонаи онҳо аз 100 то 1000 сомонӣ, 581 нафар (39,50%) – аз 1000 то 2000 сомонӣ, 400 нафар (27,19%) – аз 2000 то 3000 сомонӣ, 86 нафар (5,85%) - аз 3000 то 4000 сомонӣ ва 49 нафар (3,33%) – аз 4000 сомонӣ ва зиёдро ташкил медиҳад. Даромади миёнаи моҳонаи оилаи респондентҳо ба 1759,52 сомонӣ баробар аст;

2. Вилояти Хатлон: теъдоди 678 нафар (41,34%) иттилоъ додаанд, ки даромади моҳонаи оилаи онҳо аз 100 то 1000 сомонӣ, 615 нафар (37,50%)

аз 1000 то 2000 сомонӣ, 260 нафар (15,85%) аз 2000 то 3000 сомонӣ, 62 нафар (3,78%) аз 3000 то 4000 сомонӣ ва 25 нафар (1,52%) аз 4000 сомонӣ ва зиёдро ташкил медиҳад. Даромади моҳонаи оилаи респондентҳо ба ҳисоби миёна 1387,1 сомониро ташкил медиҳад;

3. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (минбаъд - ВМКБ): теъдоди 180 нафар (18,05%) ба саволи мазкур ҷавоб доданд, ки даромади умумии моҳонаи оилаи онҳо дар ҳудуди аз 100 то 1000 сомонӣ аст. Инчунин 425 нафар (42,63%) респондент иттилоъ доданд, ки даромади умумии онҳо аз 1000 то 2000 сомонӣ, 278 нафар (27,88%) аз 2000 то 3000 сомонӣ, 102 нафар (10,23%) аз 3000 то 4000 сомонӣ ва 12 нафар (1,20%) аз 4000 сомонӣ ва зиёд аст. Даромади моҳонаи оилаи респондентҳо ба ҳисоби миёна 1848,0 сомониро ташкил медиҳад;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: теъдоди 535 нафар (36,67%) респондентон иброз намуданд, ки даромади умумии моҳонаи оилаи онҳо аз 100 то 1000 сомонӣ, 589 нафар (40,37%) аз 1000 то 2000 сомонӣ, 222 нафар (15,22%) аз 2000 то 3000 сомонӣ, 77 нафар (5,28%) аз 3000 то 4000 сомонӣ ва 36 нафар (2,48%) аз 4000 сомонӣ ва зиёдро ташкил медиҳад. Даромади умумии моҳонаи оилаи респондентҳо ба ҳисоби миёна 1483,3 сомониро ташкил медиҳад;

5. Шаҳри Душанбе: теъдоди респондентҳое, ки даромади умумии моҳонаи оилаи онҳо аз 100 то 1000 сомониро ташкил медиҳад, 195 нафар (77,69%), аз 1000 то 2000 сомонӣ - 49 нафар (19,52%), аз 2000 то 3000 сомонӣ - 6 нафар (2,39%) ва аз 3000 то 4000 сомонӣ 1 нафар (0,39%) мебошад. Даромади умумии оилаи респондентҳо ба ҳисоби миёнаи моҳона 793,8 сомонӣ аст[1].

Натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки даромади умумии оила 72,22 ҳиссаи маҷмӯи респондентҳо дар ҳудуди аз 100 то 2000 сомонӣ мебошад. Танҳо 27,78 фоизи респондентҳо қаноатманд аз он буданд, ки даромади умумии оилаи онҳо дар фосилаи аз 2000 то 4000 сомонӣ ва зиёд мебошад. Дар натиҷаи чунин таносуб аён мегардад, ки гурӯҳҳои камдаромади аҳолӣ – дар таҳияи сиёсати иҷтимоии давлат барои солҳои оянда ҷанбаи зарурӣ ба ҳисоб мераванд.

[1] Бо сабаби паст будани сатҳи фарогирии шумораи респондентҳо дар ш. Душанбе ба вуқуъ пайваст

### 2.3 Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?

Дар ташаккули даромади умумии аҳолӣ, ҳиссаи маблағҳои асъори хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешавад, мунтазам зиёд шуда истодааст. Торафт зиёд шудани ҳиссаи (фоизи) даромади умумии аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда, ки тайи солҳои охир ба чашм мерасад, яке аз ҳадафҳои асосии гузаронидани пурсиш дар байни респондентҳо ба ҳисоб меравад.

Аз ин хотир, пурсишгарон (интервюерҳо) дар рафти пурсиш ҳарчӣ бештар кӯшиш ба харҷ доданд, ки маълумоти боэътимодро доир ба саволи «Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?» ҷамъоварӣ намоянд (ниг.ба диаграммаи 11).




***Диаграммаи 11. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?"(бо фоиз)***

Теъдоди 1031 нафар (21,12%) респондентҳо иттилоъ доданд, ки то 10 фоизи ҳиссаи даромади умумии моҳонаи оилаи онҳо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшуда ташаккул ёфтааст. Инчунин ба

саволи мазкур, аз 10 то 20 фоиз – 1570 нафар (32,56%), аз 20 то 30 фоиз – 1217 нафар (25,44%) ва аз 30 фоиз ва зиёд – 1004 нафар (20,82%) респондентҳо посух доданд. Ба ҳисоби миёна, ҳиссаи маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда дар ташаккули сохтори даромади умумии моҳонаи оилаи респондентҳо 19,51 фоизро ташкил медиҳад.

Гуногунии ҳиссаи маблағҳои пулии аз кишварҳои хориҷӣ воридшуда дар ташаккули даромади умумии моҳонаи оилаи респондентҳо, дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо тарзи зерин баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: то 10% - 172 нафар (15,02%), аз 10% то 20% - 322 нафар (28,12%), аз 20% то 30% - 397 нафар (34,67%) ва аз 30% ва зиёда – 254 нафар (22,18%). Ҳиссаи маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда дар ташаккули таркиби даромади умумии моҳонаи оилаи респондентҳо дар сатҳи вилоят 21,40 фоизро ташкил медиҳад;

2. Вилояти Хатлон: то 10% - 249 нафар (18,79%), аз 10% то 20% - 426 нафар (32,15%), аз 20% то 30% - 342 нафар (25,81%) ва аз 30% ва зиёд – 308 нафар (23,25%). Дар таркиби даромади умумии моҳонаи оилаи респондентҳо ҳиссаи маблағҳои воридшуда дар сатҳи вилоят 20,35 фоизро ташкил медиҳад;

3. ВМКБ: то 10% - 18 нафар (22,18%), аз 10% то 20% - 202 нафар (24,75%), аз 20% то 30% - 186 нафар (22,79%) ва аз 30% зиёд – 247 нафар (30,27%). Ҳиссаи маблағҳои аз кишварҳои хориҷӣ воридшаванда, дар таркиби даромади умумии моҳонаи оилаи респондентҳо дар сатҳи вилоят 21,12 фоизро ташкил медиҳад;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: то 10% - 236 нафар (18,35%), аз 10% то 20% - 573 нафар (44,56%), аз 20% то 30% - 282 нафар (21,93%) ва аз 30% ва зиёд – 195 нафар (15,16%). Дар ташаккули сохтори даромади умумии моҳонаи оилаи респондентҳо ҳиссаи маблағҳои аз кишварҳои хориҷӣ воридшаванда 18,39 фоизро ташкил медиҳад;

5. Шаҳри Душанбе: то 10% - 193 нафар (77,2%), аз 10% то 20% - 47 нафар (18,80%) ва аз 20% то 30% - 10 нафар (4,00%). Дар ташаккули таркиби даромади умумии моҳонаи оилаи респондентҳо ҳиссаи маблағҳои воридшаванда аз кишварҳои хориҷӣ дар сатҳи шаҳр 7,68 фоиз аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳиссаи маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда дар ташаккули таркиби даромадҳои умумии моҳонаи

оилаи респондентҳо зуҳуроти иҷтимоӣ – иқтисодиест, ки ба талаботи замони муосир мусоидат менамояд.

## 2.4 Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар мегирад кадомҳоянд?

Воридшавии маблағҳои пулӣ аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаҳои гуногун доранд. Барои равшанӣ андохтан ба саволи мазкур, дар анкета саволи «Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар мегирад, кадомҳоянд?» дохил карда шуда, тибқи он респондентҳо ҷавобҳои худро пешниҳод намуданд (ниг.ба диаграммаи 12).




*Диаграммаи 12. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи “Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар мегирад, кадомҳоянд?” (бо фоиз)*

Теъдоди 1303 нафар (25,57%) респондент нишон доданд, ки манбаи даромади онҳо аз иҷрои корҳои мавсимӣ, 528 нафар (10,36%) – аз хешовандони муқими дигар кишвар, 1988 нафар (39,01%) – аз фарзандон, 189 нафар (3,71%) – аз дӯстон, 99 нафар (1,94%) – аз нафақа, 326 нафар

(6,40%) – аз ёрӣ ва кӯмаки дӯстон иборат аст. Теъдоди 663 нафар (13,01%) респондент манбаҳои дигарро нишон доданд.

Респондентҳои вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе маблағҳои пулиеро, ки ҳамчун даромад аз манбаҳои гуногуни кишварҳои хориҷӣ ба даст овардаанд, бо тарзи зерин баҳо медиҳанд:

1. Вилояти Суғд: теъдоди 232 нафар (19,98%) ҳамчун манбаи даромад аз иҷрои корҳои мавсимӣ, 121 нафар (10,42%) – аз хешовандони муқими дигар кишвар, 355 нафар (30,58%) – аз фарзандон, 36 нафар (3,10%) – аз дӯстон, 33 нафар (2,84%) – аз нафақа, 169 нафар (14,56%) – аз ёрӣ ва кӯмаки дӯстон ва 215 нафар (18,52%) – дигар манбаҳоро номбар намуданд;

2. Вилояти Хатлон: теъдоди 456 нафар (29,90%) иттилоъ доданд, ки манбаи даромади онҳо аз иҷрои корҳои мавсимӣ, 118 нафар (7,74%) – аз хешовандони муқими дигар кишвар, 690 нафар (45,25%) – аз фарзандон, 87 нафар (5,70%) – аз дӯстон, 20 нафар (1,31%) – аз нафақа, 59 нафар (3,87%) – аз ёрӣ ва кӯмаки дӯстон, 95 нафар (6,23%) – дигар манбаҳо мебошад;

3. ВМКБ: теъдоди 183 нафар (24,66%) манбаи даромади худро аз иҷрои корҳои мавсимӣ, 137 нафар (18,46%) – аз хешовандони муқими дигар кишвар, 377 нафар (50,81%) – аз фарзандон, 5 нафар (0,67%) – аз дӯстон, 9 нафар (-1,21%), аз нафақа, 10 нафар (1,35%) – аз ёрӣ ва кӯмаки дӯстон ва 21 нафар (2,83%) – аз дигар манбаҳо нишон доданд;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: теъдоди 229 нафар (16,69%) манбаи даромадро аз иҷрои корҳои мавсимӣ, 139 нафар (10,13%) – аз хешовандони муқими дигар кишварҳо, 503 нафар (36,66%) – аз фарзандон, 61 нафар (4,45%) – аз дӯстон, 37 нафар (2,69%) – аз нафақа, 87 нафар (6,34%) – аз ёрӣ ва кӯмаки дӯстон, 316 нафар (23,03%) – аз дигар манбаҳо ҳамчун даромади маблағҳои пулӣ аз кишварҳои хориҷӣ ҳисобидаанд;

5. Шаҳри Душанбе: респондентҳо доир ба манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи онҳо аз дигар кишварҳо мегиранд, бо тарзи зерин баҳо додаанд: аз иҷрои корҳои мавсимӣ – 203 нафар (68,58%), аз хешовандони муқими дигар кишвар – 13 нафар (4,39%), аз фарзандон – 63 нафар (21,28%), аз ёрӣ ва кӯмаки дӯстон – 1 нафар (0,34%) ва дигар – 16 нафар (5,41%).

Натиҷаи таҳлил (баҳодиҳӣ) нишон медиҳад, ки маблағҳои пулие, ки оилаи респондентҳо аз кишварҳои хориҷӣ ба даст меоваранд, асосан аз худи резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари мо интиқол дода мешаванд. Ҳиссаи ғайрирезидентҳо (хешовандони муқими дигар кишвар) дар интиқоли маблағ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон на он қадар зиёд аст. Ҳиссаи онҳо аз рӯи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ - 10,36%, аз ҷумла вилояти Суғд – 10,42%, вилояти Хатлон – 7,74%, ВМКБ – 18,46%, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 10,13% ва шаҳри Душанбе – 4,39% аст.

## 2.5 Интиқоли маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз хориҷа мегирад, асосан аз кадом кишварҳо мебошад?

Бо мақсади муайян намудани кишварҳои асосии хориҷӣ, ки аз онҳо бештар маблағҳои пулӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешавад, дар варақаи пурсиш (анкета) кишварҳои Русия, Қазоқистон, Белорус ва дигар кишварҳо ҷой дода шуда, маълумот ҷамъоварӣ гардидааст (ниг.ба диаграммаи 13).




***Диаграммаи 13. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Интиқоли маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз хориҷа мегиред, асосан аз кадом кишварҳо мебошад" (бо фоиз)***

Теъдоди респондентҳо, ки ба саволи «Интиқоли маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз хориҷа мегирад, асосан аз кадом кишварҳо мебошад?» ҷавоб додаанд, ба таври зайл аст:

аз Русия – 3906 нафар (79,63%), Қазоқистон – 348 нафар (7,09%), аз Белорус – 165 нафар (3,36%) ва аз дигар кишварҳо – 486 нафар (9,91%). Дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе тақсимоти респондентҳо доир ба интиқоли маблағҳои пулӣ аз кишварҳои Русия, Қазоқистон, Белорус ва кишварҳои дигар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: теъдоди – 781 нафар (67,33%) респондент ба саволи мазкур ҷавоб доданд, ки аз Русия, 118 нафар (10,17%) – аз Қазоқистон, 129 нафар (11,12%) – аз Белорус ва 132 нафар (11,38%) – аз дигар кишварҳо интиқоли пулӣ мегиранд;

2. Вилояти Хатлон: теъдоди 1189 нафар (85,54%) респондент посух доданд, ки аз Русия, 53 нафар (3,81%) – аз Қазоқистон, 13 нафар (0,94%) – аз Белорус ва 135 нафар (9,71%) аз кишварҳои хориҷии дигар маблағ дастрас менамоянд;

3. ВМКБ: теъдоди 611 нафар (81,90%) изҳор намуданд, ки аз Русия, 81 нафар (10,86%) – аз Қазоқистон ва 51 нафар (6,84%) аз дигар кишварҳои хориҷӣ интиқоли маблағҳои пулиро қабул менамоянд;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: теъдоди 1089 нафар (79,55%) респондент самти воридшавии маблағҳои пулиро аз Русия, 96 нафар (7,01%) аз Қазоқистон, 23 нафар (1,68%) ва аз Белорус 161 нафар (11,76%) аз кишварҳои хориҷии дигар муайян намуданд;

5. Шаҳри Душанбе: теъдоди 236 нафар (98,33%) респондент ба саволи мазкур ҷавоб доданд, ки аз Русия ва 4 нафар (1,67%) – аз дигар кишварҳои хориҷӣ маблағҳои пулиро дастрас менамоянд.

Тавре ки натиҷаи таҳлили (баҳодиҳии) саволи «Интиқоли маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо мегирад, асосан аз кадом кишварҳо мебошад?», баръало нишон медиҳад, ба ноҳия, шаҳр ва вилоятҳои ҷумҳурӣ асосан аз Федератсияи Русия маблағ ворид карда мешавад. Тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар маҷмӯъ воридшавии маблағҳои пулӣ аз кишвари Русия 79,63 фоизро ташкил медиҳад.

## 2.6 Интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро бо кадом роҳ мегиред?

Роҳҳои воридшавии маблағҳои пулӣ аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба воситаи бонкҳо, ширкатҳо (ташкилотҳо), инчунин шахсони алоҳида ва дигар воситаҳо сурат мегирад. Тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо, дастрасии маблағҳои пулиро аз кишварҳои хориҷӣ ба воситаи бонкҳо – 3840 нафар (79,64%), ба воситаи ширкат (ташкилот) 332 нафар (6,88%), ба воситаи шахсони алоҳида – 529 нафар (10,97%) ва дигар восита – 121 нафар (2,51%) муаррифӣ намуданд (ниг.ба диаграммаи 14).




***Диаграммаи 14. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро Шумо бо кадом роҳ мегиред?" (бо фоиз)***

Дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе роҳҳои дастрас намудани маблағҳои пулиеро, ки аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, респондентон ба тарзи зайл баён намудаанд:

1. Вилояти Суғд: ба воситаи бонк – 744 нафар (67,39%), ба воситаи ширкат (ташкилот) – 188 нафар (17,03%), ба воситаи шахсони алоҳида – 130 нафар (11,78%) ва дигар восита – 42 нафар (3,80%);

2. Вилояти Хатлон: ба воситаи бонк – 1154 нафар (82,66%), ба воситаи ширкат (ташкилот) – 11 нафар (0,79%), ба воситаи шахсони алоҳида – 207 нафар (14,83%) ва дигар восита – 24 нафар (1,72%);

3. ВМКБ: ба воситаи бонк – 647 нафар (86,27%), ба воситаи ширкат (ташкилот) – 92 нафар (12,27%), ба воситаи шахсони алоҳида – 4 нафар (0,53%) ва дигар восита – 7 нафар (0,93%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: ба воситаи бонк – 1057 нафар (79,41%), ба воситаи ширкат (ташкилот) – 41 нафар (3,08%), ба воситаи шахсони алоҳида – 188 нафар (14,22%) ва дигар восита – 45 нафар (3,38%);

5. Шаҳри Душанбе: ба воситаи бонк – 238 нафар (98,76%) ва дигар восита – 3 нафар (0,83%).

Натиҷаи баҳодиҳии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба дастрас намудани маблағҳои пулӣ, ки аз кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, асосан ба воситаи ташкилотҳои бонкӣ ба роҳ монда шудааст. Тавре ки дар боло қайд карда шуд, қариб 80 фоизи маблағҳои воридшуда ба воситаи ташкилотҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ таъмин карда шудааст. Ҳамзамон бонкҳои ҷумҳурӣ имкониятҳои зиёд доранд, ки дар оянда боз ҳам хизматрасониҳои худро доир ба гардиши пулии байнидавлатӣ ба муштариён пешкаш гардонида, ба ин васила мушкилоти ҷойдоштаро аз байн бардоранд. Ин имконият медиҳад, ки фарогирии мукаммали ҳисобгирии асъори хориҷие, ки дар намудҳои мухталифи бозори иқтисодӣ дар муомилот ҳастанд, таъмин гардад.

## 2.7 Шумо асъори нақди хориҷиро ба кадом мақсад сарф менамоед?

Баррасии саволи мазкур дар тадқиқоти мафҳуми «Даромад» яке аз масъалаи калидӣ аст. Воридшавии асъори хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба соҳаи муомилоти пулӣ, инчунин ба тағйирёбии дороиҳо дар натиҷаи хароҷот таъсири гуногун расонида, ниҳоят ба сатҳи зиндагии мардум такони ҷиддӣ медиҳад.

Дар ҳамаи мавридҳо хароҷоти маблағҳои пулӣ, аз ҷумла асъори хориҷии ба ҷумҳурӣ воридшаванда, ба камшавии арзиши холиси дороиҳо оварда мерасонад. Аз ин хотир, барои рӯшанӣ андохтан ба саволи мазкур, дар пурсишнома (анкета) саволи «Шумо асъори нақди

хориҷиро бо кадом мақсад сарф менамоед?» ворид карда шуда, тибқи он маълумот ҷамъоварӣ гардидааст (ниг. ба диаграммаи 15).




***Диаграммаи 15. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Шумо асъори нақди хориҷиро ба кадом мақсад сарф менамоед?" (бо фоиз)***

Аз маҷмӯи респондентҳо, теъдоди 3372 нафар (41,98%) иттилоъ доданд, ки асъори нақди хориҷиро дар сатҳи оила барои хариди маҳсулоти озуқаворӣ ва хизматрасониҳои маишӣ сарф менамоянд. Теъдоди 558 нафар (6,94%) респондент посух доданд, ки маблағҳои нақди хориҷиро барои хариди хона, 408 нафар (5,08%) барои хариди автомобил, 1161 нафар (14,45%) барои гузаронидани тӯй ва маъракa, 715 нафар (8,90%) барои соҳибкорӣ, 309 нафар (3,85%) барои амонатгузорӣ, 68 нафар (0,85%) барои хариди тилловорӣ, 26 нафар (0,32%) барои хариди саҳмия (ва дигари коғазҳои қиматнок), инчунин 915 нафар (11,39%) барои мақсадҳои дигар масраф менамоянд.

Дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе тақсимоти респондентҳо доир ба самтҳои сарфи (харҷи) асъори нақди хориҷӣ бо таври зерин баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасониҳои маишӣ - 503 нафар (27,68%), хариди хона – 167 нафар (9,19%), хариди автомобил – 71 нафар (3,91%), гузаронидани тӯй ва маърака – 269 нафар (14,47%), соҳибкорӣ - 249 нафар (13,70%), амонатгузорӣ - 51 нафар (2,81%), хариди тилловорӣ - 15 нафар (0,83%), хариди саҳмия (ва дигари коғазҳои қиматнок) – 13 нафар (0,72%) ва дигар 485 нафар (26,69%);

2. Вилояти Хатлон: хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасониҳои маишӣ - 1210 нафар (41,78%), хариди хона – 195 нафар (6,73%), хариди автомобил – 203 нафар (7,01%), гузаронидани тӯй ва маърака 796 нафар (27,49%), соҳибкорӣ - 256 нафар (8,84%), амонатгузорӣ - 56 нафар (1,93%), хариди тилловорӣ - 39 нафар (1,35%), хариди саҳмия (ва дигари коғазҳои қиматнок) – 6 нафар (0,21%) ва дигар – 135 нафар (4,66%);

3. ВМКБ: хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасониҳои маишӣ - 615 нафар (54,72%), хариди хона – 41 нафар (3,65%), хариди автомобил – 28 нафар (2,49%), гузаронидани тӯй ва маърака – 159 нафар (14,14%), соҳибкорӣ - 83 нафар (7,38%), амонатгузорӣ - 150 нафар (13,35%), хариди тилловорӣ - 1 нафар (0,09%) ва дигар – 47 нафар (4,18%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасониҳои маишӣ - 811 нафар (44,24%), хариди хона – 149 нафар (8,13%), хариди автомобил – 102 нафар (5,56%), гузаронидани тӯй ва маърака – 367 нафар (20,02%), соҳибкорӣ - 92 нафар (5,02%), амонатгузорӣ - 46 нафар (2,51%), хариди тилловорӣ - 13 нафар (0,71%), хариди саҳмия (ва дигар коғазҳои қиматнок) – 7 нафар (0,38%) ва дигар – 246 нафар (13,42%);

5. Шаҳри Душанбе: хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасониҳои маишӣ - 233 нафар (64,36%), хариди хона – 6 нафар (1,66%), хариди автомобил – 4 нафар (1,10%), гузаронидани тӯй ва маърака – 76 нафар (20,99%), соҳибкорӣ - 35 нафар (9,67%), амонатгузорӣ - 6 нафар (1,66%) ва дигар – 2 нафар (0,55%).

Аз натиҷаҳои баҳодиҳии маълумотҳои овардашуда метавон чунин натиҷа гирифт, ки дар баробари пули миллӣ (сомонӣ), инчунин асъори хориҷӣ вазифаҳои зерин – воситаи муомилот (хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасониҳои маишӣ, хариди хона ва автомобил), воситаи андӯхт

(амонатгузорӣ, хариди тилловорӣ, саҳмия ва дигар коғазҳои қиматнок)-ро иҷро намуда истодааст.

Масъалаи асосӣ дар ин самт - сарф намудани асъори нақди хориҷӣ барои хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасониҳои маишӣ (тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо ҳиссаи хароҷоти мазкур – 41,98% аст), табдилдиҳии сармояи пулӣ ба сармояи (дороиҳои) амволӣ ва гардишпазир, ба монанди хариди хона ва автомобил (ҳиссаи онҳо дар сохтори умумии хароҷот ба 12,02% баробар аст) мебошад ва он нисбат ба маблағе, ки барои рушди соҳибкорӣ ва гирифтани даромад аз сармояи пулӣ (12,75%) равона мешавад, зиёд аст. Ба пули ҳақиқӣ табдил додани намояндаҳои он (асъори нақди хориҷӣ дар назар дошта шудааст), ки чунин равандро дар илми иқтисодиёт тезавратсияи пул меноманд, ҳамагӣ 0,85 фоизро ташкил медиҳад. Бо мақсади гирифтани даромад аз сармоягузорӣ - амонатгузорӣ ва хариди саҳмия ва дигар коғазҳои қиматнок танҳо 4,17 фоизро респондентҳо изҳори ақида намуданд.

### 2.8 Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи нақдро афзалиятноктар мешуморед?

Нигоҳдории пули миллӣ (сомонӣ) ё ин ки асъори хориҷӣ (доллари ИМА, евро, рубли Русия ва ғайра) – ин зуҳуроти молиявии замони муосир аст ва тадқиқоти он барои муқаррар намудани таносуби миқдории байни пули миллӣ ва асъори хориҷӣ зарур аст. Барои рӯшанӣ андохтан ба саволи мазкур донистани ақидаи аҳолӣ (респондентҳо) доир ба кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморанд, дар пурсишнома (анкета) намудҳои асъори зерин, ба монанди сомонӣ, доллари ИМА, евро, рубли Русия ва дигари асъор ворид карда шуда, оид ба онҳо маълумот ҷамъ оварда шудааст (ниг.ба диаграммаи 16).




***Диаграммаи 16. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи нақдро афзалиятноктар мешуморед?" (бо фоиз)***

Аз маҷмӯи респондентҳо теъдоди 3356 нафар (52,31%) ҷавоб доданд, ки нигоҳ доштани маблағи нақдро бо сомонӣ, 2379 нафар (37,08%) бо доллари ИМА, 139 нафар (2,17%) бо евро, 498 нафар (7,76%) бо рубли русӣ ва 44 нафар (0,69%) бо намудҳои дигари асъор афзалиятноктар мешуморанд.

Дар вилояти Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе доир ба саволи мазкур гирифтани ҷавобҳо ба таври зерин баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: теъдоди 601 нафар (35,44%) нигоҳ доштани маблағи нақдро бо пули миллӣ (сомонӣ), 690 нафар (40,68%) бо доллари ИМА, 101 нафар (5,96%) бо евро, 268 нафар (15,80%) бо рубли русӣ ва 36 нафар (2,12%) бо намудҳои дигари асъор афзалиятноктар меҳисобанд;
2. Вилояти Хатлон: теъдоди 1110 нафар (57,10%) изҳори ақида намуданд, ки бо пули миллӣ (сомонӣ), 739 нафар (38,01%) бо доллари ИМА, 13 нафар (0,67%) бо евро, 78 нафар (4,01%) бо рубли русӣ ва 4 нафар (0,21%) бо дигар намуди асъор нигоҳ доштани маблағи нақдро афзалиятноктар медонанд;
3. ВМКБ: аз маҷмӯи респондентҳо теъдоди 550 нафар (57,11%) нигоҳ доштани маблағи нақдро бо пули миллӣ (сомонӣ), 379 нафар (39,36%) бо

доллари ИМА, 9 нафар (0,93%) бо Евро, 24 нафар (2,49%) бо рубли русӣ ва 1 нафар (0,10%) бо дигар намуди асъор афзалиятноктар ҳисоб менамоянд;

4. Ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ: теъдоди 867 нафар (55,43%) бо сомонӣ, 551 нафар (35,23%) бо даллпри ИМА, 15 нафар (0,96%) бо евро, 128 нафар (8,18%) бо рубли русӣ ва танҳо 3 нафар (0,19%) бо дигар намуди асъор нигоҳ доштани маблағи нақдро маъқул мешуморанд;

5. Шаҳри Душанбе: теъдоди 228 нафар (91,57%) респондентон афзалияти нигоҳ доштани маблағи нақдро бо пули миллӣ (сомонӣ), 20 нафар (8,03%) бо доллари ИМА ва 1 нафар (0,40%) бо евро эътироф намуданд.

Бо ин ё он намуди асъор нигоҳ доштани пули миллӣ ва асъори хориҷӣ аз тарафи аҳолӣ (респондентҳо) асоси воқеӣ дорад. Аз ин хотир, муайян намудани сабабҳои нигоҳ доштани маблағҳои нақдӣ бо пули миллӣ (сомонӣ) ё ин ки асъори хориҷӣ тақозои замон аст ва фикру ақидаҳои респондентҳоро нисбати масъалаи мазкур дар саволи навбатӣ дида мебароем.

## 2.9 Бо кадом сабаб Шумо нигоҳ доштани маблағи нақдро афзалиятноктар мешуморед?

Тавре ки дар диаграммаи 17 нишон дода шудааст, аз маҷмӯи респондентҳо, ба саволи «Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи накдро афзалиятноктар мешуморед?» теъдоди 2366 нафар (37,93%) респондентҳо ҷавоб додаанд, ки қурби устувор дорад, 1758 нафар (28,18%) – даромад меоварад, 160 нафар (2,56%) – воқеан ба тиҷорати беруна ва 670 нафар (10,74%) – воқеан ба тиҷорати дохилӣ мусоидат менамояд. Танҳо 1284 нафари (20,58%) респондентҳо аз ҷавобдиҳӣ ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд.




***Диаграммаи 17. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи “Бо кадом сабаб Шумо нигоҳ доштани маблағи нақдро афзалиятноктар мешуморед” (бо фоиз)***

Бо кадом сабаб нигоҳ доштани маблағи нақдро афзалиятноктар шуморидани респондентҳо дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо таври зерин шарҳ дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: теъдоди 572 нафар (38,59%) респондентҳо изҳор доштанд, ки қурби устувор дорад, 316 нафар (21,32%) – даромад меоварад, 85 нафар (5,74%) воқеан ба тиҷорати беруна ва 103 нафар (6,95%) ба тиҷорати дохилӣ мусоидат менамояд. Теъдоди 406 нафар (27,39%) респондентҳо барои ҷавобдиҳӣ мушкилӣ кашиданд;

2. Вилояти Хатлон: қурби устувор дорад – 762 нафар (37,46%), даромад меоварад – 554 нафар (27,24%), воқеан ба тиҷорати беруна – 31 нафар (1,52%), ба тиҷорати дохилӣ - 291 нафар (14,31%) ва дигар – 396 нафар (19,50%) мусоидат менамояд;

3. ВМКБ: теъдоди респондентҳо доир ба қурби устувор дорад – 416 нафар (37,45%), даромад меоварад – 363 нафар (33,55%), воқеӣ тиҷорати беруна – 13 нафар (1,20%), воқеӣ тиҷорати дохилӣ - 147 нафар (13,58%) ва дигар – 143 нафар (13,22%) арзёбӣ намуданд;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: теъдоди 602 нафар (43,28%) респондентҳо афзалиятноктар шуморидани маблағи нақдро бо он

асоснок менамоянд, ки қурби устувор дорад, 293 нафар (21,06%) респондент ҷавоб доданд, ки даромад меоварад, 30 нафар (2,16%) ба тиҷорти беруна ва 127 нафар (9,13%) ба тиҷорати дохилӣ такон мебахшад ва танҳо 399 нафар (24,37%) ба ҷавобдиҳии саволи мазкур мушкилӣ кашидаанд;

5. Шаҳри Душанбе: теъдоди 14 нафар (5,62%) респондент арзёбӣ намуданд, ки қурби устувор дорад, 232 нафар (93,17%) – даромад меоварад, 1 нафар (0,40%) ба тиҷорати берунӣ ва 2 нафар (0,80%) – ба тиҷорати дохилӣ ривоҷ мебахшад;

Ҳамин тавр, аз ҷавобҳои додашудаи респондентҳо 37,93 фоизи онҳо бо сабаби қурби устувор доштан, 28,18 фоиз бо сабаби даромад овардан, 2,56 фоиз воқеан ба тиҷорати беруна, 10,74 фоиз ба тиҷорати дохилӣ мусоидат кардан ва бо дигар сабабҳо – 20,58 фоиз нигоҳ доштани маблағи нақдро афзалиятноктар мешуморанд.

## 2.10 Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи пасандозро афзалиятноктар мешуморед?

Пасандози аҳолӣ манбаи зарурии сармоягузорӣ дар сатҳи оила буда, барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аъзои он мусоидат менамояд. Таносуби пасандоз ва даромади дар ихтиёрдоштаи аҳолӣ меъёри (нормаи) пасандозро нишон дода, рафтори иқтисодии оиларо (хонаводаро) муайян мекунад.

Бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи пасандоз аз тарафи аҳолӣ (респондентҳо) самти муҳими омӯзиши таркиб ва сохтори даромад аст. Натиҷаи тадқиқот имкон медиҳад, ки тамоюл дар таносуб - ва ҳамоҳангсозии таркиби намудҳои асъор ва пасандози пули аҳолӣ (респондентҳо) муқаррар карда шавад.

Барои баҳодиҳӣ доир ба масъалаи мазкур, дар саволнома «Бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи пасандозро афзалиятноктар мешуморед?» пули миллӣ - сомонӣ, асъорҳои хориҷӣ - доллари ИМА, евро, рубли русӣ ва намудҳои дигари асъор ворид карда шуда, доир ба онҳо маълумот ҷамъоварӣ гардид (ниг.ба диаграммаи 18).




***Диаграммаи 18. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи пасандозро афзалиятноктар мешуморед?" (бо фоиз)***

Дар маҷмӯъ респондентҳо нигоҳ доштани пасандозҳоро бо чунин асъорҳо афзалиятноктар мешуморанд; сомонӣ - 2702 нафар (46,96%), доллари ИМА – 2325 (40,41%), евро – 170 нафар (2,95%), рубли русӣ - 374 нафар (6,50%) ва дигар асъор – 183 нафар (3,18%). Афзалиятноктар донистани нигоҳдории маблағи пасандоз бо пули миллӣ ё ин ки асъорҳои хориҷӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе аз тарафи респондентҳо чунин арзёбӣ шудааст:

1. Вилояти Суғд: сомонӣ - 410 нафар (34,75%), доллари ИМА – 456 нафар (38,64%), евро – 105 нафар (8,90%), рубли русӣ - 168 нафар (14,24%) ва дигар асъор – 41 нафар (3,47%);

2. Вилояти Хатлон: сомонӣ - 860 нафар (48,23%), доллари ИМА – 730 нафар (40,94%), евро – 14 нафар (0,78%), рубли русӣ - 58 нафар (3,25%) ва дигар асъор – 121 нафар (6,79%);

3. ВМКБ: сомонӣ - 349 нафар (34,42%), доллари ИМА – 594 нафар (58,58%), евро – 35 нафар (3,45%), рубли русӣ - 36 нафар (3,55%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: сомонӣ - 858 нафар (56,08%), доллари ИМА – 524 нафар (34,25%), евро – 15 нафар (0,98%), рубли русӣ - 112 нафар (7,32%) ва дигар – 21 нафар (1,37%);

5. Шаҳри Душанбе: сомонӣ - 225 нафар (91,09%), доллари ИМА – 21 нафар (8,50%) ва евро – 1 нафар (0,40%).

## 2.11 Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед?

Тайи солҳои охир инкишофи муносибатҳои бозорӣ иштироки аҳолиро барои ба даст овардани даромад на танҳо дар бозори истеҳсоли молу хизматҳо, инчунин дар бозори пулӣ ва молиявӣ тезонид. Айни замон, аҳолӣ (респондентҳо) дар марҳилаи табдилдиҳии як дорой ба дороии дигар, ба монанди табдилдиҳии пул ба амвол, хона, автомобил ва ғайра қарор дошта, ба марҳилаи дигари амалиётгузаронӣ - гирифтани даромад аз сармоя, хусусан аз амонатгузорӣ ворид гардида истодааст. Аз ин хотир, теъдоди амонатгузарон дар бонкҳои ҷумҳурӣ бемайлон зиёд шуда истодааст. Омили асосии дар бонкҳои ҷумҳурӣ нигоҳ доштани маблағҳои пулӣ - ин гирифтани даромад дар шакли фоизи амонат аст.

Азбаски дар бозори муомилоти пулӣ дар баробари пули миллӣ (сомонӣ) асъорҳои хориҷӣ низ иштирок мекунанд, бинобар ин масъалаи донистани сабабҳои амонатгузорӣ бо асъорҳои мухталиф ба миён меояд. Барои рӯшанӣ андохтан ба саволи мазкур, дар пурсишнома (анкета) саволи «Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед?» якчанд бандҳо дохил карда шуда, ба онҳо аз тарафи респондетҳо ҷавобҳо дода шуданд (ниг. ба диаграммаи 19).




***Диаграммаи 19. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед?" (бо фоиз)***

Аз маҷмӯи респондентҳо теъдоди 2167 нафар (34,27%) ҷавоб доданд, ки боварӣ ба бонк доранд, 2243 нафар (35,47%) – даромад меоварад, 641 нафар (10,14%) гирифтан осон аст, 648 нафар (10,25%) – нигоҳ доштан ва 625 нафар (9,88%) – дигар сабабҳоро номбар карданд;

Ҷавоби респондентҳо доир ба саволи «Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштаед?» дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо таври зерин ҷамъбаст ва баҳодиҳӣ карда мешаванд:

1. Вилояти Суғд: боварӣ ба бонк – 375 нафар (30,74%), даромад меоварад – 455 нафар (37,29%), гирифтан осон аст – 193 нафар (15,82%), нигоҳ доштан – 123 нафар (10,08%) ва дигар – 74 нафар (6,07%);

2. Вилояти Хатлон: боварӣ ба бонк – 671 нафар (30,67%), даромад меоварад – 754 нафар (34,46%), гирифтан осон аст – 215 нафар (9,83%), нигоҳ доштан – 215 нафар (9,83%) ва дигар – 333 нафар (15,22%);

3. ВМКБ: боварӣ ба бонк – 478 нафар (37,99%), даромад меоварад – 413 нафар (32,83%), гирифтан осон аст – 90 нафар (7,15%), нигоҳ доштан – 212 (16,85%) ва дигар – 65 нафар (5,17%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: боварӣ ба бонк – 618 нафар (44,11%), даромад меоварад – 390 нафар (27,84%), гирифтан осон аст – 142 нафар (10,14%), нигоҳ доштан – 98 нафар (7,0%) ва дигар – 153 нафар (10,92%);

5. Шаҳри Душанбе: боварӣ ба бонк – 25 нафар (9,73%), даромад меоварад – 231 нафар (89,88%) ва гирифтан осон аст – 1 нафар (0,39%).

## 2.12 Оё Шумо медонед, ки дар бонкҳои амалкунандаи Тоҷикистон амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад?

Аз маҷмӯи респондентҳо теъдоди 4729 нафар (78,83%) изҳор намуданд, ки дар бонкҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад, ва баръакс – 1270 нафар (21,17%) инро инкор намуданд.




***Диаграммаи 20. Тақсимоти респондентҳо аз рӯи саволи "Оё Шумо медонед, ки дар бонкҳои амалкуандаи Тоҷикистон амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад?" (бо фоиз)***

Доир ба кафолати амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе аз тарафи респондентҳо ҷавобҳои зайл пешниҳод шуданд:

– Вилояти Суғд: ҳа – 972 нафар (64,97%) ва не – 524 нафар (35,03%);

- Вилояти Хатлон: ҳа – 1447 нафар (82,50%) ва не – 307 нафар (17,50%);

- ВМКБ: ҳа – 911 нафар (90,83%) ва не – 92 нафар (9,17%);

- Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳа – 1177 нафар (78,73%) ва не – 318 нафар (21,27%);

- Шаҳри Душанбе: ҳа – 222 нафар (88,45%) ва не – 29 нафар (11,55%).

## 2.13 Шумо ба кадом шакл (нақдӣ ё ғайринақдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред?

Нигоҳ доштани маблағҳои пулӣ дар шакли нақдӣ ё ғайринақдӣ сохтори амонатгузориро нишон медиҳад (ниг. ба диаграммаи 21).




***Диаграммаи 21. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Шумо бо кадом шакл (нақдӣ ё ғайри нақдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред?" (бо фоиз)***

Аз маҷмӯи респондентҳо – 1711 нафар (23,59%) изҳор намуданд, ки маблағҳои пулиро дар шакли доллари нақд, 1193 нафар (16,45%)- амонат бо доллар, 163 нафар (2,25%) – дигар асъори нақдӣ, 138 нафар (1,90%) – ҷавоҳирот, 87 нафар (1,20%) – тилло, 8 нафар (0,11%) – нуқра, 2447 нафар (33,74%) – сомонии нақд, 836 нафар (11,53%) – амонат бо сомонӣ, 237 нафар (3,27%) – амволи ғайриманқул ва 432 нафар (5,96%) бо шакли дигар нигоҳ медоранд. Натиҷаи пурсиш нишон дод, ки теъдоди 4321 нафар (59,58%) респондентҳо мехоҳанд маблағҳои пулиро дар шакли нақдӣ, 2029 нафар (27,98%) – ғайринақдӣ, 233 нафар (3,21%) тезавратсия (андӯхти тилло, нуқра ва ҷавоҳирот) ва 237 нафар (3,27%) амволи ғайриманқул нигоҳ доранд.

Бо шаклҳои гуногун нигоҳ доштани маблағҳои пулӣ аз рӯи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар вилояти Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо тарзи зерин баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: доллари нақд – 392 нафар (21,83%), амонат бо доллар – 258 нафар (14,36%), дигар асъори нақд – 74 нафар (4,12%),

ҷавоҳирот – 17 нафар (0,95%), тилло – 10 нафар (0,56%), нуқра – 4 нафар (0,22%), сомонии нақд – 712 нафар (39,64%), амонат бо сомонӣ - 145 нафар (8,07%), амволи ғайриманқул – 99 нафар (5,51%) ва дигар – 85 нафар (4,73%);

2. Вилояти Хатлон: доллари нақд – 529 нафар (24,89%), амонат бо доллар – 177 нафар (8,33%), дигар асъори нақд – 28 нафар (1,32%), ҷавоҳирот – 52 нафар (2,45%), тилло - 39 нафар (1,84%), нуқра – 3 нафар (0,14%), сомонии нақд – 1059 нафар (49,84%), амонат бо сомонӣ - 73 нафар (3,44%), амволи ғайриманқул – 78 нафар (3,67%) ва дигар – 87 нафар (4,09%);

3. ВМКБ: доллари нақд – 335 нафар (23,38%), амонат бо доллар – 511 нафар (35,66%), дигар асъори нақд – 7 нафар (0,49%), ҷавоҳирот – 42 нафар (2,93%), тилло – 15 нафар (1,05%), нуқра – 1 нафар (0,07%), сомонии нақд – 235 нафар (16,40%), амонат бо сомонӣ - 239 нафар (16,68%), амволи ғайри манқул – 40 нафар (2,79%) ва дигар – 8 нафар (0,56%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: доллари нақд – 450 нафар (27,29%), амонат бо доллар – 226 нафар (13,71%), дигар асъори нақд – 53 нафар (3,21%), ҷавоҳирот – 27 нафар (1,64%), тилло – 23 нафар (1,39%), сомонии нақд – 428 нафар (25,95%), амонат бо сомонӣ - 170 нафар (10,31%), амволи ғайриманқул – 20 нафар (1,21%) ва дигар 252 нафар (15,28%);

5. Шаҳри Душанбе: доллари нақд – 5 нафар (2,01%), амонат бо доллар – 21 нафар (8,43%), дигар асъори нақд – 1 нафар (0,40%), сомонии нақд – 13 нафар (5,22%) ва амонат бо сомонӣ - 209 нафар (83,94%).

### 2.14 Аз нигоҳи Шумо садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулии Шумо дар чист?

Ҷалб ва нигоҳдории маблағҳои пулии аҳолӣ дар бонкҳо аҳамияти тарафайнро дорад. Он имкон медиҳад, ки алоқаи байни аҳолӣ ва бонкҳо таҳким ёфта, раванди инкишофи бонкҳо боз ҳам вусъат ёбад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки то ба ҳол шароит ва омилҳое вуҷуд доранд, ки садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пули аҳолӣ дар бонкҳо мегарданд. Аз ин хотир, дар асоси фикру ақидаи мардум, ба пурсишнома (анкета) саволҳои нобоварӣ ба бонк, меъёри пасти фоиз, набудани воситаҳои пулии озод ва дигар дохил карда шуда, аз тарафи респондентҳо доир ба онҳо маълумот ҷамъоварӣ гардидааст. (ниг.ба диаграммаи 22).




***Диаграммаи 22. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи “Аз нигоҳи Шумо садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулии Шумо дар чист?”
(бо фоиз)***

Аз маҷмӯи респондентҳо теъдоди 755 нафар (12,21%) изҳор намуданд, ки садди роҳи нигоҳдорӣ ин нобоварӣ ба бонк, 2168 нафар (35,06%) меъёри пасти фоиз, 2251 нафар (36,40%) набудани воситаҳои пулии озод ва 1010 нафар (16,33%) дигар сабабҳо мебошанд.

Аз нигоҳи респондентҳои вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулӣ инҳоянд:

1. Вилояти Суғд: нобоварӣ ба бонк – 190 нафар (12,48%), меъёри пасти фоиз – 368 нафар (24,18%), набудани воситаҳои пулии озод – 694 нафар (45,60%) ва дигар – 270 нафар (17,74%);

2. Вилояти Хатлон: нобоварӣ ба бонк – 177 нафар (9,52%), меъёри пасти фоиз – 328 нафар (33,76%), набудани воситаҳои пулии озод – 773 нафар (41,56%) ва дигар – 282 нафар (15,16%);

3. ВМКБ: нобоварӣ ба бонк – 44 нафар (4,00%), меъёри пасти фоиз – 569 нафар (51,77%), набудани воситаҳои пулии озод – 211 нафар (19,20%) ва дигар – 275 нафар (25,02%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: нобоварӣ ба бонк – 341 нафар (23,32%), меъёри пасти фоиз – 388 нафар (26,54%), набудани воситаҳои пулии озод – 551 нафар (37,69%) ва дигар – 182 нафар (12,45%);

5. Шаҳри Душанбе: нобоварӣ ба бонк – 3 нафар (1,24%), меъёри пасти фоиз – 215 нафар (89,21%), набудани воситаи пулии озод – 22 нафар (9,13%) ва дигар – 1 нафар (0,41%).

## 2.15 Дар оилаи Шумо, ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст? (мисоли харидорӣ тариқи қарз)

Ҷавобҳои додашудаи респондентҳо ба саволи мазкур ба таври зерин баҳо дода мешавад: ҳа – 1831 нафар (30,52%) ва не – 4168 нафар (69,48%) (ниг. ба диаграммаи 23).




*Диаграммаи 23. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Дар оилаи Шумо, ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст? (мисол, харидорӣ тариқи қарз)" (бо фоиз)*

1. Вилояти Суғд: ҳа – 341 нафар (22,79%) ва не – 1155 нафар (77,21%);
2. Вилояти Хатлон: ҳа – 711 нафар (40,54%) ва не – 143 нафар (59,46%);
3. ВМКБ: ҳа – 223 нафар (22,23%) ва не – 780 нафар (77,77%);
4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: ҳа – 531 нафар (35,52%) ва не – 964 нафар (64,47%);
5. Шаҳри Душанбе: ҳа – 25 нафар (9,96%) ва не – 226 нафар (90,04%).

Ба ҳисоби 1000 нафар респондент аз маҷмӯи умумии онҳо 305 нафар дар назди бонкҳо ягон намуд қарздорӣ доранд. Нишондиҳандаи мазкур, дар вилояти Суғд – 228 нафар, Хатлон – 405 нафар, ВМКБ – 222 нафар, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 355 нафар ва шаҳри Душанбе – 99 нафарро ташкил медиҳад.

## 2.16 Бо кадом намуди асъор гирифтани қарзро афзалиятноктар мешуморед?

Айни замон, тавре ки мушоҳида нишон медиҳад, талаботи аҳолӣ ба пул афзудааст. Мардум барои дарёфт намудани маблағҳои пулӣ дар аксарияти мавридҳо ба бонкҳо муроҷиат менамоянд. Албатта талаботи чунин шахсон аз тарафи бонкҳо бо тариқи пешниҳоди маблағи пулӣ дар шакли қарз қонеъ гардонида мешавад. Чунин ҳолат албатта, раванди қарзгирӣ мебошад.

Қарзгир (аҳолӣ, респондент) вобаста аз самти мақсадҳои фаъолият гирифтани қарзро бо ягон намуди асъор интихоб менамояд. Аз ин рӯ, гирифтани қарзро бо ягон намуди асъор респондентҳо бо таври зерин афзалиятноктар медонанд (ниг. ба диаграммаи 24). Аз маҷмӯи респондентҳо теъдоди 3369 нафари (56,81%) онҳо афзалиятноктар медонанд, ки қарзро бо пули сомонӣ, 1997 нафар (33,67%) – бо доллари ИМА, 137 нафар (2,31%) бо евро ва 324 нафар (5,35%) бо рубли русӣ ва 103 нафар (1,62%) бо дигар асъор дастрас намоянд.




*Диаграммаи 24. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Бо кадом намуди асъор гирифтани қарзро афзалиятноктар мешуморед?"*
*(бо фоиз)*

Гирифтани қарзи бонкиро бо ин ё он намуди асъор респондентҳои вилояти Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо тариқи зайл афзалиятноктар шумориданд:

1. Вилояти Суғд: 631 нафар (46,84%) бо сомонӣ, 400 нафар (29,70%) бо доллари ИМА, 118 нафар (8,76%) бо евро, 171 нафар (12,69%) бо рубли русӣ ва 26 нафар (1,93%) бо дигар асъор;

2. Вилояти Хатлон: 1083 нафар (58,99%) бо сомонӣ, 632 нафар (34,42%) бо доллари ИМА, 2 нафар (0,11%) бо евро, 58 нафар (3,16%) – рубли русӣ ва 61 нафар (3,32%) бо дигар асъор;

3. ВМКБ: 601 нафар (60,34%) – бо сомонӣ, 379 нафар (38,05%) бо доллари ИМА, 7 нафар (0,70%) бо евро, 6 нафар (0,60%) бо рубли русӣ ва 3 нафар (0,30%) бо дигар асъор;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: 830 нафар (55,26%) бо сомонӣ, 562 нафар (37,42%) бо доллари ИМА, 9 нафар (0,60%) бо евро, 89 нафар (5,93%) бо рубли русӣ ва 12 нафар (0,80%) бо дигар асъор;

5. Шаҳри Душанбе: 224 нафар (89,96%) бо сомонӣ, 24 нафар (9,68%) бо доллари ИМА ва 1 нафар (0,40%) бо евро.

## 2.17 Бо кадом намуди асъор пардохти қарзро афзалиятноктар мешуморед?

Теъдоди 3634 нафар (61,80%) респондентҳо афзалиятноктар шумориданд, ки пардохти қарзро бо пули миллӣ - сомонӣ, 1701 нафар (28,93%) бо доллари ИМА, 132 нафар (2,24%) бо евро, 317 нафар (5,39%) бо рубли русӣ ва 96 нафар (1,63%) бо дигар асъор пардохт намоянд (ниг.ба диаграммаи 25).




***Диаграммаи 25. Тақсимоти респондентҳо аз рӯи саволи "Бо кадом намуди асъор пардохти қарзро афзалиятноктар мешуморед?" (бо фоиз)***

Зарурати пардохти қарзро бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ респондентҳои вилояти Суғд, Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо тариқи зайл арзёбӣ намуданд:

1. Вилояти Суғд: 709 нафар (52,91%) бо сомонӣ, 331 нафар (24,70%) бо доллари ИМА, 113 нафар (8,43%) – евро, 161 нафар (12,01%) – рубли русӣ ва 26 нафар (1,94%) бо дигар намуди асъор;

2. Вилояти Хатлон: 1162 нафар (64,23%) бо сомонӣ, 528 нафар (29,19%) бо доллари ИМА, 1 нафар (0,05%) – евро, 61 нафар (3,37%) – бо рубли русӣ ва 57 нафар (3,15%) – бо дигар намуди асъор;

3. ВМКБ: 682 нафар (68,68%) – бо сомонӣ, 297 нафар (29,91%) – бо доллари ИМА, 7 нафар (0,70%) бо евро ва 7 нафар (0,70%) бо рубли русӣ;

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: 856 нафар (57,49%) – бо сомонӣ, 522 нафар (35,06%) – бо доллари ИМА, 10 нафар (0,67%) бо евро, 88 нафар (5,91%) – рубли русӣ ва 13 нафар (0,87%) бо дигар намуди асъор;

5. Шаҳри Душанбе: 225 нафар (90,36%) бо сомонӣ, 23 нафар (9,24%) бо доллари ИМА ва 1 нафар (0,40%) бо евро.

Ҷавоби респондентҳо доир ба гирифтан ва пардохти қарзҳо бо кадом намуди асъор нишон медиҳад, ки ҳиссаи зиёди онҳо дар раванди мазкур талабот ба пули миллӣ – сомониро доранд.

## 2.18 Вазни қиёсии асъори нақди хориҷие, ки Шумо чанд соли охир доштед:

Тамоюли тағйирёбии вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ, ки аҳолӣ (респондентҳо) дар чанд соли охир дошт, метавонад ба динамикаи сохтори даромадҳои онҳо таъсири мухталиф расонад. Аз ин хотир, вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ дар динамика метавонад самтҳои гуногунро, ба монанди болоравӣ, пастравӣ ва бетағйирӣ соҳиб шавад.

Ҷавобҳои додашудаи респондентҳо аз он далолат медиҳад, ки ҳиссаи қиёсии асъори нақди хориҷӣ, асосан тамоюли болоравиро дорад (ниг.ба диаграммаи 26).




***Диаграммаи 26. Тақсими респондентҳо аз рӯи саволи "Вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ, ки Шумо чанд соли охир доштед" (бо фоиз)***

Теъдоди 3653 нафар (62,07%) респондентҳо арз намуданд, ки вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ тайи солҳои охир тамоюли болоравӣ, 1054 нафар (17,90%) – пастравӣ ва 1148 нафар (19,50%) – бетағйириро дорад.

Оид ба масъалаи мазкур ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо таври зерин баҳо дода мешавад:

1. Вилояти Суғд: сатҳи болоравӣ – 698 нафар (47,39%), пастравӣ – 419 нафар (28,45%) ва бетағйир -356 нафар (24,17%);

2. Вилояти Хатлон: болоравӣ – 1138 нафар (66,12%), пастравӣ – 349 нафар (20,28%) ва бетағйир – 234 нафар (13,60%);

3. ВМКБ: болоравӣ – 773 нафар (78,08%), пастравӣ – 78 нафар (7,88%) бе тағйир – 139 нафар (7,88%);

4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: болоравӣ – 806 нафар (56,68%), пастравӣ – 203 нафар (14,28%) ва бетағйир – 413 нафар (29,04%);

5. Шаҳри Душанбе: болоравӣ – 238 нафар (95,58%), пастравӣ – 5 нафар (2,01%) ва бетағйир – 6 нафар (2,41%).

## 2.19 Дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагии худ нигоҳдории кадом намуди асъорро афзалиятноктар медонед?

Сатҳи зиндагӣ мафҳуми сермаъно буда, аз маҷмӯи шароит ва омилҳо вабаста аст. Асоси болоравии сатҳи зиндагии мардум – ин даромадҳои онҳост, ки ба он баҳои миқдорӣ дода мешавад.

Вобаста бо сатҳи даромад, беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ бо нигоҳдории пули миллӣ (сомонӣ) ё асъорҳои хориҷӣ алоқаманд карда мешавад. Барои рӯшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур, ба пурсишнома (анкета) саволи бо кадом намуди асъор – сомонӣ, доллари ИМА, евро, рубли русӣ ва дигар нигоҳдориро афзалиятноктар мешуморед, дохил карда шуда, аз рӯи он маълумот ҷамъоварӣ гардидааст (ниг.ба диаграммаи 27).




***Диаграммаи 27. Тақсимоти респондентҳо аз рӯи саволи "Дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагии худ, нигоҳдории кадом намуди асъорро афзалиятноктар медонед?" (бо фоиз)***

Теъдоди 2781 нафар (43,79%) респондентҳо посух доданд, ки барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ нигоҳдориро бо пули миллӣ – сомонӣ, 2841 нафар (44,73%) – бо доллари ИМА, 259 нафар (4,08%)- бо евро, 400 нафар (6,30%) – бо рубли русӣ ва 70 нафар (1,10%) – бо дигар асъор афзалиятноктар медонанд.

Дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе барои дар оянда беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ тақсимоти респондентҳо аз рӯи ҷавоби нигоҳдорӣ бо кадом намуди асъор афзалиятноктар дониста мешавад, чунин аст:

1. Вилояти Суғд: сомон – 359 нафар (24,22%), доллари ИМА – 743 нафар (50,13%), евро – 132 нафар (8,91%), рубли русӣ – 203 нафар (13,70%) ва дигар – 45 нафар (3,04%);
2. Вилояти Хатлон: сомонӣ – 930 нафар (45,90%), доллари ИМА – 100 нафар (49,41%), евро – 30 нафар (1,48%), рубли русӣ – 53 нафар (2,62%), ва дигар – 12 нафар (0,59%);
3. ВМКБ: сомонӣ – 361 нафар (35,71%), доллари ИМА – 548 нафар (54,20%), евро – 66 нафар (6,53%) ва рубли русӣ – 36 нафар (3,56%);
4. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: сомонӣ – 909 нафар (57,31%), доллари ИМА – 526 нафар (33,17%), евро – 30 нафар (1,89%), рубли русӣ – 108 нафар (6,81%) ва дигар – 13 нафар (0,82%);
5. Шаҳри Душанбе: сомонӣ – 222 нафар (90,24%), доллари ИМА – 23 нафар (9,35%) ва евро – 1 нафар (0,41%).

# ҚИСМИ 3
# ТАҲЛИЛИ ДИНАМИКАИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БАҲОДИҲИИ МУОМИЛОТИ АСЪОРИ НАҚДИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1 Динамикаи нишондиҳандаҳои демографӣ – иҷтимоӣ оид ба респондентҳо (шахси пурсидашаванда) дар солҳои 2013-2014

Тибқи маълумоти диаграммаи 1 дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 шумораи респондентҳо аз рӯи ҷинс, ки дар пурсиш доир ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд, 13 нафар кам шудааст. Дар ин давраи муқоисашаванда шумораи мардҳо бо теъдоди 202 нафар кам шуда, теъдоди занҳо, баръакс – 189 нафар зиёд шудааст (Диаграммаи 1). *(Барои маълумот соли 2013 шумораи умумии респондентҳо – 6012 нафар, аз ҷумла: занон – 2060 нафар, мардон – 3952 нафар, соли 2014 ҳамагӣ – 5999 нафар, аз ҷумла: занон – 2249 нафар, мардон – 3750 нафар).*




***Диаграммаи 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи ҷинс (бо фоиз)***

Дар маҷмӯъ шумораи респондентҳо ба андозаи 0,22%, аз ҷумла мардон – 5,11% кам шуда, шумораи занон баръакс ба андозаи 9,17% афзуд.

Баҳои ҷамъбастии суръати тағйирёбии вазни қиёсии респондентҳои вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ш. Душанбе дар асоси коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ($\delta_{d1-d0}$) чунин аст. (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Сохтори респондентҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (нафар)**

| Минтақа | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), ($d_{io}$) | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), ($d_{i1}$) | |
| вилояти Суғд | 1500 | 24,95 | 1496 | 24,94 | 0,0001 |
| вилояти Хатлон | 1750 | 29,11 | 1754 | 29,24 | 0,0169 |
| ВМКБ | 1012 | 16,83 | 1003 | 16,72 | 0,0121 |
| НТҶ | 1500 | 24,95 | 1495 | 24,92 | 0,0009 |
| шаҳри Душанбе | 250 | 4,16 | 251 | 4,18 | 0,0004 |
| **Ҷамъ:** | **6012** | **100,00** | **5999** | **100,00** | **0,0304** |

Тавре ки аз маълумотҳои овардашудаи ҷадвали 1 маълум аст, дар сохтори маҷмӯи респондентҳо аз рӯи минтақаҳои ҷумҳурӣ вазни қиёсии респондентҳои вилояти Суғд дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 ба андозаи 0,01, ВМКБ – 0,11 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 0,03 банди фоизӣ кам шудааст. Нишондиҳандаҳои мазкур дар вилояти Хатлон – 0,13 ва ш. Душанбе – 0,02 банди фоизӣ афзудааст.

Ҳисоби коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ($\delta_{d1-do}$) нишон медиҳад, ки суръати тағйирёбии вазни қиёсии респондентҳои минтақаҳои интихобшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 0,078 банди фоизиро ташкил медиҳад.

Дар гурӯҳҳои синну соли респондентҳо аз рӯи нишондиҳандаи шумора чунин тағйирот ба амал омад: теъдоди респондентҳои аз 16 то 25 сола – 285 нафар (-32,0%), аз 26 то 35 сола – 168 нафар (-12,1%) ва аз 56 то 65 сола – 22 нафар (-2,7%) кам шудааст. Теъдоди респондентҳои аз 36 то 45 сола – 179 нафар (12,2%), аз 46 то 55 сола – 219 нафар (20,2%), аз 66 то 75

сола – 32 нафар (10,7%) ва аз 76 сола ва калон – 32 нафар (47,1%) баръакс зиёд шудааст (Диаграммаи 2).

Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ дар диаграммаи 2 нишон дода шудааст.




*Диаграммаи 2. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи синну сол (бо фоиз)*

Барои баҳодиҳии суръати ҷамъбастии тағйирёбии вазни қиёсии респондентҳо аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ дар маҷмӯъ, коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақро $(\delta_{d1} - \delta_{do})$ тибқи нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 ҳисоб менамоем.

**Ҷадвали 2.**

**Сохтори респондентҳо аз рӯи гуруҳҳои синну солӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Гурӯҳҳои синну сол | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| 16-25 | 891 | 14,82 | 606 | 10,10 | 22,2784 |
| 26-35 | 1388 | 23,09 | 1220 | 20,34 | 7,5625 |
| 36-45 | 1471 | 24,47 | 1650 | 27,50 | 9,1809 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 46-55 | 1088 | 18,01 | 1302 | 21,70 | 13,6161 |
| 56-65 | 811 | 13,49 | 789 | 13,15 | 0,1156 |
| 66-75 | 300 | 4,99 | 332 | 5,53 | 0,2916 |
| 76 ва калон | 68 | 1,13 | 100 | 1,68 | 0,3025 |
| **Ҷамъ:** | **6012** | **100,00** | **5999** | **100,00** | **53,3476** |

Тибқи маълумотҳои ҷадвали 2 вазни қиёсии респондентҳо дар гурӯҳҳои синну соли аз 16 то 25 сола дар давраи таҳлилии солҳои 2013-2014 ба андозаи 4,7, аз 26 то 35 сола – 2,7 ва аз 56 то 65 сола – 0,3 банди фоизӣ кам шудааст. Нишондиҳандаҳои мазкур баръакс дар гурӯҳҳои аз 36 то 45 сола – 3,0, аз 46 то 55 сола – 3,7, аз 66 то 75 сола – 0,5 б, аз 76 сола ва калон – 0,5 банди фоизӣ афзудааст.

Ҳисоби коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ нишон медиҳад, ки дар динамикаи сохтори респондентҳо аз рӯи вазни қиёсии гурӯҳҳои синну солӣ он қадар тағйироти калон дар давоми солҳои 2013-2014 ба амал наомадаст ва ҳамагӣ 2,8 банди фоизро ташкил медиҳад $(\delta_{i1}\delta_{io} = 2{,}761_{П.Ф})$.

Динамикаи мутлақ ва нисбии респондент аз рӯи макони зист чунин тавсиф ёфтааст. (Диаграммаи 3).




***Диаграммаи 3. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи макони зист (бо фоиз)***

Дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 шумораи респондентҳо аз рӯи макони зист дар шаҳр 278 нафар (34,7%) ва шаҳрак 192 нафар (14,4%) зиёд

шудааст. Шумораи респондентҳо дар деҳа, баръакс бо теъдоди 475 нафар (ё ин ки 12,3%) кам шудааст. Чунин тағйироти теъдоди респондентҳо метавонад ба пешравии сохтори маҷмӯъ таъсири мухталиф расонад. Барои баҳодиҳии ҷамъбастии он, коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақро ҳисоб менамоем (Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3.**

**Сохтори респондентҳо аз рӯи макони зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Макони зист | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Шаҳр | 800 | 13,32 | 1078 | 17,97 | 21,6225 |
| Шаҳрак | 1329 | 22,14 | 1521 | 25,35 | 10,3041 |
| Деҳа | 3875 | 64,54 | 3400 | 56,68 | 61,7796 |
| **Ҷамъ:** | **6004** | **100,00** | **5999** | **100,00** | **93,7062** |

Вазни қиёсии респондентҳо аз шаҳр дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 4,6 ва шаҳрак 3,2 банди фоизӣ зиёд шуда респондентҳо аз деҳа бошад ба андозаи 7,9 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Ҳисоби коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ нишон медиҳад, ки дар динамикаи сохтори респондентҳо аз рӯи макони зист тағйироти назаррас ба амал омадааст ва натиҷаи ҳисоби коэффитсиенти мазкур 5,589 банди фоизиро ташкил медиҳад $(\delta_{i1} - \delta_{io} = 5{,}589_{П.Ф})$.

Дар пурсиши сохтори респондентҳо нақши муҳимро вазъи оилавӣ мебозад, ки он ба шахсони оиладор, муҷаррад ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда тақсим мешавад. Динамикаи иштироки теъдоди респондентҳо аз рӯи омили мазкур дар диаграммаи 4 нишон дода шудааст.




*Диаграммаи 4. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи вазъи оилавӣ, (бо фоиз)*

Дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 иштироки респондентҳои оиладор бо теъдоди 230 нафар (ё ин ки 4,62%) кам шудааст. Вале иштироки респондентҳои муҷаррад бо теъдоди 99 нафар (13,03%) ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда 118 нафар (ё ин ки 42,45%) афзудааст.

Тағйироти сохтори респондентҳоро дар маҷмӯъ аз рӯи вазъи оилавӣ дар давоми солҳои 2013-2014 бо ёрии коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ андозагирӣ менамоем (Ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4.**

**Сохтори респондентҳо аз рӯи вазъи оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Вазъи оилавӣ | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Оиладор | 4974 | 82,73 | 4744 | 79,08 | 13,3225 |
| Муҷаррад | 760 | 12,65 | 859 | 14,32 | 3,9204 |
| Аз зан (шавҳар) ҷудошуда | 278 | 4,62 | 396 | 6,60 | 3,9204 |
| **Ҷамъ:** | **6012** | **100,00** | **5999** | **100,00** | **20,0318** |

Дар давраи муқоисашавандаи солҳои 2013-2014 вазни қиёсии гурӯҳҳои респондентҳои оиладор дар сохтори маҷмӯъ ба андозаи 3,65 ва муҷаррад – 6,05 банди фоизӣ кам шуда, ҳамзамон гурӯҳи респондентҳои аз зан (шавҳар) ҷудошуда ба андозаи 1,98 банди фоизӣ афзудааст.

Натиҷаи ҳосилшудаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ, ки ба 2,584 банди фоизӣ баробар аст $\left(\delta_{d1} - \delta_{do} = 2{,}584_{П.Ф}\right)$, нишон медиҳад, ки дар сохтори маҷмӯи респондентҳо аз рӯи аломати вазъи оилавӣ он қадар тағйироти калон ба амал наомадааст.

Динамикаи теъдоди респондентҳо аз рӯи аъзои оила (шахсе, ки аввал пурсида шудааст) дар диаграммаи 5 оварда шудааст.




***Диаграммаи 5 Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи аъзои оила (бо фоиз)***

Дар солҳои муқоисашавандаи 2013 – 2014 теъдоди респондентҳо (шахсе, ки аввал пурсида шудааст): падар – 151 нафар (8,8%), завҷа – 129 нафар (34,2%), хоҳар – 27 нафар (14,4%), модар – 174 нафар (19,9%) ва бегона – 41 нафар (97,6%) зиёд шудааст. Ҳамзамон теъдоди шахсоне, ки аввал пурсида шудаанд: шавҳар – 45 нафар (-5,0%), бародар – 16 нафар (-4,5%), писар – 228 нафар (-26,2%), домод – 17 нафар (-18,5%), хешу табор – 16 нафар (-20,8%), духтар – 54 нафар (-23,6%) ва келин – 127 нафар (- 46,5%) кам шудааст.

Тағйироти сохтори теъдоди респондентҳо аз рӯи аъзои оила (шахсе, ки аввал пурсида шудааст) дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 5.**

**Сохтори респондентҳо аз рӯи аъзои оила (шахсе, ки аввал пурсида шудааст) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Аъзоёни оила | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Шавҳар | 893 | 14,93 | 848 | 14,14 | 0,6241 |
| Бародар | 355 | 5,94 | 339 | 5,65 | 0,0841 |
| Падар | 1713 | 28,64 | 1864 | 31,07 | 5,9094 |
| Писар | 869 | 14,53 | 641 | 10,69 | 14,7456 |
| Домод | 92 | 1,54 | 75 | 1,25 | 0,0841 |
| Хешу табор | 77 | 1,29 | 61 | 1,02 | 0,0729 |
| Завҷа | 377 | 6,30 | 506 | 8,43 | 4,5369 |
| Хоҳар | 187 | 3,13 | 214 | 3,57 | 0,1936 |
| Модар | 875 | 14,63 | 1049 | 17,49 | 8,1796 |
| Духтар | 229 | 3,83 | 175 | 2,92 | 0,8281 |
| Келин | 273 | 4,56 | 146 | 2,43 | 4,5369 |
| Бегона | 41 | 0,68 | 81 | 1,34 | 0,4356 |
| **Ҷамъ:** | **5981** | **100,00** | **5999** | **100,00** | **40,2264** |

Тавре ки маълумотҳои дар ҷадвали 5 оварда шуда исбот менамоянд, дар солҳои таҳлилшавандаи 2013-2014 динамикаи вазни қиёсии аъзоёни оила (шахсе, ки аввал пурсида шудааст) шавҳар ба андозаи 0,79, бародар

– 0,29, писар – 3,84, домод – 0,29, хешу табор – 0,27, духтар – 0,91, келин – 2,13 банди фоизӣ кам шудааст. Дар давраи муқоисашаванда зиёдшавии ҳиссаҳои чунин аъзои оила ба монанди падар – 2,43, 2,13, хоҳар – 0,44, модар – 2,86 ва бегона – 0.66 банди фоизӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, ҳисоби коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ нишон дод, ки дар сохтори респондентҳо аз рӯи аъзои оила, ки аввалин шуда ба саволҳои пурсишнома ҷавоб доданд, он қадар тағйироти ҷиддӣ ба вуқӯъ наомадаст ва коэффитсиенти мазкур ба 1,831 банди фоиз баробар аст $\left(\delta_{d1} - \delta_{do} = 1{,}831_{П.Ф}\right)$.

Динамикаи маълумотнокии респондентҳо дар давраи муқоисашавандаи солҳои 2013-2014 чунин инъикос мегардад: теъдоди респондентҳое, ки маълумоти олӣ доранд, 120 нафар (6,2%), олии нопурра – 204 нафар (30,4%), миёнаи умумӣ – 183 нафар (15,2%) ва дигар – 38 нафар (21,0%) зиёд шудааст. Теъдоди респондентҳое, ки маълумоти миёнаи махсус доранд, 99 нафар (-11,7%), касбӣ – техникӣ – 805 нафар (-58,4%), инчунин шахсоне, ки барои ба савол ҷавоб додан мушкилӣ кашидаанд, 510 нафар (ё ин ки 79,8%) кам шудааст (Диаграммаи 6).




***Диаграммаи 6 Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи маълумот (бо фоиз)***

Тағйироти теъдоди респондентҳо аз рӯи дараҷаи маълумотнокӣ метавонад ба пешравии сохторӣ оварда расонад. Аз ин хотир, барои

баҳодиҳӣ ба суръати тағйирёбии ҳиссаи қисмҳои алоҳидаи он, яъне респондентҳои маълумоти олидор, дорои маълумоти олии нопурра, миёнаи махсус, касбӣ – техникӣ, миёнаи умумӣ, дигар ва инчунин шумораи респондентҳое, ки аз ҷавоб додани савол мушкилӣ кашидаанд, коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақро ҳисоб менамоем (ниг. ба Ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6.**

**Сохтори респондентҳо аз рӯи дараҷаи маълумотдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| Дараҷаи маълумот | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Олӣ | 1948 | 28,36 | 2068 | 34,47 | 37,3321 |
| Олии нопурра | 671 | 9,77 | 875 | 14,59 | 23,2324 |
| Миёнаи махсус | 844 | 12,29 | 745 | 12,42 | 0,0169 |
| Ибтидоии касбӣ - техникӣ | 1378 | 20,06 | 573 | 9,55 | 110,4601 |
| Миёнаи умумӣ | 1207 | 17,58 | 1390 | 23,17 | 31,2481 |
| Дигар | 181 | 2,64 | 219 | 3,65 | 1,0201 |
| Ҷавоб мушкил аст | 639 | 9,30 | 129 | 2,15 | 51,1225 |
| **Ҷамъ:** | **6868** | **100,00** | **5999** | **100,00** | **254,4322** |

Дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ҳиссаи қиёсии респондентҳои маълумоти олидор – 6,11, олии нопурра – 4,82, миёнаи махсус – 12,42, миёнаи умумӣ – 5,59 ва дигар – 1,01 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ҳиссаи маълумоти ибтидоии касбӣ – техникӣ ба андозаи 10,5 ва респондентҳое, ки аз ҷавоб додан ба савол мушкилӣ кашиданд, ба андозаи 7,15 банди фоизӣ кам шудааст.

Натиҷаи ҳисоби коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ нишон медиҳад, ки дар маҷмӯи сохтори респондентҳо аз рӯи дараҷаи маълумотдорӣ, тағйироти назаррас мушоҳида карда мешавад ва

коэффитсиенти мазкур ба 6,029 банди фоиз $(\delta_{i1} - \delta_{oi} = 6{,}029)$ баробар аст.

Динамикаи шумораи респондентҳо дар маҷмӯъ аз рӯи соҳаи шуғл нишон медиҳад, ки он дар соли 2014 назар ба соли 2013 бо теъдоди 24 нафар (ё ин ки 0,4%) кам шудааст (Диаграммаи 7).




***Диаграммаи 7 Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи соҳаи шуғл (бо фоиз)***

Таркиби респондентҳо аз рӯи соҳаи шуғл дар давраи муқоисашаванда ба тариқи зайл тағйир ёфт: хизмати давлатӣ ба теъдоди 18 нафар (-1,3%), кишоварзӣ – 95 нафар (-12,7%), тиҷорат – 113 нафар (-13,2%) ва дигар – 239 нафар (19,3%) кам шуд, ва теъдоди респондентҳо аз рӯи дигар соҳаҳои шуғл афзуд, яъне иқтисодӣ ва молия – 127 нафар (38,3%), нақлиёт – 45 нафар (9,6%), хизматрасонии маишӣ – 105 нафар (48,4%), хизматрасонии хӯроки умумӣ – 137 нафар (180,3%) ва хонашин – 27 нафар (3,2%).

Баҳои ҷамъбастӣ доир ба динамикаи сохтори респондентҳо аз рӯи соҳаи шуғл дар давраи муқоисашавандаи солҳои 2013 - 2014 дар ҷадвали 7 оварда шудааст.

**Ҷадвали 7.**

**Сохтори респондентҳо аз рӯи соҳаи шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Соҳаи шуғл | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Хизмати давлатӣ | 1436 | 23,11 | 1418 | 22,90 | 0,0441 |
| Иқтисодӣ ва молия | 332 | 5,34 | 459 | 7,41 | 4,2849 |
| Кишоварзӣ | 747 | 12,02 | 652 | 10,53 | 2,2201 |
| Тиҷорат | 857 | 13,79 | 744 | 12,02 | 3,1329 |
| Нақлиёт | 470 | 7,56 | 515 | 8,32 | 0,5776 |
| Хизматрасонии маишӣ | 217 | 3,49 | 322 | 5,20 | 2,9241 |
| Хизматрасонии хӯроки умумӣ | 76 | 1,22 | 213 | 3,44 | 4,9284 |
| Хонашин | 840 | 13,52 | 867 | 14,00 | 0,2304 |
| Дигар | 1240 | 19,95 | 1001 | 16,18 | 14,2129 |
| **Ҷамъ:** | **6215** | **100,00** | **6191** | **100,00** | **32,5554** |

Аз рӯи маълумотҳои овардашудаи ҷадвали 7 чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар давраи муқоисашавандаи солҳои 2013-2014 ҳиссаи чунин гурӯҳҳои респондентҳо аз рӯи шуғл – хизмати давлатӣ ба андозаи 0,21, кишоварзӣ – 1,49, тиҷорат – 1,77 ва дигар – 3,77 банди фоизӣ кам шуда, мутаносибан ҳиссаи респондентҳо аз рӯи соҳаҳои зерини шуғл ба монанди, иқтисодӣ ва молия – 2,07, нақлиёт – 0,76, хизматрасонии маишӣ – 1,71, хизматрасонии хӯроки маишӣ – 2,22 ва хонашин – 0,48 банди фоизӣ зиёд шуданд.

Ҳисоби коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ нишон дод, ки суръати тағйирёбии ҳиссаи респондентҳо аз рӯи соҳаи шуғл дар солҳои 2013-2014 дар маҷмӯъ он қадар зиёд набуда, ҳамагӣ 1,902 банди фоизиро ташкил медиҳад $(\delta_{d1} - \delta_{do} = 1{,}902_{П.Ф})$.

Ба динамикаи шумораи респондентҳо аз рӯи вазифа бо тариқи зайл баҳои миқдорӣ дода мешавад (Диаграммаи 8).




***Диаграммаи 8. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи вазифа (бо фоиз)***

Шумораи респондентҳое, ки дар вазифаи хизматчӣ фаъолият доранд, дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 бо теъдоди 29 нафар (5,5%), коргари кироя – 120 нафар (23,3%), худкордеҳ – 151 нафар (31,1%) ва нафақахӯр – 84 нафар (14,3%) зиёд шудааст. Теъдоди респондентҳо аз рӯи дигар вазифаҳо кам шудааст, ки метавон ин тағйиротро бо тариқи зайл тавсиф кард: соҳибкор – 104 нафар (-9,4%), дигар – 367 нафар (-27,1%) ва шумораи респондентҳо, ки аз ҷавобдиҳии савол мушкилӣ кашиданд – 85 нафар (-18,5%).

**Ҷадвали 8.**

**Сохтори респондентҳо аз рӯи вазифа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Вазифа | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Хизматчӣ | 1622 | 26,48 | 1711 | 28,45 | 3,8809 |
| Соҳибкор | 1105 | 18,04 | 1001 | 16,64 | 1,9600 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Коргари кироя | 516 | 8,42 | 636 | 10,58 | 4,6656 |
| Худкордеҳ | 485 | 7,92 | 636 | 10,58 | 7,0756 |
| Нафақахӯр | 587 | 9,58 | 671 | 11,16 | 2,4964 |
| Дигар | 1352 | 22,07 | 985 | 16,38 | 32,3761 |
| Ҷавоб мушкил аст | 459 | 7,49 | 374 | 6,21 | 1,6384 |
| **Ҷамъ:** | **6126** | **100,00** | **6014** | **100,00** | **54,0930** |

Дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ҳиссаи респондентҳо аз рӯи вазифаҳои хизматчӣ ба андозаи 1,97, коргари кироя – 2,16, худкордеҳ – 2,66 ва нафақахур – 1,58 банди фоизӣ зиёд шудааст. Мутаносибан ҳиссаи респондентҳо аз рӯи вазифаҳои соҳибкор – 1,40, дигар – 5,69, инчунин шахсоне, ки аз ҷавоб додани саволҳо мушкилӣ кашидаанд, ба андозаи 1,28 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Суръати тағйирёбии ҳиссаи респондентҳо аз рӯи вазифа дар маҷмӯи пурсидашавандаҳо ба 2,780 банди фоизӣ баробар аст $\left(\delta_{d1} - \delta_{do} = 2{,}780_{П.Ф}\right)$.

Динамикаи таркиби респондентҳо аз рӯи ихтисос дар маҷмӯъ 493 нафар (ё ин ки 9,29%) афзуд (Диаграммаи 9).

Теъдоди респондентҳо аз рӯи чунин ихтисосҳо: омӯзгор – 71 нафар (33,5%), рассом – 34 нафар (125,9%), иқтисодчӣ – 105 нафар (52,5%), коршинос – 17 нафар (113,3%), барққор – 23 нафар (23,5%), техник – 23 нафар (39,0%), технолог – 25 нафар (100,0%), молшинос – 45 нафар (204,5%), мураббӣ – 46 нафар (117,9%), ҷомеашинос – 46 нафар (15,3 маротиба), муфаттиш – 32 нафар (100,%), ҳамшираи тиббӣ – 20 нафар (10,7%), рӯҳшинос – 41 нафар (278,3%), барномасоз – 19 нафар (51,3%), тарҷумон – 31 нафар (115,0%), механик – 2 нафар (3,2%), усто – 54 нафар (54,5%), муҳандис – 27 нафар (39,1%), духтури дандон – 32 нафар (56,1%), зоотехник – 13 нафар (44,8%), духтури ҳайвонот – 61 нафар (169,4%), муҳосиб – 95 нафар (63,3%), геолог – 17 нафар (130,4%), миёнарав – 12 нафар (120,0%), меъмор – 28 нафар (140,0%), агроном – 8 нафар (7,3%), ҳунарпеша – 141 нафар (3,8 маротиба), юрист – 12 нафар (16,9%), ронанда – 20 нафар (5,8%), савдогар – 72 нафар (25,6%), моҳипарвар – 15 нафар (3,0 маротиба) ва фермер – 16 нафар (19,7%) афзуда, боқимонда респондентҳо аз рӯи ихтисосҳои муаллимон (мактаби миёна) – 132 нафар (-25,3%), корманди бонк – 78 нафар (-56,1%), агент – 8 нафар (-50,0%), тоҷир – 28 нафар (-11,1%) ва корманди хизмати маишӣ – 8 нафар (-7,7%), инчунин дигар (ихтисосҳо) – 443 нафар (-25,1%) кам шудааст.

Тағйироти сохтори респондентҳо аз рӯи ихтисос дар давраи муқоисашаванда дар ҷадвали 9 оварда шудааст.

**Ҷадвали 9.**

**Динамикаи сохтори тақсимоти шумораи респондентҳо аз рӯи ихтисос**

| Ихтисос | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Омӯзгор | 212 | 3,99 | 283 | 4,88 | 0,7921 |
| Муаллим (мактаби миёна) | 521 | 9,82 | 389 | 6,71 | 9,6721 |
| Корманди бонк | 139 | 2,62 | 61 | 1,05 | 2,4649 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Рассом | 27 | 0,51 | 61 | 1,05 | 0,2916 |
| Иқтисодчӣ | 200 | 3,77 | 305 | 5,26 | 2,2201 |
| Коршинос | 15 | 0,28 | 32 | 0.55 | 0,0729 |
| Барқкор | 98 | 1,85 | 121 | 2,09 | 0,0576 |
| Техник | 59 | 1,11 | 82 | 1,41 | 0,0900 |
| Технолог | 25 | 0,47 | 50 | 0,86 | 0,1521 |
| Молшинос | 22 | 0,41 | 67 | 1,16 | 0,5625 |
| Мураббӣ | 28 | 0,53 | 61 | 1,05 | 0,2704 |
| Ҷомеашинос | 3 | 0,06 | 49 | 0,85 | 0,6241 |
| Муфаттиш | 32 | 0,60 | 64 | 1,10 | 0,2500 |
| Ҳамшираи тиббӣ | 186 | 3,51 | 206 | 3,55 | 0,0016 |
| Руҳшинос | 23 | 0,43 | 64 | 1,10 | 0,4489 |
| Барномасоз | 37 | 0,70 | 56 | 0,97 | 0,0729 |
| Тарҷумон | 20 | 0,38 | 51 | 0,88 | 0,2500 |
| Механик | 62 | 1,17 | 64 | 1,10 | 0,0049 |
| Усто | 99 | 1,87 | 153 | 2,64 | 0,5929 |
| Муҳандис | 69 | 1,30 | 96 | 1,66 | 0,1296 |
| Духтури дан-дон | 57 | 1,07 | 89 | 1,54 | 0,2209 |
| Зоотехник | 29 | 0,55 | 42 | 0,72 | 0,0289 |
| Духтури ҳай-вонот | 36 | 0,68 | 97 | 1,67 | 0,9801 |
| Муҳосиб | 150 | 2,83 | 245 | 4,23 | 1,9600 |
| Геолог | 56 | 1,06 | 73 | 1,26 | 0,0400 |
| Миёнарав | 10 | 0,19 | 22 | 0,38 | 0,0361 |
| Меъмор | 20 | 0,38 | 48 | 0,83 | 0,2025 |
| Агроном | 110 | 2,07 | 118 | 2,04 | 0,0009 |
| Ҳунарпеша | 37 | 0,70 | 178 | 3,07 | 5,6169 |
| Агент | 16 | 0,30 | 8 | 0,14 | 0,0256 |
| Юрист | 71 | 1,34 | 83 | 1,43 | 0,0081 |
| Ронанда | 343 | 6,47 | 363 | 6,26 | 0,0441 |
| Савдогар | 281 | 5,30 | 353 | 6,09 | 0,6241 |
| Тоҷир | 253 | 4,77 | 225 | 3,88 | 0,7921 |
| Корманди | 104 | 1,96 | 96 | 1,66 | 0,0900 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| хизмати маишӣ | | | | | |
| Моҳипарвар | 5 | 0,09 | 20 | 0,35 | 0,676 |
| Фермер | 81 | 1,53 | 97 | 1,67 | 0,0196 |
| Дигар (ихтисосҳо) | 1768 | 33,33 | 1325 | 22,86 | 109,621 |
| **Ҷамъ:** | **5304** | **100,00** | **5797** | **100,00** | **140,008** |

Тибқи маълумоти нишондиҳандаҳои нисбӣ дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ҳиссаи омӯзгорон тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо 0,89, рассом – 0,54, иқтисодчӣ – 1,49, коршинос – 0,27, барқкор – 0,24, техник – 0,30, технолог – 0,39, молшинос – 0,75, мураббӣ - 0,52, ҷомеашинос – 0,79, муфаттиш – 0,50, ҳамшираи тиббӣ - 0,04, руҳшинос – 0,67, барномасоз – 0,27, тарҷумон – 0,50, усто – 0,77, муҳандис – 0,36, духтури дандон – 0,47, зоотехник – 0,17, духтури ҳайвонот – 0,99, муҳосиб – 1,40, геолог – 0,20, миёнарав – 0,19, меъмор – 0,45, ҳунарпеша – 2,37, юрист (ҳуқуқшинос) – 0,09, савдогар – 0,96, моҳипарвар – 0,26 ва фермер – 0,14 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ҳиссаи ихтисосҳои дигар: муаллим (мактаби миёна) – 3,11, корманди бонк – 1,57, механик – 0,07, агроном – 0,03, агент – 0,16, ронанда – 0,21, тоҷир – 0,89, корманди хизмати маишӣ - 0,30 ва дигар – 10,45 банди фоизӣ кам шудааст.

Суръати тағйироти сохтории маҷмӯи респондентҳое, ки ба воситаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ҳисоб карда шудааст, 1,91 банди фоизро ташкил медиҳад $\left(\delta_{d1} - \delta_{do} = 1{,}91_{П.Ф}\right)$.

### 3.2 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чанд сомони аст?»

Тибқи саволи пурсишнома («Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чанд сомонӣ аст?»), ки доир ба он ҷавобҳои респондентҳо дастрас карда шуд, дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 тағйиротҳои зерин ба амал омад: афзоиши теъдоди респондентҳое, ки даромади умумии моҳонаи оила дар ҳудуди аз 1000 то 2000 сомонӣ аст – 490 нафар (27,7%), аз 2000 то 3000 сомонӣ - 692 нафар (146,0%) ва аз 4000 сомонӣ ва

зиёд – 82 нафар (205,0%) мушоҳида карда шуд. Дар давраи муқоисашаванда теъдоди респондентҳое, ки даромади умумии оилаи онҳо дар ҳудуди аз 100 то 1000 сомонӣ ва аз 3000 то 4000 сомонӣ ташкил медиҳад, мутаносибан ба 1586 нафар (-44,9%) ва 266 нафар (-44,8%) кам шудааст (Диаграммаи 10).




***Диаграммаи 10 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чанд сомонӣ аст?" (бо фоиз)***

Тағйироти сохтории миқдори даромади умумии моҳонаи оила дар маҷмӯи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо ба воситаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ дар ҷадвали 10 инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 10.**

**Динамикаи сохтори шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чанд сомонӣ аст?»**

| Гурӯҳбандӣ аз рӯи даромад | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| аз 100 то 1000 сомонӣ | 3529 | 55,09 | 1943 | 33,40 | 470,4561 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| аз 1000 то 2000 сомонӣ | 1769 | 27,61 | 2259 | 38,83 | 125,8884 |
| аз 2000 то 3000 сомонӣ | 474 | 7,40 | 1166 | 20,04 | 159,7696 |
| аз 3000 то 4000 сомонӣ | 594 | 9,27 | 328 | 5,64 | 13,1769 |
| зиёда аз 4000 сомонӣ | 40 | 0,63 | 122 | 2,09 | 2,1316 |
| **Ҷамъ:** | **6406** | **100,00** | **5818** | **100,00** | **771,4226** |

Тибқи маълумоти ҳисобкардашуда, аз рӯи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо ҳиссаи даромади умумии моҳона дар ҳудуди аз 100 то 1000 сомонӣ ба андозаи 21,7, аз 3000 то 4000 сомонӣ - 3,6 банди фоизӣ кам шудааст. Ҳиссаи даромад дар ҳудуди аз 1000 то 2000 сомонӣ ба миқдори 11,2, аз 2000 то 3000 сомонӣ - 12,6 ва 4000 сомонӣ ва зиёд – 1,46 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Суръати тағйирёбии ҳиссаҳои маҷмӯи даромад, мувофиқи натиҷаи ҳисобкардашудаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ баланд буда, 12,4 банди фоизиро ташкил медиҳад.

### 3.3 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳо аз хориҷи кишвар ворид мешаванд?»

Дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 теъдоди респондентҳое, ки ба саволи «Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳо аз хориҷи кишвар ворид мешаванд?» ҷавобҳо додаанд, дар маҷмӯъ ба андозаи 667 нафар кам гардидидаанд. (Диаграммаи 11).

Таркиби тағйирёбии «Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳо аз хориҷи кишвар ворид мешаванд?» чунин тавсиф ёфтааст: зиёдшавии ҷавобҳои респондентҳо дар ҳудуди аз 10% то 20% - 102 нафар (6,9%) ва аз 20% то 30% - 552 нафар (83,0%) мебошад. Камшавии ҷавобҳои респондентҳо доир ба саволи мазкур дар ҳудуди то 10% -1098 (-51,6%) ва аз 30% ва зиёд – 223 нафар (18,2%) мушоҳида карда мешавад.

Маълумоти ҷамъбастӣ доир ба тағйирёбии сохтории ҷавобҳои респондентҳо дар Диаграммаи 11 оварда шудааст.




***Диаграммаи 11. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Чанд ҳисссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?" (бо фоиз)***

Тибқи маълумоти Ҷадвали 11, аз рӯи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ҳиссаи маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда дар маҷмӯи даромади умумии моҳона дар ҳудуди то 10% ба андозаи 17,4 ва зиёда аз 30% - 1,5 банди фоизӣ кам шудааст. Ҳиссаи маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда дар сохтори даромади умумии моҳона баръакс дар ҳудуди аз 10% то 20% ба андозаи 5,8 ва аз 20% то 30% - 13,1 банди фоизӣ афзудааст.

**Ҷадвали 11.**

**Сохтори шумораи респондентҳо доир ба саволи «Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?»**

| Фосила | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| То 10% | 2129 | 38,79 | 10,31 | 21,38 | 303,1081 |
| Аз 10% то 20% | 1468 | 26,74 | 1570 | 32,56 | 33,8724 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Аз 20% то 30% | 665 | 12,12 | 1217 | 25,24 | 172,1344 |
| Аз 30% ва зиёд | 1227 | 22,35 | 1004 | 20,82 | 2,3409 |
| **Ҷамъ:** | **5489** | **100,00** | **4822** | **100,00** | **511,4558** |

Суръати тағйирёбии ҳиссаи муқарраршуда, ба тағйироти сохтории маҷмӯъ оварда расонид ва тибқи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ҳисобкардашуда ба андозаи 11,3 банди фоизӣ баробар аст.

### 3.4 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар мегиранд, кадомҳоянд?»

Мутобиқи натиҷаи пурсиш дар соли 2014 қиёсан бо соли 2013 теъдоди респондентҳое, ки ба саволи «Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар мегиранд, кадомҳоянд?» ҷавоб доданд, 1320 нафар кам гардид (Диаграммаи 12).

Камшавии ҷавобҳои респондентҳо асосан аз ҳисоби воридшавии маблағҳои пулӣ аз иҷрои корҳои мавсимӣ - 641 нафар (-33,0%), аз дӯстон – 74 нафар (-28,1%), аз нафақа – 9 нафар (-8,3%) ва дигар манбаҳо – 900 нафар (-57,6%) ба амал омад. Баръакс, воридшавии маблағҳои пулӣ аз ҳисоби хешовандони муқими дигар кишварҳо аз рӯи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар давраи муқоисашаванда бо теъдоди 67 нафар (14,5%) аз фарзандон – 192 нафар (10,7%) ва аз ёрӣ ва кӯмаки дӯстон – 45 нафар (16,0%) афзудааст.




*Диаграммаи 12 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи "Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар даромад меиранд, кадомҳоянд" (бо фоиз)*

Тағйироти сохтории маҷмӯи манбаҳои маблағҳои пулӣ аз ҳисоби тағйирёбии ҳиссаи ҳар як манбаъ – аз корҳои мавсимӣ, аз хешовандони муқими дигар кишварҳо, аз фарзандон, дӯстон, нафақа ва аз ёрию кӯмаки дӯстон дар ҷадвали 12 муқаррар шудааст.

**Ҷадвали 12.**

**Сохтори шумораи респондентҳо доир ба саволи «Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар мегиранд, кадомҳоянд?»**

| Манбаҳои даромад | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Корҳои мавсимӣ | 1944 | 30,30 | 13,03 | 25,57 | 22,3729 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ххешовандони муқими дигар кишварҳо | 461 | 7,19 | 528 | 10,36 | 10,0489 |
| Фарзандон | 1796 | 27,99 | 1988 | 39,01 | 121,4404 |
| Дустон | 263 | 4,10 | 189 | 3,71 | 0,1521 |
| Нафақа | 108 | 1,68 | 99 | 1,94 | 0,0676 |
| Ёрӣ ва кӯмаки дӯстон | 281 | 4,38 | 326 | 6,40 | 4,0804 |
| Дигар | 1563 | 24,36 | 663 | 13,01 | 128,8225 |
| **Ҷамъ:** | **6416** | **100,00** | **5096** | **100,00** | **286,9848** |

Тибқи нишондиҳандаҳои ҳисобшудаи ҷадвали 12 аз рӯи ҷавобҳои респондентҳо дар давраи муқоисашаванда ҳиссаи даромад аз корҳои мавсимӣ 4,73, аз дӯстон – 0,39 ва аз дигар манбаҳо ба андози 11,35 банди фоизӣ кам шудааст. Дар ин давраи ҳиссаи даромад аз хешовандони муқими дигар кишварҳо ба андозаи 3,17, аз фарзандон – 11,02, аз нафақа – 0,26 ва аз ёрию кӯмаки дӯстон – 2,02 банди фоизӣ афзудааст.

Ҳамин тавр, суръати тағйирёбии ҳиссаи қиёсии манбаҳои даромад дар маҷмӯъ, ки бо коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ҳисоб карда шудааст, ба 6,40 банди фоизӣ баробар аст $\left(\delta_{d1} - \delta_{do} = 6{,}40_{П.Ф}\right)$.

### 3.5 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Интиқоли маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз хориҷа мегирад, асосан аз кадом кишварҳо мебошад?»

Тибқи маълумоти ҷамъовардашуда, респондентҳо доир ба интиқоли маблағҳои пулие, ки оилаҳо аз хориҷа аз кадом кишвари хориҷӣ мегиранд, ҷавобҳои мухталиф пешниҳод намуданд. Дар соли 2014 теъдоди умумии респондентҳо, ки ба саволи мазкур ҷавоб додаанд, нисбат ба соли 2013 бо шумораи 1065 нафар кам шудааст. Ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба манбаҳои нишондодашуда дар солҳои 2013-2014 дар диаграммаи 13 оварда шудааст.




***Диаграммаи 13. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи " Интиқоли маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз хориҷа мегиред, асосан аз кадом кишварҳо мебошад" (бо фоиз)***

Дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 миқдори ҷавобҳои респондентҳое, ки маблағҳои пулиро аз кишвари Русия ба даст меоваранд, 157 нафар (-3,9%) кам шудааст. Зиёдшавии ҷавобҳои респондентҳо доир ба интиқоли маблағҳои пулӣ аз Ҷумҳурии Қазоқистон – 220 нафар (171,9%) ва Белорус – 109 нафар (205,6%) мушоҳида карда шуд. Теъдоди респондентҳое, ки дигар манбаъҳоро номбар намуданд, дар муҳлати таҳлилшаванда, 1239 нафар (-71,8%) кам шуд. Тағйироти сохтории ҷавобҳои респондентҳо дар солҳои 2013-2014 дар ҷадвали 13 оварда шудааст.

**Ҷадвали 13.**

**Динамикаи сохтори тақсими ҷавобҳои респондентҳо доир ба саволи «Интиқоли маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз хориҷа мегиред, асосан аз кадом кишварҳо мебошад?»**

| Мамлакат | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Русия | 4063 | 68,08 | 3906 | 79,63 | 121,6609 |
| Қазоқистон | 128 | 2,14 | 348 | 7,10 | 24,6016 |
| Белорус | 54 | 0,90 | 165 | 3,36 | 6,0516 |
| Дигар | 1725 | 28,90 | 486 | 9,91 | 360,6201 |
| **Ҷамъ:** | **5970** | **100,00** | **4905** | **100,00** | **512,9342** |

Ҳиссаи воридшавии маблағҳои пулӣ тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо аз кишвари Русия дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 ба андозаи 11,57, Қазоқистон – 4,96 ва Белорус – 2,46 банди фоизӣ афзудааст. Танҳо ҳиссаи қиёсии воридшавии маблағҳои пулӣ аз дигар мамлакатҳо ба андозаи 18,99 банди фоизӣ кам шудааст.

Суръати тағйирёбии сохтори воридшавии маблағҳои пулӣ дар маҷмӯъ, ки ба воситаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ андозагирӣ карда шудааст, ба 11,32 банди фоиз баробар аст $(\delta_{d1} - \delta_{do} = 11{,}32_{П.Ф})$.

## 3.6 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро бо кадом роҳ мегиред?»

Доир ба роҳҳои гирифтани интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшаванда тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо бо ифодаи мутлақ чунин хулоса баровардан мумкин аст: бо воситаи бонк – 150 нафар (3,8%), ба воситаи ширкат (ташкилот) – 241 нафар (264,8%) ва шахсони алоҳида – 235 нафар (79,9%) зиёд шудааст. Теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба дастрас кардани маблағҳои пулии аз

хориҷа воридшаванда бо дигар восита 1532 нафар ва дар муқоиса бо соли 2013 ба андозаи 92,7 фоиз кам шудааст (Диаграммаи 14.).




***Диаграммаи 14. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро Шумо бо кадом роҳ мегиред?" (бо фоиз)***

Тағйироти сохтории ҷавобҳои додашудаи респондентҳоро доир ба роҳҳои гирифтани интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷа ба воситаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ андозагирӣ менамоем.

**Ҷадвали 14.**

**Динамикаи сохтори ҷавобҳои респондентҳо доир ба саволи «Интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро Шумо бо кадом роҳ мегиред?»**

| Роҳҳои дастрасии интиқоли маблағҳои пулӣ | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Бонк | 3990 | 66,19 | 3840 | 79,64 | 180,9025 |
| Ширкат (ташкилот) | 91 | 1,51 | 332 | 1,89 | 28,9444 |
| Шахсони алоҳида | 294 | 4,88 | 529 | 10,97 | 37,0881 |
| Дигар | 1653 | 27,42 | 121 | 2,50 | 621,0064 |
| **Ҷамъ:** | **6028** | **100,00** | **4822** | **100,00** | **867,9414** |

Тавре ки аз маълумотҳои ҳисобкардашудаи ҷадвали 14 бармеояд, аз рӯи ҷавобҳои респондентҳо ҳиссаи интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшаванда бо воситаи бонк дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 ба 13,45 банди фоиз, ба воситаи ширкат (ташкилот) 5,38 банди фоиз, ба воситаи шахсони алоҳида – 6,09 банди фоиз афзуда аст. Танҳо ҳиссаи дастрас намудани маблағҳои пулӣ бо дигар восита ба андозаи 24,99 банди фоиз паст шудааст. Суръати тағйирёбии ҳиссаи қиёсии роҳҳои воридшавии маблағҳои пулии аз хориҷа воридшаванда дар маҷмӯъ ба 14,73 банди фоиз баробар аст $(\delta_{d1} - \delta_{do} = 14{,}73_{П.Ф})$.

## 3.7 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Шумо асъори нақди хориҷиро ба кадом мақсад сарф менамоед?»

Аз тарафи респондентҳо ба саволи «Шумо асъори нақди хориҷиро ба кадом мақсад сарф менамоед?» дар соли 2014 назар ба соли 2013 ҷавобҳои мухталиф пешниҳод гардид (Диаграммаи 15).




***Диаграммаи 15. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи “Шумо асъори нақди хориҷиро ба кадом мақсад сарф менамоед?“ (бо фоиз)***

Қайд кардан бомарид аст, ки респондентҳо асосан асъори нақди хориҷиро барои хариди маҳсулоти озуқа(41,9%) ва гузаронидани тую маъракаҳо (20,7%) истифода мебаранд. Мутассифона кам шудани миқдори респондентҳое, ки пасандозгузорӣ менамоянд аз камбудии фаъолияти бонкҳо доир ба ҷалби бештари амонатҳо гувоҳӣ дода, яке аз манбаҳои ҷалби сармояи дохилӣ дар шароити носуботи иқтисодиёти ҷаҳон ва шиддатнокии геополитикии кишварҳои Ғарбу ИМА ва таҳримҳо нисбати Русияи Федералӣ бинобар бӯҳрони сиёсии Украина қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Ҳиссаи ночизи истифодаи маблағҳо барои соҳибкорӣ ва хариди саҳмияҳо нишонаи мушкилии низоми молиявӣ ва сатҳи пасти саводнокии молиявӣ баҳисоб дониста мешавад.

Зиёдшавии ҷавобҳои респондентҳо дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 доир ба хариди хона – 186 нафар (50,0%), гузаронидани тӯй ва маърака – 344 нафар (26,1%), соҳибкорӣ - 171 нафар (31,4%) ва хариди

саҳмия (дигар коғазҳои қиматнок) – 3 нафар (13,0%) мушоҳида карда шуд.

Камшавии ҷавобҳои респондентҳо доир ба хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасонии маишӣ - 315 нафар (-8,5%), хариди автомобил – 70 нафар (-14,6%), амонатгузорӣ - 360 нафар (53,8%), хариди тилловорӣ - 55 нафар (44,7%) ва дигар хароҷот – 189 нафар (-17,1%) ба назар расид.

Тағйироти ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба мақсадҳои сарф намудани асъори нақди хориҷӣ, водор месозад, ки суръати тағйирёбии ҳиссаро дар маҷмӯъ андозагирӣ намоем (Ҷадвали 15).

**Ҷадвали 15.**

**Динамикаи сохтори ҷавобҳои респондентҳо доир ба саволи «Шумо асъори нақди хориҷиро ба кадом мақсад сарф менамоед?»**

| Мақсади сарфи асъори хориҷӣ | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Хариди маҳсулоти озӯқа ва хизматрасонии маишӣ | 3678 | 44,27 | 3372 | 41,98 | 5,2441 |
| Хариди хона | 372 | 4,48 | 558 | 6,95 | 6,1009 |
| Хариди автомобил | 478 | 5,75 | 408 | 5,08 | 0,4489 |
| Гузаронидани тӯй ва маъракa | 1317 | 15,85 | 1661 | 20,68 | 23,3289 |
| Соҳибкорӣ | 544 | 6,55 | 715 | 8,90 | 5,5225 |
| Амонатгузорӣ | 669 | 8,05 | 309 | 3,85 | 17,6400 |
| Хариди тилловорӣ | 123 | 1,48 | 68 | 0,85 | 0,3969 |
| Хариди саҳмия (дигар коғазҳои қиматнок) | 23 | 0,28 | 26 | 0,32 | 0,0016 |
| Дигар | 1104 | 13,29 | 915 | 11,39 | 3,6100 |
| **Ҷамъ:** | **8308** | **100,00** | **8032** | **100,00** | **62,2938** |

Дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 ҳиссаи хариди хона дар сохтори умумии сарфи асъори нақди хориҷӣ ба андозаи 2,47, гузаронидани тӯй ва маърака – 4,83, соҳибкорӣ – 2,35 ва хариди саҳмия (дигар коғазҳои қиматнок) ба миқдори 0,04 банди фоизӣ афзудааст. Ҳиссаи чунин хароҷотҳо, ба монанди хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасонии маишӣ – 2,29, хариди автомобил – 0,67, амонатгузорӣ – 4,2, хариди тилловорӣ – 0,63 ва дигар хароҷот – 1,9 банди фоизӣ кам шудааст.

Тағйирёбии чунин ҳиссаи хароҷот дар сохтори умумӣ ба суръати тағйирёбии онҳо оварда мерасонад. Ҳисоби коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ нишон медиҳад, ки суръати тағйирёбии ҳиссаи харҷи асъори хориҷӣ дар маҷмуъ 2,63 банди фоизиро ташкил медиҳад.

## 3.8 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағҳои нақдиро афзалиятноктар мешуморед?

Фарогирии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба саволи мазкур, дар соли 2014 назар ба соли 2013 бо теъдоди 172 нафар (-2,61%) кам шудааст (Диаграммаи 16).




*Диаграммаи 16. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи " Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағҳои нақдиро афзалиятноктар мешуморед?" (бо фоиз)*

Теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 доир ба нигоҳ доштани маблағҳои нақдӣ бо пули миллӣ – сомонӣ 92 нафар (-2,8%), доллари ИМА – 88 нафар (-3,6%), евро – 2 нафар (-1,4%) ва дигар асъор – 111 нафар (-71,6%) коҳиш ёфтааст. Баръакс, дар мӯҳлати таҳлилшаванда теъдоди шахсоне, ки мехоҳанд маблағи нақдиро бо рубли русӣ нигоҳ доранд, 121 нафар (32,1%) афзудааст.

Ҷавобҳои додашуда аз рӯи саволи мазкур ба ҳолати воқеии нигоҳдории пасандозҳо дар бонкҳои ҷумҳурӣ кам шабоҳат менамоянд. Дар соли сипаришудаи 2014 80 фоизи сатҳи ҷорӣ пасандозҳои муҳлатнок бо асъори хориҷӣ нигоҳ дошта шуда, тадриҷан беқурбшавии пули миллии сомонӣ вобаста аз вазъи иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар соли 2015 мумкин аст аҳолиро ба таҳлукаи бо асъори хориҷӣ нигоҳ доштани пасандозҳо оварда расонад.

Сабаби нисфи ҷавоби респондентҳо доир ба пули миллӣ нигоҳ доштани пасандозҳо, ба андешаи мо аз таркиби сохтории респондентҳое, ки бештари онҳо хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилотҳои буҷетӣ мебошанд, вобастагӣ дорад.

Дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 динамикаи ҳиссаи нигоҳдории маблағҳои нақдӣ бо сомонӣ, доллари ИМА, евро, рубли русӣ ва дигар асъорро дар маҷмӯъ бо ёрии коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ андозагирӣ менамоем (Ҷадвали 16).

**Ҷадвали 16.**

**Динамикаи сохтори ҷавобҳои респондентҳо доир ба саволи «Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағҳои нақдиро афзалиятноктар мешуморед?»**

| Намуди асъор | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Сомонӣ | 3448 | 52,34 | 3356 | 52,31 | 0,0009 |
| Доллари ИМА | 2467 | 37,45 | 2379 | 37,08 | 0,1369 |
| Евро | 141 | 2,14 | 139 | 2,17 | 0,0009 |
| Рубли русӣ | 377 | 5,72 | 498 | 7,76 | 4,1616 |
| Дигар асъор | 155 | 2,35 | 44 | 0,68 | 2,7889 |
| **Ҷамъ:** | **6588** | **100,00** | **6416** | **100,00** | **7,0892** |

Натиҷаи ҳисобкардашудаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ исбот месозад, ки суръати тағйирёбии ҳиссаи қиёсии нигоҳдории маблағҳои нақдӣ бо асъорҳои гуногун он қадар зиёд нест ва дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 ҳамагӣ 1,191 банди фоизро ташкил медиҳад $(\delta_{d1} - \delta_{do} = 1{,}191_{П.Ф})$.

### 3.9 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Бо кадом сабаб Шумо нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморед?»

Теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба сабабҳои нигоҳ доштани маблағи нақдӣ дар соли 2014 назар ба соли 2013 – 165 нафар (-2,7%) кам шудааст (Диаграммаи 17).




*Диаграммаи 17, Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Бо кадом сабаб Шумо нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморед" (бо фоиз)*

Ҷавобҳои додашудаи респондентҳо оид ба қурби устувор дорад, дар мӯҳлати муқоисашаванда бо теъдоди 436 нафар (22,6%) ва воқеан ба тиҷорати беруна мусоидат менамояд – 19 нафар (13,5%) афзудааст. Баръакс, теъдоди респондентҳо, ки ҷавоб додаанд даромад меоварад – 49

нафар (-2,7%), ривоҷи тиҷорати дохилӣ – 163 нафар (-19,6%) ва дигар сабабҳо – 78 нафар (-5,7%) кам шудааст. Тағйирёбии ҳиссаи қиёсии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба саволи мазкур дар ҷадвали 17 пешниҳод шудааст.

**Ҷадвали 17.**

**Динамикаи сохтори ҷавобҳои респондентҳо доир ба саволи «Бо кадом сабаб Шумо нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморед?»**

| Сабаби нигоҳдории маблағҳои нақдӣ | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Қурби устувор дорад | 1930 | 31,78 | 2366 | 37,93 | 37,8225 |
| Даромад меоварад | 1807 | 29,75 | 1758 | 28,18 | 2,4649 |
| Ривоҷи тиҷорати беруна | 141 | 2,32 | 160 | 2,57 | 0,0625 |
| Ривоҷи тиҷорати дохилӣ | 833 | 13,72 | 670 | 10,74 | 8,8804 |
| Дигар | 1362 | 22,43 | 1284 | 20,58 | 3,4225 |
| **Ҷамъ:** | **6073** | **100,00** | **6238** | **100,00** | **52,6528** |

Дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ҳиссаи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба қурби устувор дорад 6,15 банди фоиз, ба тиҷорати беруна мусоидат менамояд 0,25 банди фоиз афзудааст. Боқимонда ҳиссаҳои қиёсӣ, яъне ҷавобҳои додашудаи респондентҳо, ки даромад меоварад - 1,57 банди фоиз, ривоҷи тиҷорати дохилӣ - 2,98 банди фоиз ва дигар сабабҳои нигоҳдории маблағи нақдӣ - 1,85 банди фоиз кам шудааст.

Суръати тағйирёбии ҳиссаи қиёсии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар сохтори маҷмӯӣ ба 3,245 банди фоиз баробар аст ( $\delta_{d1-d0}=3{,}245_{П.Ф}$)

### 3.10 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани пасандозро афзалиятноктар мешуморед?»

Динамикаи респондентҳо мувофиқи ҷавобҳои додашуда аз рӯи саволи «Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани пасандозро афзалиятноктар мешуморед?» дар давоми солҳои 2013-2014 тамоюли зиёдшавиро дорад.

Афзоиши ҷавобҳои респондентҳо дар хусуси бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани пасандозро афзалиятноктар мешуморед, чунин аст: доллари ИМА – 245 нафар (11,78%), евро – 1 нафар (0,59%). Дар муҳлати муқоисашавандаи солҳои 2013-2014 камшавии ҷавобҳои респондентҳо бо асъорҳои зерин нигоҳ доштани пасандоз ба назар мерасад: сомонӣ - 228 нафар (-7,78%), рубли русӣ - 31 нафар (-7,65%) ва дигар асъор – 536 нафар (-74,5%) (Диаграммаи 18).




*Диаграммаи 18. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Шумо бо кадом кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи пасандозро афзалиятноктар мешуморед?" (бо фоиз)*

Чунин афзоиши (камшавии) ҳиссаи ҷавобҳои респондентҳо, ки бо асъорҳои мухталиф нигоҳ доштани пассандозро афзалиятноктар мешуморанд, бевосита ба тағйироти сохтори маҷмӯии тадқиқшаванда оварда мерасонад (Ҷадвали 18).

**Ҷадвали 18.**

**Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани пасандозро афзалиятноктар мешуморед?»**

| Намуди асъор | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Сомонӣ | 2930 | 46,49 | 2702 | 46,96 | 0,2209 |
| Доллари ИМА | 2080 | 33,00 | 2325 | 40,41 | 54,9081 |
| Евро | 169 | 2,68 | 170 | 2,95 | 0,0729 |
| Рубли русӣ | 405 | 6,43 | 374 | 6,50 | 0,0049 |
| Дигар асъор | 719 | 11,40 | 183 | 3,18 | 67,5684 |
| **Ҷамъ:** | **6303** | **100,00** | **5754** | **100,00** | **122,9961** |

Нишондиҳандаҳои ҳисобкардашудаи ҷадвали 18 исбот месозад, ки ҳиссаи қиёсии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо оид ба нигоҳ доштани пасандоз бо пули миллӣ – сомонӣ 0,47 банди фоиз, доллари ИМА – 7,41 банди фоиз, евро – 0,27 банди фоиз ва рубли русӣ – 0,07 банди фоиз афзуда, бо дигар асъор нигоҳ доштани пасандоз, баръакс – 8,22 банди фоиз кам шудааст.

Суръати тағйирёбии ҳиссаи қиёсии маҷмӯӣ дар давоми солҳои 2013-2014 андозаи 4,960 банди фоизро ташкил медиҳад ($\delta_{d1-d0} = 4{,}960_{П.Ф}$)

### 3.11 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед?»

Динамикаи ҷавобҳои респондентҳо дар маҷмӯъ дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 бо теъдоди 872 нафар (-12,12%) кам шудааст. Аммо теъдоди

ҷавоби респондентҳое, ки боварӣ ба бонк доранд – 1088 нафар (100,83%), даромад меоварад – 437 нафар (24,20%), гирифтан осон аст – 124 нафар (23,98%) ва нигоҳ доштан – 238 нафар (58,05%) зиёд шудааст. Ҷавоби респондентҳое, ки дигар сабабҳоро дар пурсишнома қайд кардаанд, дар ин муҳлат бо теъдоди 2759 нафар (-81,53%) кам шудааст (Диаграммаи 19).




***Диаграммаи 19 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед?" (бо фоиз)***

Тағйироти сохтори ҷавобҳои додашудаи респондентҳо аз рӯи бандҳои дар пурсишнома овардашуда дар ҷадвали 19 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 19.**

**Динамикаи сохтори тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед?»**

| | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Боварӣ ба бонк | 1079 | 14,99 | 2167 | 34,27 | 371,7184 |
| Даромад меоварад | 1806 | 25,10 | 2243 | 35,47 | 107,5369 |
| Гирифтан осон аст | 517 | 7,18 | 641 | 10,14 | 8,7616 |
| Нигоҳ доштан | 410 | 5,70 | 648 | 10,24 | 20,6116 |
| Дигар | 3384 | 47,03 | 625 | 9,88 | 1380,1225 |
| **Ҷамъ:** | **7196** | **100,00** | **6324** | **100,00** | **1888,751** |

Ҳиссаи респондентҳое, ки ба бонк боварӣ доранд, дар соли муқоисашавандаи 2013-2018, ба андозаи 19,28, даромад меоварад – 10,37, гирифтан осон аст – 2,96, нигоҳ доштан – 4,54 банди фоизӣ афзудааст. Танҳо ҳиссаи гурӯҳи респондентҳое, ки бо дигар сабабҳо пасандозро ба бонк мегузоранд, 37,15 банди фоиз кам шудааст. Суръати тағйирёбии ҳиссаи қиёсии маҷмӯӣ ба андозаи 19,435 банди фоиз мебошад ( $\delta_{d1-d0} = 19{,}435_{П.Ф}$ )

## 3.12 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Оё Шумо медонед, ки дар бонкҳои амалкунандаи Тоҷикистон амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад?»

Тибқи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар соли 2014 назар ба соли 2013 кафолати пасандозҳои шаҳрвандон дар бонкҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 58 нафар (ё ин ки 1,24%) зиёд шудааст. Теъдоди респондентҳое, ки ҷавобҳо доданд дар бонкҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба кафолати пасандозҳои шаҳрвандон хабардор нестанд, 64 нафар (-4,80%) кам шудааст (Диаграммаи 20).




*Диаграммаи 20 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Оё Шумо медонед, ки дар бонкҳои амалкуандаи Тоҷикистон амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад?" (бо фоиз)*

Дар солҳои таҳлилшавандаи 2013-2014, новобаста аз маҳдудии (устувории) миқдори навъи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо баҳои ҷамъбастии тағйироти сохтори саволи мазкурро бо ёрии коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ҳисоб менамоем.

**Ҷадвали 20.**

**Динамикаи сохтори тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Шумо медонед, ки дар бонкҳои амалкунандаи Тоҷикистон амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад?»**

| Навъи ҷавоб | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Ҳа | 4671 | 77,78 | 4729 | 78,83 | 1,1025 |
| Не | 1334 | 22,22 | 1270 | 21,17 | 1,1025 |
| **Ҷамъ:** | **6005** | **100,00** | **5999** | **100,00** | **2,205** |

Суръати тағйирёбии ҳиссаи респондентҳо доир ба навъи ҷавобҳои додашуда дар маҷмӯи сохторӣ он қадар зиёд набуда, ҳамагӣ 1,05 банди фоизро ташкил медиҳад.

### 3.13 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Шумо дар кадом шакл (нақдӣ ё ғайринақдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред?»

Динамикаи теъдоди респондентҳое, ки ба саволи мазкур ҷавобҳо додаанд, дар соли 2014 назар ба соли 2013 афзудааст. Суръати афзоиши мутлақ 33 нафар ва нисбӣ – 0,46 фоиз аст (Диаграммаи 21).




*Диаграммаи 21. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Шумо дар кадом шакл (нақдӣ ё ғайринақдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред?" (бо фоиз)*

Тамоили афзоиши ҷавобҳо аз рӯи бандҳои зерини саволи «Шумо дар кадом шакл (нақдӣ ё ғайринақдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред?» мушоҳида карда шуд: доллари нақд – 108 нафар (6,74%), тилло – 14 нафар (19,18%), сомонии нақд – 2388 нафар (4,05 маротиба), амонат бо сомонӣ – 823 нафар (63,31 маротиба) ва амволи ғайриманқул – 34 нафар (16,75%). Тамоили камшавии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба шаклҳои зерин нигоҳдории маблағҳои пулӣ ба назар расид: амонат бо доллар – 1893 нафар (-61,34%), дигар асъори нақд – 513 нафар (-75,89%), ҷавоҳирот – 796 нафар (-85,22%), нуқра – 27 нафар (-77,14%) ва дигар – 105 нафар (-19,55%).

Тағйироти ба вуқуъомадаи шаклҳои нигоҳдории маблағҳои пулӣ аз рӯи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо, дар навбати худ, ба тағйироти сохтори маҷмӯи тадқиқшаванда оварда мерасонад (Ҷадвали 21).

**Ҷадвали 21.**

**Динамикаи сохтори тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Шумо дар кадом шакл (нақдӣ ё ғайринақдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред? »**

| Шакли нигоҳдории маблағҳои пулӣ | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Доллари нақд | 1603 | 22,21 | 1711 | 23,59 | 1,9044 |
| Амонат бо доллар | 3086 | 42,75 | 1193 | 16,44 | 692,2161 |
| Дигар асъори нақд | 676 | 9,36 | 163 | 2,25 | 50,5521 |
| Ҷавоҳирот | 934 | 12,94 | 138 | 1,90 | 121,8816 |
| Тилло | 73 | 1,01 | 87 | 1,20 | 0,0361 |
| Нуқра | 35 | 0,48 | 8 | 0,12 | 0,1296 |
| Сомонии нақд | 59 | 0,82 | 2447 | 33,74 | 1083,7264 |
| Амонат бо сомонӣ | 13 | 0,18 | 836 | 11,53 | 128,8225 |
| Амволи ғайриманқул | 203 | 2,81 | 237 | 3,27 | 0,2116 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Дигар | 537 | 7,44 | 432 | 5,96 | 2,1904 |
| **Ҷамъ:** | **7219** | **100,00** | **7252** | **100,00** | **2081,6708** |

Тавре ки маълумоти ҳисобкардашудаи ҷадвали 21 исбот месозад, дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 ҳиссаи қиёсии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба нигоҳ доштани маблағҳои пулӣ дар шакли доллари нақд – 1,38 банди фоиз, сомонии нақд – 32,92 банди фоиз, амонат бо сомонӣ – 11,35 банди фоиз ва амволи ғайриманқул – 0,46 банди фоиз афзудааст. Чунин ҳиссаи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба шаклҳои нигоҳдории маблағҳои пулӣ, ба монанди амонат бо доллар – 26,31 банди фоиз, дигар асъори нақд – 7,11 банди фоиз, ҷавоҳирот – 11,04 банди фоиз, нуқра – 0,36 банди фоиз ва дигар шакл – 1,48 банди фоиз паст шудааст.

Суръати тағйирёбии ҳиссаи шаклҳои нигоҳдории маблағҳои пулӣ дар сохтори умумӣ, ки ба воситаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ҳисоб карда шудааст, 14,43 банди фоизро ташкил медиҳад ($\delta_{d1-d0} = 14{,}43_{П.Ф}$).

### 3.14 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Аз нигоҳи Шумо садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулии Шумо дар чист?»

Динамикаи теъдоди респондентҳо дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014, доир ба ҷавобҳои додашуда аз рӯи бандҳои саволи мазкур 50 нафар (ё ин ки 0,80%) кам шудааст (Диаграммаи 22).




*Диаграммаи 22. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Аз нигоҳи Шумо садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулии Шумо дар чист?" (бо фоиз)*

Тағйироти таркиби ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба нобоварӣ ба бонк – 268 нафар (55,03%), меъёри пасти фоиз – 116 нафар (5,65%) набудани воситаҳои пулии озод – 149 нафар (7,09%) тамоили афзуншавӣ дошт. Танҳо теъдоди респондентҳое, ки ҷавобҳо додаанд, садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулӣ дигар сабабҳо мебошанд, дар давраҳои таҳлилшаванда 583 нафар (36,60%) кам шудааст. Тамоили мазкур тавонист, ки боиси тағйироти сохторӣ дар маҷмӯи тадқиқшаванда гардад (Ҷадвали 22).

**Ҷадвали 22.**

**Динамикаи сохтори тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Аз нигоҳи Шумо садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулии Шумо дар чист?»**

| Садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулӣ | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Нобоварӣ ба бонк | 487 | 7,81 | 755 | 12,21 | 19,3600 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Меъёри пасти фоиз | 2052 | 32,92 | 2168 | 35,06 | 4,5796 |
| Набудани воси-таҳои пулии озод | 2102 | 33,72 | 2251 | 36,40 | 7,1824 |
| Дигар | 1593 | 25,55 | 1010 | 16,33 | 85,0084 |
| **Ҷамъ:** | **6234** | **100,00** | **6184** | **100,00** | **116,1304** |

Ҳиссаи қиёсии ҷавобҳои респондентҳо, дар солҳои 2013-2014 доир ба нобоварӣ ба бонк ба андозаи 4,4 банди фоиз, меъёри пасти фоиз – 2,14 банди фоиз ва набудани воситаҳои пулии озод – 2,68 банди фоиз афзудааст. Ҳиссаи қиёсии ҷавоби респондентҳо оид ба сабабҳои дигари садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулӣ дар бонк, 9,22 банди фоиз паст шудааст.

Суръати тағйирёбии ҳиссаи қиёсии дар боло номбаршуда дар маҷмӯъ, ки ба воситаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ баҳо дода шудааст, 5,39 банди фоизро ташкил медиҳад ( $\delta_{d1-d0} = 5{,}39_{П.Ф}$).

### 3.15 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Дар оилаи Шумо ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст? (мисол, харидорӣ тариқи қарз)»

Теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар динамика (соли 2014 нисбат ба соли 2013) оид ба ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 986 нафар (ё ин ки 19,67%) зиёд шудааст (Диаграммаи 23).




*Диаграммаи 23 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Дар оилаи Шумо ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст (мисол, харидорӣ тариқи қарз)" (бо фоиз)*

Аз маълумотҳо бар меояд, ки фарогирии молиявӣ ва дастрасӣ ба қарзҳо дар сатҳи паст қарор дорад.

Доир ба тасдиқи қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 теъдоди 1831 нафар респондент изҳори ақида намуданд, ки нисбат ба соли 2013 бо теъдоди 142 нафар (8,4%) зиёд аст. Оид ба ин қарздорӣ, динамикаи шумораи респондентҳо дар муҳлати муқоиса-шаванда тамоили зиёдшавиро дошта, бо бузургии мутлақ 844 нафар ва нишондиҳандаи нисбӣ 25,39 фоиз афзудааст.

**Ҷадвали 23.**

**Динамикаи сохтори тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Дар оилаи Шумо ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст? (мисол, харидорӣ тариқи қарз)».**

| Навъи ҷавоб | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Ҳа | 1689 | 33,69 | 1831 | 30,52 | 10,0489 |
| Не | 3324 | 66,31 | 4168 | 69,48 | 10,0489 |
| **Ҷамъ:** | **5013** | **100,00** | **5999** | **100,00** | **20,0978** |

Ҳиссаи респондентҳое, ки ҷавоби «Ҳа» доданд, бо андозаи 3,17 банди фоиз кам шудааст ва мутаносибан ҷавоби «Не» андозаи 3,17 банди фоизро ташкил дода, баръакс тамоили зиёдшавиро соҳиб аст.

### 3.16 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Бо кадом намуди асъор гирифтани қарзро афзалиятноктар мешуморед?»

Дар солҳои 2013-2014 теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба бандҳои саволи мазкур – 502 нафар (-7,8%) кам шудааст (Диаграммаи 24).




***Диаграммаи 24 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Бо кадом намуди асъор гирифтани қарзро афзалиятноктар мешуморед?" (бо фоиз)***

Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи теъдоди ҷавобҳои додашуда доир ба гирифтани қарз бо намудҳои мухталифи асъор тафсилоти зеринро дорад: коҳиш ёфтани гирифтани қарз бо пули миллӣ - сомонӣ - 451 нафар (-11,8%), евро – 26 нафар (-15,9%), рубли русӣ

- 14 нафар (-4,1%) ва бо дигар асъор – 192 нафар (-65,1%). Дар давраи муқоисашаванда танҳо зиёдшавии ҷавобҳои респондентҳо доир ба гирифтани қарз бо доллари ИМА мушоҳида карда шудааст ва афзоиши он 181 нафарро (10,0%) ташкил медиҳад.

Тағйироти сохтории ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар маҷмӯъ дар ҷадвали 24 оварда шудааст.

**Ҷадвали 24.**

**Динамикаи сохтори шумораи респондентҳо доир ба саволи «Бо кадом намуди асъор гирифтани қарзро афзалиятноктар мешуморед?»**

| Намуди асъор | Солҳои | | | | $(d_{i1} - d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Сомонӣ | 3820 | 59,39 | 3369 | 56,81 | 6,6564 |
| Доллари ИМА | 1816 | 28,24 | 1997 | 33,68 | 29,5936 |
| Евро | 163 | 2,53 | 137 | 2,31 | 0,0484 |
| Рубли русӣ | 338 | 5,25 | 324 | 5,46 | 0,0441 |
| Дигар | 295 | 4,59 | 103 | 1,74 | 8,1225 |
| **Ҷамъ:** | **6432** | **100,00** | **5930** | **100,00** | **44,4166** |

Ҳиссаи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба афзалияти гирифтани қарз бо пули миллӣ - сомонӣ дар соли 2014 назар ба соли 2013 ба андозаи 2,58, евро – 0,22 ва дигар асъор – 2,85 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Баръакс, афзалияти гирифтани қарз бо доллари ИМА – 5,44 ва рубли русӣ - 0,21 банди фоизӣ боло рафтааст. Суръати тағйирёбии ҳиссаи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар маҷмӯъ 2,98 банди фоизиро ташкил медиҳад ($\delta_{d1-d0} = 2{,}98_{П.Ф}$).

## 3.17 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Бо кадом намуди асъор пардохти қарзро афзалиятноктар мешуморед?»

Дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 миқдори ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба ҳамаи бандҳои саволи мазкур 407 нафар (-6,47%) кам шудааст (Диаграммаи 25).




*Диаграммаи 25. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Бо кадом намуди асъор пардохти қарзро афзалиятноктар мешуморед?" (бо фоиз)*

Теъдоди ҷавобҳои додашудаи ресондентҳое, ки мехоҳанд қарзро бо пули миллӣ - сомонӣ пардохт намоянд, дар муҳлати муқоисавӣ 124 нафар (-3,3%), доллари ИМА – 14 нафар (-0,8%), рубли русӣ - 35 нафар (-9,9%) ва дигар асъор – 247 нафар (-72,0%) кам шудааст. Теъдоди

респондентҳое, ки изҳор намудаанд қарзро бо евро адо намоянд, 13 нафар (10,9%) зиёд шудааст.

Суръати тағйирёбии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар сохтори маҷмӯи тадқиқшаванда ба воситаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ баҳо дода мешавад (Ҷадвали 25).

**Ҷадвали 25.**

**Динамикаи сохтори шумораи респондентҳо доир ба саволи «Бо кадом намуди асъор пардохти қарзро афзалиятноктар мешуморед?»**

| Намуди асъор | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Сомонӣ | 3758 | 59,77 | 3634 | 61,80 | 3,3489 |
| Доллари ИМА | 1715 | 27,28 | 1701 | 28,93 | 2,7225 |
| Евро | 119 | 1,89 | 132 | 2,24 | 0,1225 |
| Рубли русӣ | 352 | 5,60 | 317 | 5,39 | 0,0441 |
| Дигар | 343 | 5,46 | 96 | 1,63 | 14,6689 |
| **Ҷамъ:** | **6287** | **100,00** | **5880** | **100,00** | **20,9069** |

Бояд қайд кард, ки дар давраи муқоисашавандаи солҳои 2013-2014 ҳиссаи респондентҳое, ки ҷавоб доданд пардохти қарзро бо сомонӣ афзалиятноктар мешуморанд, 2,03, доллари ИМА – 1,65, евро – 0,35 банди фоизӣ дар сохтори маҷмӯъ зиёд шудааст. Ҳиссаи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба пардохти қарз бо рубли русӣ ва дигар асъор, мутаносибан 0,21 ва 3,8 банди фоиз кам шудааст.

Суръати тағйирёбии ҳиссаи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба пардохти қарз бо асъорҳои мухталиф дар маҷмӯъ 2,04 банди фоизро ташкил медиҳад ($\delta_{d1-d0}=2{,}04_{П.Ф}$).

### 3.18 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Вазни қиёсии асъори нақди хориҷие, ки Шумо чанд соли охир доштед?».

Дар соли 2014 теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо ба бандҳои саволи мазкур, нисбат ба соли 2013 – 159 нафар (-2,64%) кам шудааст (Диаграммаи 26).




*Диаграммаи 26. Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Вазни қиёсии асъори нақди хориҷие, ки Шумо чанд соли охир доштед" (бо фоиз)*

Дар даври таҳлилшаванда теъдоди респондентҳое, ки вазни қиёсии асъори хориҷии нақдинаи онҳо дар солҳои охир тамоили болоравиро дорад, 504 нафар (16,01%) вапастравӣ дорад 176 нафар (20,0%) зиёд шудааст. Дар баробари ин шумораи респондентҳое, ки вазни қиёсии асъори нақди онҳо бетағйир мондааст – 839 нафар (-42,2%) кам шудааст.

Тағйироти сохтории ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир бв саволи «Вазни қиёсии асъори хориҷии нақдина, ки Шумо чанд соли охир доштед?» дар солҳои 2013-2014 дар Ҷадвали 26 пешниҳод шудааст.

**Ҷадвали 26.**

**Динамикаи сохтори тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Вазни қиёсии асъори хориҷии нақдина, ки Шумо чанд соли охир доштед?».**

| Сатҳи тағйирёбӣ | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Болоравӣ | 3149 | 52,36 | 3653 | 62,39 | 100,6009 |
| Пастравӣ | 878 | 14,60 | 1054 | 18,00 | 11,5600 |
| Бетағйир монд | 1987 | 33,04 | 1148 | 19,61 | 180,3649 |
| **Ҷамъ:** | **6014** | **100,00** | **5855** | **100,00** | **292,5258** |

Ҳиссаи ҷавобҳои додашудаи респондентҳо аз рӯи сатҳи тағйирёбии вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ дар чанд соли охир бо тариқи зайл баҳо дода мешавад: болоравӣ – 10,03 ва пастравӣ – 3,4 афзуда, сатҳи бетағйир монд ба андозаи 13,34 банди фоизӣ кам шудааст. Суръати ҳиссаи тағйирёбии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар маҷмӯи тадқиқшаванда, ки бо ёрии коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ҳисоб карда шудааст, 9,87 банди фоизро ташкил медиҳад ($\delta_{d1-d0} = 9{,}87_{П.Ф}$).

### 3.19 Динамикаи тақсими шумораи респондентҳо аз рӯи саволи «Дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ Шумо нигоҳдории кадом намуди асъорро афзалиятноктар медонед?»

Дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 таркиби саволи «Дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ Шумо нигоҳдории кадом намуди асъорро афзалиятноктар медонед?» Қайд кардан зарур аст, ки бинобар беқурбшавии пули миллии сомонӣ шумораи хоҳишмандони нигоҳдории асъор бо доллари ИМА ва евро зиёд шудааст, ки ҷамъбасти ҷавоби респондентҳо аз он гувоҳӣ медиҳад. (Диаграммаи 27).




***Диаграммаи 27. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи саволи "Дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ Шумо нигоҳдории кадом намуди асъорро афзалиятноктар медонед?" (бо фоиз)***

Шумораи респондентҳое, ки ҷавоб доданд, ки дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ нигоҳ доштани пули миллӣ – сомониро афзалиятноктар медонанд, дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 780 нафар (-21,9%), рубли русӣ – 104 нафар (-20,6%) ва дигар намуди асъор – 76 нафар (-52,0%) коҳиш ёфтааст. Динамикаи теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо, дар давраи муқоисашавандаи солҳои 2013-2014 доир ба нигоҳ доштани доллари ИМА – 575 нафар (25,4%) ва евро – 28 нафар (12,1%) афзудааст.

Динамикаи сохтори ҳиссаи қиёсии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо доир ба нигоҳдории намудҳои мухталифи асъор дар солҳои 2013-2014 дар ҷадвали 27 пешниҳод шудааст.

**Ҷадвали 27.**

**Динамикаи сохтори тақсими шумораи респондентҳо доир ба саволи «Шумо оянда барои бехтаршавии сатҳи зиндагӣ нигоҳдории кадом намуди асъорро афзалиятноктар медонед?»**

| Намуди асъор | Солҳои | | | | $(d_{i1}-d_{io})^2$ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | |
| | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{io})$ | Мутлақ (нафар) | Нисбӣ (%), $(d_{i1})$ | |
| Сомонӣ | 3561 | 53,09 | 2781 | 43,79 | 87,6096 |
| Доллари ИМА | 2266 | 33,78 | 2841 | 44,73 | 119,9025 |
| Евро | 231 | 3,44 | 259 | 4,08 | 0,4096 |
| Рубли русӣ | 504 | 7,51 | 400 | 6,30 | 1,4641 |
| Дигар | 146 | 2,18 | 70 | 2,10 | 1,1664 |
| **Ҷамъ:** | **6708** | **100,00** | **6351** | **100,00** | **210,5522** |

Дар давраҳои тадқиқшаванда тағйирёбии ҳиссаи қиёсии нигоҳдории намудҳои мухталифи асъор, ба таври зерин баҳо дода мешавад: сомонӣ бо андозаи 9,3% банди фоиз, рубли русӣ – 1,21 банди фоиз ва дигар намуди асъор 1,08 банди фоиз кам шудааст. Баръакс, ҳиссаи қиёсии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо оид ба нигоҳдории маблағ бо доллари ИМА – 10,95 банди фоиз ва евро – 0,64 банди фоиз тамоили зиёдшавиро соҳиб гардидааст.

Суръати тағйирёбии ҳиссаи қиёсии ҷавобҳои додашудаи респондентҳо дар маҷмӯи сохторӣ 6,49 банди фоизро ташкил медиҳад ( $\delta_{d1-d0}=6{,}49_{П.Ф}$ ).

## ҚИСМИ 4
## ДУРНАМОИ БАҲОДИҲИИ МУОМИЛОТИ АСЪОРИ НАҚДИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2015 ДАР АСОСИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МИЁНАИ ДИНАМИКӢ

### 4.1 Дурнамои даромади умумии моҳонаи оила дар соли 2015

Дурнамои даромади умумии моҳонаи оила дар соли 2015, ки тибқи нишондиҳандаҳои миёнаи динамикӣ ҳисоб карда шудааст, чунин шакл дорад: дар ҳудуди аз 100 то 1000 сомонӣ – 357 нафар, аз 1000 то 2000 сомонӣ – 2749 нафар, аз 2000 то 3000 сомонӣ – 1858 нафар, аз 3000 то 4000 сомонӣ – 62 нафар, аз 4000 сомонӣ ва зиёд – 204 нафар (ниг. ба диаграммаи 1).




**Диаграммаи 1. Дурнамои даромади умумии моҳонаи оила дар соли 2015 (нафар)**

### 4.2 Дурнамои ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оила аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда дар соли 2015

Дурнамои ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳона аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда дар соли 2015 чунин аст: то 10% - 67 нафар, аз 10% то 20% - 1672 нафар, аз 20% то 30% - 1769 нафар ва аз 30% ва зиёда – 781 нафар (ниг. ба диаграммаи 2).




**Диаграммаи 2. Дурнамои ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оила аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар дар соли 2015 воридшаванда, (нафар)**

## 4.3 Дурнамои маблағҳои пулӣ, ки дар соли 2015 аз кишварҳои дигар ба даст оварда мешаванд

Ояндабинии маблағҳои пулӣ, ки дар соли 2015 аз кишварҳои дигар ба даст оварда мешаванд бо тарзи зайл баҳо дода мешавад: аз корҳои мавсимӣ – 662 нафар, аз хешовандони муқими дигар кишварҳо – 595 нафар, аз фарзандон – 2180 нафар, аз дӯстон – 115 нафар, аз нафақа – 90 нафар, аз ёрӣ ва кӯмаки дӯстон – 371 нафар ва дигарон – 237 нафар (ниг.ба диаграммаи 3).




**Диаграммаи 3. Дурнамои маблағҳои пулӣ, ки дар соли 2015 аз кишварҳои дигар ба даст оварда мешаванд, (нафар)**

## 4.4 Дурнамои интиқоли маблағҳои пулии аз кишварҳои хориҷӣ дар соли 2015 воридшаванда

Дар соли 2015 интиқоли маблағҳои пулӣ асосан аз кишварҳои зерин пешбинӣ карда шудааст: Русия – 3749 нафар, Қазоқистон – 568 нафар, Белорус – 274 нафар ва кишварҳои дигар – (-753 нафар) (ниг.ба диаграммаи 4).




**Диаграммаи 4. Дурнамои интиқоли маблағҳои пулии аз кишварҳои хориҷӣ дар соли 2015 воридшаванда, (нафар)**

## 4.5 Дурнамои роҳҳои гирифтани интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа дар соли 2015 воридшаванда

Роҳҳои гирифтани интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа дар соли 2015 воридшаванда ба тарзи зайл пешбинӣ карда мешавад: ба воситаи бонк – 3690 нафар, ба воситаи ширкат (ташкилот) – 573 нафар, ба воситаи шахсони алоҳида – 764 нафар ва дигар восита (-1411) нафар (ниг.ба диаграммаи 5).




**Диаграммаи 5. Дурнамои роҳҳои гирифтани интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа дар соли 2015 воридшаванда, (нафар)**

## 4.6 Дурнамои мақсаднок сарф намудани асъори нақди хориҷӣ дар соли 2015

Мақсаднок сарф намудани асъори нақди хориҷӣ дар соли 2015 бо тариқи зайл пешбинӣ карда шудааст: хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасониҳои маишӣ – 3057 нафар, хариди хона – 744 нафар, хариди автомобил – 338 нафар, гузаронидани тӯй ва маъракa – 2005 нафар, соҳибкорӣ – 886 нафар, амонатгузорӣ – (-51 нафар), хариди тилловорӣ – 13 нафар, хариди саҳмия (дигар коғазҳои қиматнок) – 29 нафар ва дигар – 726 нафар (ниг.ба диаграммаи 6).




**Диаграммаи 6. Дурнамои мақсаднок сарф намудани асъори нақди хориҷӣ дар соли 2015, (нафар)**

### 4.7 Дурнамои афзалиятнок шумоpидани нигоҳдории маблағҳои нақдӣ дар соли 2015 бо намудҳои мухталифи асъор

Динамикаи теъдоди респондентҳоеро, ки бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятнок мешуморанд, метавон бо шакли зерин пешбинӣ кард: бо сомонӣ – 3264 нафар, бо доллари ИМА – 2291 нафар, бо евро – 137 нафар, бо рубли русӣ – 619 нафар ва дигар – 726 нафар (ниг.ба диаграммаи 7).




**Диаграммаи 7. Дурнамои афзалиятнок шумоpидани нигоҳдории маблағҳои нақдӣ дар соли 2015 бо намудҳои мухталифи асъор, (нафар)**

## 4.8 Дурнамои афзалиятнок шумоиридани нигоҳдории маблағҳои нақдӣ дар соли 2015

Ояндабинии теъдоди респондентҳо доир ба сабабҳои нигоҳ доштани маблағҳои нақдӣ барои соли 2015 ба таври зерин пешбинӣ шудааст: қурби устувор дорад – 2802 нафар, даромад меоварад – 1709 нафар, ривоҷи тиҷорати беруна – 179 нафар, ривоҷи тиҷорати дохилӣ – 507 нафар ва дигар – 1206 нафар (ниг.ба диаграммаи 8).




**Диаграммаи 8. Дурнамои афзалиятнок шумоиридани сабабҳои нигоҳ доштани маблағҳои нақдӣ дар соли 2015, (нафар)**

## 4.9 Дурнамои афзалиятнок шумоaridани нигоҳдории маблағҳои пасандоз дар соли 2015 бо намудҳои мухталифи асъор

Барои соли 2015 дурнамои теъдоди респондентҳо доир ба афзалиятнок шуморидани нигоҳдории маблағи пасандоз бо намудҳои мухталифи асъор дар шакли зерин пешниҳод карда мешавад: бо сомонӣ – 2474 нафар, бо доллари ИМА – 2570 нафар, бо евро – 171 нафар, бо рубли русӣ – 343 нафар, бо дигар асъор – 183 нафар (ниг.ба диаграммаи 9).




**Диаграммаи 9. Дурнамои афзалиятнок шуморидани нигоҳдории маблағҳои пасандоз дар соли 2015 бо намудҳои мухталифи асъор, (нафар)**

## 4.10 Дурнамои сабабҳои нигоҳдории амонат аз рӯйи асъор дар бонк дар соли 2015

Тибқи маълумотҳои ҷамъовардашуда дар солҳои 2013-2014 ва таҳияи модели дурнамо дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи динамикӣ дурнамои сабабҳои нигоҳдории амонат аз рӯйи асъор дар бонк ба таври зерин пешбинӣ шудааст: боварӣ доштан ба бонк – 3225 нафар, даромад овардан – 2680 нафар, гирифтанаш осон будан – 765 нафар, барои нигоҳ доштан – 886 нафар ва дигар (-2134 нафар).




**Диаграммаи 10. Дурнамои сабабҳои нигоҳдории амонат аз рӯйи асъор дар бонк дар соли 2015, (нафар)**

### 4.11 Дурнамои кафолати амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳои амалкунандаи Тоҷикистон дар соли 2015

Ояндабинии кафолати амонати шаҳрвандон дар бонкҳои амалкунандаи Тоҷикистон дар соли 2015 ба тариқи зайл пешниҳод карда мешавад: ҳа – 4887 нафар ва не – 1206 нафар (ниг.ба диаграммаи 11).




**Диаграммаи 11. Дурнамои кафолати амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, (нафар)**

## 4.12 Дурнамои нигоҳдории маблағҳои пулӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ

Баҳодиҳии теъдоди респондентҳо доир ба нигоҳдории маблағҳои пулӣ дар шаклҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар соли 2015 ба таври зерин пешбинӣ шудааст: доллари нақд – 1819 нафар, амонат бо даллар (-700 нафар), дигар асъори нақд – (-350 нафар), ҷавоҳирот – (-658 нафар), тилло – 101 нафар, нуқра – (-19 нафар), сомонии нақд – 4835 нафар, амонат бо сомонӣ – 1659 нафар, амволи ғайриманқул – 271 нафар ва дигар – 327 нафар (ниг.ба диаграммаи 12).




**Диаграммаи 12. Дурнамои нигоҳдории маблағҳои пулӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ, (нафар)**

## 4.13 Дурнамои садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулӣ дар соли 2015

Садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулӣ дар соли 2015 ба тариқи зайл пешбинӣ карда мешавад: нобоварӣ ба бонк – 1023 нафар, меъёри пасти фоиз – 2284 нафар, набудани воситаҳои пулии озод – 2400 нафар, дигар – 427 нафар (ниг. ба диаграммаи 13).




**Диаграммаи 13. Дурнамои садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулӣ дар соли 2015, (нафар)**

## 4.14 Дурнамои қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015

Дурнамои теъдоди респондентҳо оид ба ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 чунин пешниҳод карда мешавад: ҳа – 1973 нафар ва не – 5012 нафар (ниг. ба диаграммаи 14).




**Диаграммаи 14. Дурнамои қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015, (нафар)**

## 4.15 Дурнамои гирифтани қарз бо ягон намуди асъор дар соли 2015

Дар соли 2015 дурнамои гирифтани қарз бо намудҳои мухталифи асъор ба тариқи зайл пешниҳод шудааст: бо сомонӣ – 2918 нафар, бо доллари ИМА – 2178 нафар, бо евро – 111 нафар, бо рубли русӣ – 310 нафар, бо дигар асъор – (-89 нафар).




**Диаграммаи 15. Дурнамои гирифтани қарз бо ягон намуди асъор дар соли 2015, (нафар)**

## 4.16 Дурнамои пардохти қарз бо ягон намуди асъор дар соли 2015

Дурнамои афзалиятнок шуморидани пардохти қарз бо ягон намуди асъор дар соли 2015 чунин аст: бо сомонӣ – 3510 нафар, бо доллари ИМА – 1687 нафар, бо евро – 145 нафар, бо рубли русӣ – 282 нафар, бо дигар асъор– (-151 нафар).




**Диаграммаи 16. Дурнамои гирифтани қарз бо ягон намуди асъор дар соли 2015, (нафар)**

## 4.17 Дурнамои вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ дар соли 2015

Оияндабинии вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ дар соли 2015 ба тариқи зайл пешниҳод карда мешавад: болоравӣ – 4157 нафар, пастравӣ – 123 нафар ва бетағйир мондан – 1987 нафар (ниг.ба диаграммаи 17).




**Диаграммаи 17. Дурнамои вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ дар соли 2015, (нафар)**

## 4.18 Дурнамои нигоҳдории намуди асъор барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ дар соли 2015

Дурнамои теъдоди респондентҳо доир ба нигоҳдории намудҳои мухталифи асъор барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ дар соли 2015 ба тариқи зайл пешниҳод карда мешавад: сомонӣ – 2001 нафар, доллари ИМА – 3416 нафар, евро – 287 нафар, рубли русӣ – 296 нафар ва дигар – (-6 нафар).




**Диаграммаи 18. Дурнамои нигоҳдории намуди асъор барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ дар соли 2015, (нафар)**

# ҚИСМИ 5.
# ТАФСИРИ МЕТОДОЛОГӢ

## 5.1. Нишондодҳои методӣ доир ба истифодаи коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ

Коэффитсиенти квадратии пешравии сохтори мутлақ ($\delta_{d1-d0}$) барои додани баҳои ҷамъбастии суръати тағйирёбии ҳиссаҳои қиёсии қисмҳои алоҳидаи маҷмӯъ имкон дода, бо формулаи зерин хисоб карда мешавад:

$$\delta_{d1-d0} = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n}(d_{ij} - d_{ij-1})^2}{n}},$$

дар ин ҷо:

$d_{ij}$ - ҳиссаи қиёсии I – и қисми маҷмӯъ дар $i$ – и давраи вақт ё ин ки дар ҳолати j – и лаҳзаи вақт;

$d_{ij-1}$- ҳиссаи қиёсии I – и қисми маҷмӯъ дар ($i$ – 1) – и давраи вақт ё ин ки дар ҳолати (j-1) – и лаҳзаи вақт.

## 5.2 Дурнамо дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи динамикӣ

Суръати тағйирёбии сатҳи қатори динамикӣ дар фосилаи муайяни вақт бо миёнаи афзоиши мутлақ тавсиф карда мешавад. Устуворнокии онро фарз карда, дурнаморо дар намуди экстрополятсияи зерин навиштан мумкин аст:

$$У_p = У_B + \overline{\Delta} L; \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо: $У_p$ - сатҳи дурнамо, $У_B$ - сатҳе, ки ҳамчун пойгоҳ (база) барои экстрополятсия қабул карда шудааст. $\overline{\Delta}$ - сатҳи миёнаи афзоиши мутлақ аз рӯи воҳиди вақт, L – давраи пешгӯӣ.

Аз афзоиши мутлақи миёна истифода бурда, барои экстрополятсия фарз карда мешавад, ки инкишофи ҳодиса аз рӯи прогрессияи арифметикӣ тағйир меёбад.

$$У_1 = У_0 + \Delta$$
$$У_2 = У_1 + \Delta = У_0 + 2\Delta$$

$$У_3 = У_2 + \Delta = У_0 + 3\Delta$$

…………………..

$$У_n = У_0 + n\Delta$$

Дар ин ҷо шакли миёнаи афзоиши мутлақ намуди зеринро мегирад:

$$\overline{\Delta} = \frac{У_n - У_0}{n} \qquad (2)$$

Фарқи байни $\overline{\Delta}$ ё ин ки $У_n - У_0$ пояи (базиси) афзоиши мутлақ мебошад. Истифодабарии миёнаи афзоиши мутлақ дар экстрополятсия, ба дурнамои синфи моделҳои «оддӣ» тааллуқ дорад.

Ҳангоми баҳодиҳӣ дурнамои $У_p$ ба сифати базиси сатҳи $У_B$, аксар вақт сатҳи охири қатори динамикӣ, ки ба давраи дурнамо бештар наздик аст, истифода бурда мешавад. Дар таҳқиқоти мазкур низ ин қоида риоя карда шудааст.

## 5.3 Нишондодҳои методӣ доир ба истифодаи нишодиҳандаҳои тағйирёбии мутлақ ва нисбӣ, сатҳи қатори динамикӣ

Қатори динамикӣ барои инъикоси инкишофи ҳодиса ва равандҳои иқтисодӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои бонкию молиявӣ аз як лаҳзаи вақт то дигар истифода бурда мешавад. Дар асоси таҳлили қаторҳои динамикӣ тамоюли асосии тағйирёбии ҳодисаҳо ошкор карда шуда, моделҳои дурнамоии инкишофи онҳо истифода шудаанд.

Дар таҳлили қаторҳои динамикии хизматрасониҳои бонкӣ – молиявӣ нишондиҳандаҳои зерин истифода бурда шудаанд.

1. миёнаи сатҳи қатори динамикӣ ($\overline{y}$):

$$\overline{y} = \frac{\sum yi}{n},$$

дар ин ҷо: $y_1$, $y_2$, $y_3$,… $y_n$ - сатҳи қатори динамикӣ;

$n$ - миқдори сатҳи қатор.

2. афзоиши мутлақи базисӣ ($\Delta_i^Б$):

$$\Delta_i^Б = y_i - y_1,$$

дар ин ҷо: $y_i$ - сатҳи қатори ҷорӣ (i):

$y_1$ - сатҳи якуми қатори динамикӣ, ки ҳамчун базаи муқоиса қабул шудааст.

3. суръати афзоиши базисӣ ($T_i^Б$):

$$T_i^Б = \frac{\Delta_i^Б}{y_1} \cdot 100\%$$

ё ин ки

$$T\Delta_i^Б = T_i^Б - 100\%,$$

дар ин ҷо:

$$T_i^Б = \frac{y_i}{y_1} \cdot 100\%.$$

Дар таҳқиқоти қаторҳои динамикии хизматрасониҳои бонкӣ - молиявӣ нишондиҳандаҳои дар боло номбаршуда бо тарзи зерин ҳисоб карда шудаанд:

1. Миёнаи сатҳи қатори динамикӣ ($\overline{y}$):

$$\overline{y} = \frac{y_{2013} + y_{2014}}{2};$$

2. Афзоиши мутлақи базисӣ ($\Delta_i^Б$):

$$\Delta_i^Б = y_{2014} - y_{2013};$$

3. Суръати афзоиши базисӣ ($T_i^Б$):

$$T_i^Б = \frac{\Delta_i^Б}{y_{2014}} \cdot 100\%.$$

# ҚИСМИ 6
# ЗАМИМА: ҶАДВАЛҲОИ ҶАМЪБАСТИИ МАЪЛУМОТ ДАР СОЛҲОИ 2013-2014, ВАРАҚАҲОИ КОРКАРДИ МАЪЛУМОТИ ПУРСИШ ДОИР БА НОҲИЯҲО, ВИЛОЯТҲО ВА ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 6.1. Замимаи 1: Рӯйхати пурсишгарон

***Рӯйхати***

*устодон ва кормандони ДМИТ, ки дар пурсиш ва тадқиқоти илмӣ оид ба «Баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ширкат намуданд*

| № | Ному насаб | Вазифа | Макони гузарони-дани пурсиш | Рақами телефон |
|---|---|---|---|---|
| **Шаҳри Душанбе** | | | | |
| 1 | Нуров Ш. | муаллим | ш. Душанбе | 917-11-33-15 |
| **Вилояти Суғд** | | | | |
| 2 | Пулодов Р. | муаллим | ш. Хуҷанд | 918-38-92-37 |
| 3 | Шукуров С. | муаллим | н. Панҷакент | 927-29-84-84 |
| 4 | Ғафуров Ғ. | муаллим | н. Масчоҳ | 918-87-62-88 |
| 5 | Раҳматов Б. | муаллим | н. Истаравшан, | 927-02-36-86 |
| 6 | Бобомуродов П. | муаллим | н. Айнӣ | 935-99-53-83 |
| 7 | Миразизов А. | муаллим | н. Исфара | 907-76-71-20 |
| **Вилояти Хатлон** | | | | |
| 8 | Давлатов Б. | муаллим | н.Данғара | 918-70-72-75 |
| 9 | Азизов Б. | муаллим | н. Балҷувон | 917-94-98-79 |
| 10 | Низомов Ҷ. | донишҷӯ | н. Ховалинг | 985-03-50-60 |
| 11 | Одинаев Ф. | муаллим | н. Ҳамадонӣ | 918-80-90-89 |
| 12 | Хакимов З | муаллим | н. Шахритус | 917-50-57-75 |
| 13 | Бурҳонов Б.Ҷ. | муаллим | н. Вахш | 919-32-49-22 |
| 14 | Сандалов Ҳ. | муаллим | н. Қумсngир | 936-01-33-32 |
| **ВМКБ** | | | | |
| 15 | Диловаров М. | муаллим | н. Ванҷ | 918-61-87-93 |
| 16 | Қаландаршоев С. | муаллим | ш. Хоруғ | 951-53-33-98 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 17 | Шерозӣ А. | муаллим | н. Роштқалъа | 935-23-23-17 |
| 18 | Саъдонов А. | муаллим | н.Мурғоб | 935-04-08-02 |
| **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ)** | | | | |
| 19 | Муқимов Қ. | муаллим | н. Рашт | 988-00-40-28 |
| 20 | Булулов Д. | муаллим | н. Ҷиргатол | 918-16-16-77 |
| 21 | Юнусов А. | муаллим | н. Нуробод | 951-91-15-15 |
| 22 | Қодиров Ҷ. | муаллим | н. Турсунзода | 918-67-67-49 |
| 23 | Холиқулов Р. | муаллим | н. Рӯдакӣ | 919-70-40-46 |
| 24 | Холов Р. | донишҷӯ | н. Варзоб | 985-24-96-95 |
| **Ҳамагӣ: Шумораи пурсишгарон 24 нафар** | | | | |

## 6.2 Пурсишномаи шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**1. Маълумоти умумӣ оид ба шахси пурсидашаванда:**

***1.1. Ҷинс:***
☐ мард
☐ зан

***1.2.Синну сол:***
16 – 25 ☐ 26 – 35 ☐ 36 - 45
46 – 55 ☐ 56 – 65 ☐ 66 - 75
76 ва аз он боло ☐

***1.3.Макони зист:***
шаҳр ☐
шаҳрак ☐
деҳот ☐

***1.4.Вазъи оилавӣ:***
оиладор ☐
муҷаррад ☐
аз зан (шавҳар) ҷудошуда ☐

***1.5. Аъзоёни оила:***
шахсе, ки аввал пурсида шудааст____________________________
шавҳар ☐ бародар ☐ падар ☐
писар ☐ домод ☐ хешу табор ☐
завҷа ☐ хоҳар ☐ модар ☐
духтар ☐ келин ☐ бегона
ҷамъи аъзоёни оила________*(нафар)*

***1.6. Маълумот:***
олӣ ☐ олии нопурра ☐ миёнаи махсус ☐ ибтидоии касбӣ - техникӣ ☐ миёнаи умумӣ ☐
дигар ___________________ ☐ ҷавоб
*(нависед)*
мушкил аст ☐

***1.7. Соҳаи шуғл:***
☐ хизмати давлатӣ
☐ хизматрасонии маишӣ ☐
☐ иқтисодӣ ва молия ☐ хизматрасонии хӯроки умумӣ ☐
☐ кишоварзӣ ☐ хонанишин ☐

***1.8. Вазифа:***
☐ хизматчӣ нафақахӯр
☐ соҳибкор дигар_____
*(нависед)*
☐ коргари кироя
☐ худкордеҳ ҷавоб

☐ тиҷорат ☐ дигар______________________ ☐ мушкил аст
☐ нақлиёт (нависед) ☐
☐

***1.9. Ихтисос:***
аз рӯи рамз: ☐ ☐ ☐ дигар______________________________
(*нависед*)

**2. Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чанд сомонӣ аст?**
100 то 1000 ☐ аз 1000 то 2000 ☐
аз 2000 то 3000 ☐ аз 3000 то 4000 ☐
4000 ва зиёд ☐

**3. Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?**
то 10% ☐ аз 10 то 20% ☐
аз 20 то 30% ☐
30% ☐ ва зиёда аз он ☐

**4. Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои дигар даромад мегиранд, кадомҳоянд?**
аз корҳои мавсимӣ ☐ аз хешовандони муқими дигар кишвар ☐ аз фарзандон ☐ аз дӯстон ☐ аз нафақа ☐ аз ёрӣ ва кӯмаки дӯстон ☐
дигар ☐

**5. Интиқоли маблағҳои пулие, ки Шумо аз хориҷа мегиред, асосан аз кадом кишварҳо мебошад:**
Русия ☐ Қазоқистон ☐
Белорус ☐ Дигар ☐

**6. Интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро Шумо бо кадом роҳ мегиред?**
ба воситаи бонк ☐ ба воситаи ширкат ☐ (ташкилот)
ба воситаи шахсони алоҳида ☐
дигар восита ☐

**7. Шумо асъори нақди хориҷиро ба кадом мақсад сарф менамоед?**
хариди маҳсулоти озуқа ва хизматрасониҳои маишӣ ☐ хариди хона ☐
хариди автомобил ☐
гузаронидани тӯй ва маърака ☐ соҳибкорӣ ☐ амонатгузорӣ ☐ хариди тилловарӣ ☐
хариди саҳмия (дигари коғазҳои қиматнок) ☐ дигар ☐

**8. Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморед?**
сомонӣ ☐ доллари ИМА ☐ евро ☐ рубли русӣ ☐ дигар асъор ☐

**8.1. Бо кадом сабаб Шумо нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморед?**
курби устувор дорад ☐ даромамад меоварад ☐ ривоҷи тиҷорати берунӣ ☐ ривоҷи тиҷорати дохилӣ ☐ дигар ☐

**9. Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи пасандозро афзалиятноктар мешуморед?**
сомонӣ ☐ доллари ИМА ☐ евро ☐ рубли русӣ ☐ дигар асъор ☐

9.1. **Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед?**
боварӣ ба бонк ☐ даромад меоварад ☐ гирифтан осон аст ☐ нигоҳ доштан ☐ дигар ☐

**10. Оё Шумо медонед, ки дар бонкҳои амалкунандаи Тоҷикистон амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад?**
**1)** ҳа ☐ **2)** не ☐

**11. Шумо бо кадом шакл (нақдӣ ё ғайринақдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред?**
доллари нақд ☐ амонат бо доллар ☐ дигар асъори нақд ☐ ҷавоҳирот ☐ тилло ☐ нуқра ☐ сомонии нақд ☐ амонат бо сомонӣ ☐ амволи ғайриманқул ☐ дигар ☐

**12. Аз нигоҳи Шумо, садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулии Шумо дар чист?**
нобоварӣ ба бонк ☐ набудани воситаҳои пулии озод ☐
меъёри пасти фоиз ☐ дигар ☐

**13. Дар оилаи Шумо ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст? (мисол, харидорӣ тариқи қарз):**
Ҳа ☐ Не ☐

**14. Бо кадом намуди асъор гирифтани қарзро афзалиятноктар мешуморед?**
сомонӣ ☐ доллари ИМА ☐ евро ☐ рубли Русия ☐ дигар ☐

**15. Бо кадом намуди асъор пардохти қарзро афзалиятноктар мешуморед?**
сомонӣ ☐ доллари ИМА ☐ евро ☐ рубли Русия ☐ дигар ☐

**16. Вазни қиёсии асъори хориҷии нақдина, ки Шумо чанд соли охир доштед?**

**1)** Болоравӣ ☐ **2)** Пастравӣ ☐ **3)** Бе тағйир монд ☐

**17. Дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагии Шумо нигоҳдории кадом намуди асъорро афзалиятноктар медонед?**
сомонӣ ☐ доллари ИМА ☐ евро ☐ рубли Русия ☐ дигар ☐

**6.3 Роҳнамо дар хусуси тартиби гузаронидани пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# РОҲНАМО
## ДАР ХУСУСИ ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ПУРСИШИ ШАҲРВАНДОН ОИД БА БАҲОДИҲИИ МУОМИЛОТИ АСЪОРИ НАҚДИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе – 2014**

Замимаи 1 ба фармоиши
Раиси Бонки миллии Тоҷикистон
аз 1 августи соли 2014, №2498/172

**Роҳнамо**
доир ба тартиби гузаронидани пурсиши шаҳрвандон
оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Роҳнамо «Доир ба тартиби гузаронидани пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи Шартномаи басташудаи БМТ ва ДМИТ аз 30 июли соли 2014, №172-308 таҳия шудааст.

## 1. Қоидаҳои умумӣ

1. Пурсиши шаҳрвандон оид ба муайян кардани вазъи муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 август то 1 сентябри соли 2014 дар ноҳия ва шаҳрҳои интихобшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (замима мегарад) гузаронида мешавад. Пур кардани пурсишнома (анкета) аз тарафи пурсишгарон (инвертюер) дар соати 8 пагоҳии 22 август оғоз ёфта, 10 рӯз давом мекунад (то худи 1 сентябр ва соати 10 шаб анҷом меёбад).

2. Объектҳои асосӣ ҳангоми пурсиши шаҳрвандон оиди ба муайян кардани муомилоти асъори нақди хориҷӣ инҳо мебошанд:

Шахс – шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимӣ дар қаламрави ноҳия ва шаҳрҳои интихобшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сукунат дорад.

Ҷои истиқомати доимӣ – ҳамон маҳалли аҳолинишин, хона, ҳуҷра ба ҳисоб меравад, ки пурсидашаванда (респондент) қисми зиёди вақти худро дар он мегузаронад.

Оила –иттиҳоди одамон, ки дар никоҳи расмӣ ё хешигарӣ асос ёфта, бо ҷавобгарии байниҳамдигарӣ ва ягонагии маишӣ пайваст мебошанд.

Хонавода – як шахс ё ҷамъи шахсоне, ки дар як бинои зист ё қисми он зиндагӣ карда, танҳо ё дар якҷоягӣ худро бо маҳсулоти хӯрока ва дигар воситаҳои зарурии зиндагӣ таъмин мекунанд.

3. Пурсишнома (анкета) аз тарафи пурсишгарон бо роҳи пурсиши шаҳрвандон бе талаби ягон ҳуҷҷат пур карда мешавад.

4. Пур кардани ҷавобҳо дар пурсишнома (анкета) дар намуди қайди калимаҳо ё бо рақамҳо ва бо гузоштани аломатҳо мувофиқ ба гуфтаҳои рамзҳо амалӣ мегардад.

Қайдҳо дар пурсишнома бо худнавис (ручка) иҷро карда мешаванд. Худнавис бояд сиёҳи гелдор бошад, ки ба пурсишгар махсус дода мешавад. Ба пурсишгарон истифода бурдани дигар намуди худнавис манъ карда мешавад. Дар ҳолати вайрон ё гум шудани худнавис ҳатман ба дастурдиҳанда – нозир муроҷиат кардан зарур аст.

Агар ҷавобҳо ба саволҳои варақаи пурсишнома бо калима ва ё рақамҳо навишта шаванд, пас ин навиштаҷот дар ҷойи барои ин савол ҷудошуда ё росткунҷаҳое, ки барои аломатгузории аломатҳо (рақамҳо) пешбинӣ шудаанд, гузошта мешавад.

Навиштани рақамҳо ва гузоштани аломатҳоро мувофиқи намунаҳои зерин иҷро намоед:

1 2 3 4 5 6 7 8 9 0 ☒

5. Боэътимодӣ ва сифати маълумотҳои ҷамъоваришаванда аз рӯи саволҳои пурсишнома дар ҳамаи мавридҳо аз рафтори пурсишгар (интервюер) вобаста аст. Пурсишгар дар вақти пешниҳоди пурсишнома (анкета) нисбат ба шахси пурсидашаванда (респондент) бояд хушмуомила бошад. Пурсишгар уҳдадор аст, ки ба респондент дар вохӯрии аввал мақсад ва аҳамияти пурсишро фаҳмонида, баъдан тарзи пур кардани пурсишномаро (анкета) нишон диҳад.

6. Пурсишгар (интервюер) ҳуқуқ надорад респондентро маҷбур намояд, ки ба саволҳои пурсишнома ҷавоб диҳад. Агар респондент аз ҷавоб додани саволҳои пурсишнома худдорӣ намояд, он гоҳ пурсишгар аз вай танҳо бо истифодаи истилоҳотҳои «бубахшед», «ихтиёрӣ аст» ва ғайра хайру манзур намояд. Агар респондент барои ҷавоби ягон саволи пурсишнома ба мушкилӣ дучор ояд, он гоҳ ба пурсишгар лозим меояд, ки ба варианти ҷавобҳо рӯшанӣ андозад (пурсишгар ҳуқуқ надорад, ки ба ҷои респондент ҷавоби саволҳоро бо хоҳиши худ интихоб карда, дар пурсишнома қайд намояд).

7. Баъд аз пур кардани саволҳои пурсишнома, пурсишгар ҳатман хонапуркунии ҳар як саволро аз назар гузаронад. Дар ҳолати ошкор гар-

дидани ҷои хонапуркунии холимонда, пурсишгар аз респондент бо майли том хоҳиш намояд, ки онро пур намояд.

8. Дар хотима, баъди анҷом ёфтани раванди пурсиш, интервюер (пурсишгар) барои иҷрои кори мазкур ба респондент изҳори миннатдорӣ карда хайру хуш намояд.

**Қисми 1**

Мақсад ва вазифаҳои пурсишнома, тартиби гузаронидани пурсиш, қоидаҳои пур кардани пурсишнома ва шарҳу эзоҳи иловагӣ

**1. Мақсад ва вазифаҳои пурсишнома**

Гузаронидани пурсиши шаҳрвандон оид ба муайян кардани ҳаҷми асъори нақди хориҷӣ дар муомилоти пулӣ барои иҷрои мақсадҳои зерин нигаронида шудааст:

1.1. муқаррар намудани таносуби байни даромади сарикасии моҳонаи пурсидашавандагон (минбаъд - респондентон) бо сомонӣ ва асъори нақди хориҷӣ;

1.2. тафриқабандии респондентҳо ба гурӯҳҳо аз рӯи сатҳи даромади умумии моҳона дар оила (хоҷагии хонагӣ);

1.3. муайян намудани сатҳи долларизатсияи оила (хоҷагии хонагӣ);

1.4. муайян кардани ҳиссаи интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар аз ҳисоби резидентҳо ва ғайрирезидентҳо барои таҳияи тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

1.5. муқаррар намудани сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ дар манотиқи кишвар;

1.6. муқаррар намудани иҷрои пурраи вазифаи пул (сомонӣ) – ҳамчун воситаи муомилот дар бозори истеъмолии мол ва хизматрасониҳо;

1.7. муайян намудани самти истифодабарии асъори нақди хориҷӣ дар сатҳи оила (хоҷагии хонагӣ);

1.8. муайян намудани дараҷаи боварии респондентҳо ба пули миллӣ (сомонӣ) ва асъори нақди хориҷӣ дар солҳои оянда;

1.9. андешидани чораҳои зарурӣ аз тарафи БМТ баҳри паст кардани долларизатсияи иқтисодиёт ва тавarrуми пул, таъмин кардани устувории қобилияти харидории дохилӣ ва берунаи сомонӣ.

Барои иҷрои амалии мақсадҳои дар боло зикргардида иҷрои вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

– ҷамъоварии маълумоти умумӣ оид ба респондент;

– ҷамъоварии маълумот доир ба масъалаҳои сатҳи долларизатсияи оила (хоҷагии хонагӣ);

– ҷамъоварии маълумот оид ба масъалаҳои фонди кафолати амонатҳои (депозитҳои) респондентҳо;

– гирд овардани маълумот доир ба қарздории оила (хоҷагии хонагӣ), афзалиятноктар шумо434идани қарз бо асъори хориҷӣ ё ин ки пули миллӣ (сомонӣ) ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии респондентҳо аз рӯи нигоҳдорӣ (ғункунии) пул бо пули миллӣ (сомонӣ) ва асъори нақди хориҷӣ.

## 2. Тартиби гузаронидани пурсиш

1. БМТ бо ДМИТ дар пурсиш (тадқиқот), ки 10 рӯз давом меёбад, иштирок намуда, ба муштариён (минбаъд - “респондентҳо”) пурсишнома пешниҳод менамояд.

2. ДМИТ барои гузаронидани пурсиш гурӯҳи корӣ ташкил менамояд. Гурӯҳи корӣ ба шахсони дар пурсиш иштироккунанда (респондентҳо) мақсади гузаронидани пурсиш (таҳлил), инчунин Қоидаҳои пур кардани пурсишномаро мефаҳмонад.

3. ДМИТ баъди ҷамъбаст пурсишномаҳои пуркардашударо коркард намуда, аз рӯи онҳо ба БМТ ҳисоботи ҷамъбастӣ пешниҳод менамояд.

4. Барои ҳалли мушкилот, дархост ё дигар масъалаҳо оид ба гузаронидани пурсиш аз БМТ Идораи омор ва тавозуни пардохт масъул мебошад.

## 3. Қоидаҳои пур кардани пурсишнома

1. Барои гузаронидани пурсиш гурӯҳи корӣ дар ноҳияҳо, аз ҷумла маҳалҳо, бозорҳо, корхонаҳо ва дигар мавзеъҳо ба шахси дар пурсиш иштироккунанда пурсишномаро пешниҳод менамояд.

2. Шахси дар пурсиш иштироккунанда (респондент) бояд бо диққат пурсишномаро омӯхта, ба ҳар савол як ё ин ки ду ва зиёд ҷавобро интихоб намояд.

3. Шахси дар пурсиш иштироккунанда (респондент) баъд аз пур кардани пурсишнома онро ба гурӯҳи корӣ бармегардонад.

4. Дар пурсишнома номи шахс қайд карда намешавад ва пур кардани пурсишнома ихтиёрӣ мебошад.

## 4. Шарҳу эзоҳи иловагӣ

БМТ якҷоя бо ДМИТ бо мақсади муайян намудани дараҷаи муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар иқтисоди кишвар пурсиш (таҳқиқ) мегузаронад.

Ҳадаф аз гузаронидани ин пурсиш муайян кардани ақидаи аҳолӣ нисбати истифодаи асъори нақди хориҷӣ, ҳолати имрӯзаи хизматрасониҳои бонкӣ ва ошкор намудани камбудию норасоиҳо, қобилияти гардиши асъори хориҷӣ дар муомилоти кишвар нисбати пули миллии сомонӣ, мебошад.

Пурсиши мазкур имкон медиҳад, ки мушкилоту норасоиҳои мавҷуда оид ба пурра истифода нашудани пули миллии сомонӣ дар амалиётҳои гуногуни иқтисодӣ ошкор гардад ва ҳаҷми асъори нақди хориҷии дар гардишбуда ҳисоб ва муайян карда шавад.

## Қисми II
## Шарҳи пуркунии саволҳои пурсишнома (анкета)

### 2.1. Шарҳи саволи «Маълумоти умумӣ оид ба шахси пурсидашаванда»

Саволи маълумоти умумӣ оид ба шахси пурсидашаванда аз 9 зерсаволи зерин: ҷинс, синну сол, макони зист, вазъи оилавӣ, аъзои оила, маълумот, соҳаи шуғл, вазифа ва ихтисоси онҳо иборат аст.

Ба зерсаволҳои 1.1 – 1.4 ва 1.6.-1.8 танҳо ба яке аз ҷавобҳои дахлдори овардашуда аломат гузоред. Мисол:

1.1Ҷинс:

Мард - ☒

Зан - ☐

Ба зерсаволи 1.5 – “□ъзои оила” аз шахси аввалини аъзои оила (хонавода) ҷавобҳои саволнома пурсида мешаванд, зерсаволҳои 1.6 – маълумот, 1.7 – соҳаи шуғл ва 1.8 – вазифаи вай аломатгузорӣ карда шуда, зерсаволи 1.9 – ихтисоси он мувофиқи Замима ба пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори накди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ракамгузорӣ карда мешавад. Дар ҳолати набудани рамзи ихтисос ба таври хаттӣ дар зербанди дигар (- дигар) сабт карда мешавад.

Мисол, шахсе, ки аввал пурсида шудааст, писари оила аст. Он гоҳ зерсаволҳои 1.5 – 1.9 чунин хонапурӣ карда мешавад:

**1.5 Аъзои оила:**

Писар - ☒

**1.6 Маълумот:**

Олӣ - ☒

**1.7 Соҳаи шуғл:**

Иқтисодӣ ва молия - ☒

**1.8 Вазифа:**

Хизматчӣ - ☒

**1.9 Ихтисос:**

Аз рӯи рамз | 1 | 4 |

## 2.2. Шарҳи саволи “Даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо дар ҳудуди чанд сомонӣ аст?”

Пеш аз ин саволро додан, пурсишгар бояд ба шахси пурсидашаванда намудҳои даромади умумии зеринро номбар намояд:

- музди кор аз фаъолияти меҳнатӣ;
- даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва наздиҳавлигӣ;
- идрорпулӣ (стипендия);
- нафақапулӣ;
- ёрдампулӣ;
- таъминоти давлатӣ;
- пасандозҳо, ҳаққи саҳм, фоизҳо;
- даромад аз моликият;

- даромад аз аъзои оила, ки дар дигар давлатҳо кор мекунанд;
- даромад аз ҳисоби сарпарастӣ, алимент;
- дигар манбаъ.

Баъд аз шиносоӣ бо намудҳои даромад, аз пурсидашаванда (респондент) бо эҳтиром хоҳиш карда шавад, ки ӯ дар бораи ба ҳисоби миёна чанд сомонӣ будани даромади умумии моҳонаи оилаашон ҷавоб гӯяд.

Мисол:

аз 1000 то 2000 ☒

Нисбати манбаҳои даромади оила талаби ҳама гуна ҳуҷҷат қатъиян манъ аст.

### 2.3 Шарҳи саволи “Чанд ҳиссаи (фоизи) даромади умумии моҳонаи оилаи Шумо аз ҳисоби маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда аст?”

Пурсишгар (интервюер) баъд аз муайян кардани ҳаҷми даромади умумии моҳонаи оилаи пурсидашаванда (респондент) метавонад бо тарзи зайл саволгузорӣ намояд: чанд ҳисса (фоиз) – и даромади умумии моҳонаи оила ё хонаводаи Шуморо маблағҳои пулии аз кишварҳои хориҷӣ воридшаванда, ташкил медиҳад?

Дар ин ҷо пурсишгар метавонад ба шахси пурсидашаванда барои ҳисоб намудани ҳисса (фоиз) – и маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда, бо роҳи овардани мисоли зерин кӯмак расонад:

Даромади моҳонаи оилаи шахси пурсидашаванда дар моҳи август 2000 сомониро ташкил медиҳад. Дар ҳамин моҳ, яке аз фарзандҳои респондент, ки берун аз Тоҷикистон ҳамчун коргари мавсимӣ дар Росия фаъолияти меҳнатӣ дорад, ба андози $ 300 (сесад) доллари ИМА ба ин оила маблағи пулӣ интиқол менамояд. Он гоҳ, даромади умумӣ баробар аст:

2000 сомонӣ + (300 доллари ИМА х 4,89 сомонӣ) –
=2000 сомонӣ + 1467 сомонӣ = 3467 сомонӣ.

Ҳиссаи маблағи аз хориҷи кишвар воридшуда баробар аст:

$$\frac{1467\,сомони}{3467\,сомони}\cdot 100\% = 42,3\%$$

Ҳиссаи (фоизи) маблағи аз хориҷи кишвар воридшуда дар варақаи пурсиш (анкета) бо ишораи аломати зерин қайд карда мешавад:

30 –зиёда ☒

### 2.4 Шарҳи саволи "Манбаи маблағҳои пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои хориҷӣ даромад мегиранд, аз кадом ҳисоб аст?"

Пас аз аломатгузории саволи 3, пурсишгар (интервюер) метавонад барои рӯшанӣ андохтани ҷавоби саволи 4 ба респондент чунин муроҷиат намояд: маблағҳое пулие, ки оилаи Шумо аз кишварҳои хориҷӣ мегирад, асосан аз кадом ҳисоб аст:

– коргарони мавсимӣ, яъне аъзои оила (хонавода), ки дар муҳлати камтар аз як сол дар кишварҳои хориҷӣ фаъолияти меҳнатӣ дошта, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд;

– аз хешовандон ва дӯстон, ки берун аз кишвар истиқомат дошта, резиденти ҳамон мамлакат мебошанд;

– дигар манбаҳо, яъне воридшавии даромади пулӣ, аз ҳисоби амонатгузорӣ дар бонкҳои хориҷӣ, сармоягузорӣ, ба иҷора додани амвол ва ғайра.

Баъд аз муайян кардани манбаи маблағҳои пулие, ки оила (хонавода) аз кишварҳои хориҷӣ даромад мегирад, яке аз варианти ҷавобҳо интихоб карда шуда, аломатгузорӣ карда мешавад.

Мисол:

аз даромади коргарони мавсимӣ - ☒

### 2.5 Шарҳи саволи "Интиқоли маблағҳои пулие, ки Шумо аз хориҷа мегиред, асосан аз кадом кишварҳо мебошанд?"

Ба ин савол шахси пурсидашаванда (респондент) метавонад як ё зиёд кишварҳоро номбар намуда, ҷавоб гӯяд. Мисол, оилаи шаҳрванди ноҳияи Ҳисор аз 7 нафар иборат буда, фарзанди калонӣ дар шаҳри Москва истиқомат дорад ва фарзанди дуюм ҳамчун коргари мавсимӣ дар шаҳри Бишкек (Ҷумҳурии Қирғизистон) фаъолият мекунад. Онҳо ҳар моҳ ба оилаашон маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд.

Он гоҳ ба пурсишгар (интервюер) лозим меояд, ки дар варақаи пурсиш (анкета) бо тарзи зерин аломатгузорӣ намояд:

Русия – ☒
Дигар - ☒

## 2.6 Шарҳи саволи “Интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро Шумо бо кадом роҳ мегиред?”

Шахси пурсидашаванда (респондент) метавонад як ва ё зиёд роҳҳои дастрас кардани маблағҳои пулии аз хориҷа воридшавандаро номбар намояд.

Мисол:

ба воситаи бонк ☒
ба воситаи шахсони алоҳида ☒

## 2.7 Шарҳи саволи “Шумо асъори нақди хориҷиро ба кадом мақсад сарф менамоед?”

Респондент метавонад як ва якчанд мақсади сарф намудани асъори хориҷиро аз саволнома ба варианти ҷавобҳо муайян карда, аломатгузорӣ намояд.

Мисол:

хариди хона - ☒
амонатгузорӣ - ☒

## 2.8 Шарҳи саволи “Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморед?”

Респондент метавонад як ва зиёда варианти ҷавобҳоро интихоб намуда, дар саволнома (анкета) аломатгузорӣ намояд. Мисол:

сомонӣ – ☐
доллари ИМА - ☐

### 2.8.1 Шарҳи саволи "Бо кадом сабаб Шумо нигоҳ доштани маблағи нақдиро афзалиятноктар мешуморед?"

Пас аз муайян кардани варианти ҷавобҳои саволи 8, пурсишгар ба таври хоса аз респондент хоҳиш намояд, ки ба саволи мазкур ҷавоб диҳад. Варианти ҷавобҳо метавонад як ва зиёд бошад. Мисол:

даромад меоварад - ☒

дигар - ☒

### 2.9 Шарҳи саволи "Шумо бо кадом намуди асъор нигоҳ доштани маблағи пасандозро афзалиятноктар мешуморед?"

Пеш аз пур кардани варианти ҷавобҳо дар варақаи пурсиш (анкета), ба пурсишгар лозим меояд, ки ба шахси пурсидашаванда пасандози ягон намуди асъорро тибқи савол 10 – и пурсишнома фаҳмонад. Пас аз он, респондент метавонад варианти ҷавобҳоро интихоб карда, ба саволи пурсишнома аломатгузорӣ намояд. Варианти ҷавобҳо мумкин як ва зиёд бошад.

Мисол:

сомонии нақд – ☒

амонат бо сомонӣ - ☒

### 2.9.1 Шарҳи саволи "Бо кадом сабаб пасандозро бо ин асъор дар бонк гузоштед?"

Агар шахси пурсидашаванда (респондент) ягон намуди асъорро хамчун амонат дар бонк нигоҳ дорад, ба пурсишгар лозим меояд, ки сабаби амонатгузории асъори мазкурро тибқи варианти ҷавобхои додашудаи пурсишнома (анкета) муайян намояд. Варанти ҷавобхо мумкин аст як ва зиёд бошад.

Мисол:

даромад меоварад - ☒

дигар – ☒

### 2.10 Шарҳи саволи “Оё Шумо медонед, ки дар бонкҳои амалкунандаи Тоҷикистон таъмини бехатарии амонатҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад?”

Агар шахси пурсидашаванда (респондент) доир ба кафолати таъмини бехатарии амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳо амалкунандаи Тоҷикистон маълумот (огоҳӣ) дошта бошад, пас вай дар варақаи пурсиш аломати

“Ҳа – ☒“, ва баръакс “Не ☒“ мегузорад.

### 2.11 Шарҳи саволи “Шумо дар кадом шакл (нақдӣ ё ғайринақдӣ) маблағҳои пулиатонро нигоҳ медоред?”

Пурсишгар ба шахси пурсидашаванда (респондент) ба варианти ҷавобҳо рӯшанӣ андохта, пас аз он хоҳиш намояд, ки як ва зиёда ҷавобҳоро интихоб намуда, аломатгузорӣ намояд.

Мисол:

доллари нақд - ☒

амонат бо доллар - ☒

### 2.12 Шарҳи саволи “Аз нигоҳи Шумо садди роҳи нигоҳдории маблағҳои пулии Шумо дар чист?”

Респондент метавонад ба як ё зиёд варианти ҷавобҳо аломатгузорӣ намояд.

Мисол:

нобоварӣ ба бонк - ☒

дигар – ☒

### 2.13 Шарҳи саволи “Дар оилаи Шумо ягон намуди қарздорӣ дар назди бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст” (мисол, харидори тариқи қарз)?

Агар дар оилаи (хонаводаи) шахси пурсидашаванда (респондент) ягон намуди қарздорӣ дар назди ягон бонк вуҷуд дошта бошад, пас дар варақаи пурсиш аломати ҳа, ва баръакс аломати не гузошта мешавад.

☒ ☒

## 2.14 Шарҳи саволи “Бо кадом намуди асъор гирифтани қарзро афзалиятноктар мешуморед?”

Респондент (шахси пурсидашаванда) метавонад озодона яке аз варианти ҷавобҳоро интихоб намуда, дар саволномаи пурсиш аломатгузорӣ намояд.

Мисол:

Сомонӣ - ☒

## 2.15 Шарҳи саволи “Бо кадом намуди асъор пардохти қарзро афзалиятноктар мешуморед?”

Респондент (шахси пурсидашаванда) метавонад, озодона ба яке аз варианти ҷавобҳои варақаи пурсиш (анкета) аломатгузорӣ намояд.

Мисол:

Сомонӣ - ☒

## 2.16 Шарҳи саволи “Вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ, ки Шумо чанд соли охир доштед”

Вазни қиёсии асъори нақди хориҷӣ –ҳиссаи асъори мазкурро дар ҳаҷми умумии пули аҳли оила (хонавода) дар назар дорад, ки дар 3-5 соли охир кадом шакли тамоил гирифтани он, яъне майли болоравӣ, пастравӣ ё ин ки бетағйирии онро нишон медиҳад. Шахси пурсидашаванда танҳо як варианти ҷавобро интихоб намуда, дар варақаи пурсиш аломатгузорӣ менамояд.

Мисол:

Болоравӣ – ☒

## 2.17 Шарҳи саволи “Дар оянда барои беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ Шумо нигоҳдории кадом намуди асъорро афзалиятноктар мешуморед?”

Аз рӯи варианти ҷавобҳои саволи мазкур, респондент (шахси пурсидашаванда) танҳо як намуди асъорро интихоб намуда, дар саволномаи пурсиш аломатгузорӣ менамояд.

Мисол:

Сомонӣ ☒

**Ҳисобот дар хусуси пурсиши шаҳрвандон оид ба баҳодиҳии муомилоти асъори нақди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 август то 1 сентябри соли 2014 (баҳо, динамика ва дурнамо)**
**(нашри расмӣ)**

Ношир: © Бонки миллии Тоҷикистон
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 23/2
Тел / факс: +992 (44) 600-32-35; 600-32-27, E-mail: BS@nbt.tj, Интернет: www.nbt.tj.

Масъули чоп: Ниёзов М.А. – Сардори Идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон,
Солиев Н.Н. – н.и.и., дотсенти Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Тел: +992 (44) 600-31-49

Чопи компютерӣ: Раҷабов С.Т. – Роҳбари ҶДММ “ЭР – граф”

Тарҷумон: Султонов М.Б. – Сардори Шуъбаи тарҷума

Дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №641 аз 01.03.с.2004 ба қайд гирифта шудааст.
Адади нашр 500 нусха. Ба чоп супорида шуд 10.07.с.2014
Матбааи ҶДММ “ЭР-граф”, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Отчёт об опросе граждан относительно оценки обращения иностранной наличной валюты в Республике Таджикистан от 22 августа по 1 сентября 2014 года**
**(официальное издание)**

Издатель: © Национальный банк Таджикистана
Адрес: Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 23/2
Тел / факс: +992 (44) 600-32-35; 600-32-27, E-mail: BS@nbt.tj, Интернет: www.nbt.tj.

Ответственные Ниёзов М.А. – Начальник Управления статистики и
за издание: платёжного баланса Национального банка Таджикистана,
Солиев Н.Н. – к.э.н. доцент Финанвово-экономический институт Таджикистана
Тел: +992 (44) 600-31-49

Компьютерная вёрстка: Раджабов С.Т. – Директор ООО “ЭР-граф”
Переводчик: Султонов М.Б. – Начальник Отдела переводов

Зарегистрировано в Министерстве культуры Республики Таджикистан 1 марта 2004г. за №641.
Тираж 500 экземпляров. Сдано в печать 10.07.2014г.
Типография ООО «ЭР-граф» Республики Таджикистан

**Population Survey on circulation of cash foreign cuarrency in Republic of Tajikistan since August 22 till September 1 of 2014**
**(official edition)**

Publisher: © National Bank of Tajikistan
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 23/2
Tel / Fax: +992 (44) 600-32-35; 600-32-27, E-mail: BS@nbt.tj, Web site: www.nbt.tj.

Editor in chief: Niyozov M.A. – Head of Statistics and Balance of Payments Department the National Bank of Tajikistan,
Soliev N.N. – PhD in Economics sciences Finance and Economics Institute of Tajikistan
Tel: +992 (44) 600-31-49

Computers makeup: Rajabov S.T. – Manager JSC “R – graph”

Translator: Sultonov M.B. – Head of Translation Division

Registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on March 1, 2004, #641.
Circulation 500 copies. Check in one's print 10.07.2014
Printing office JSC «R-graph» Republic of Tajikistan

Код поля и
Код поля и

Ба чопаш __.05.2015 имзо шуд. Андозаи 70х100$^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Palatino Linotype. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0. Теъдоди нашр 300 нусха. Супориши №___.

ЧДММ “ЭР-граф”.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 233-17-17. E-mail: r-graph@mail.ru